**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 792.5 (091) (575.3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ЯҚУБШОЕВ АФРУЗ ХУБОНШОЕВИЧ**

# ТАЪРИХИ САНЪАТИ САҲНАВӢ, МУСИҚӢ ВА СИНАМОИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991- 2016)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**бароидарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Расулиён Қ.Р.**

**ДУШАНБЕ - 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚҚАДИМА**.....................................................................................**3**

**БОБИ 1. МАҚОМИ САНЪАТИ ТЕАТРИ ТОҶИК ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР**..........................................................................**17**

1.1. Нақши театрҳо дар инкишофи фарҳанги халқи тоҷик......................17

1.2. Саҳми фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар рушди театри касбии тоҷик ..........................................................................61

**БОБИ 2. РУШДИ ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МИЛЛИИ САНЪАТИ МУСИҚИИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ**..................................**79**

2.1. Ташаккул ва рушди мусиқии миллии халқи тоҷик дар даврони истиқлол ..............................................................................................79

2.2. Омилҳои пешрафти мусиқии халқи тоҷик .......................................109

**БОБИ 3. ДИГАРГУНИҲО ВА НАЗАРИ НАВ ДАР СИНАМОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**.......**126**

3.1. Вазъи умумии санъати синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016 ........................................................................126

3.2. Ҳамкориҳои синамогарони тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ.................147

**ХУЛОСА**.........................................................................................**162**

**НОМГӮИ АДАБИЁТ** .......................................................................**171**

# МУҚАДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пароканда шудани ИҶШС модели фарҳангие мерос монд, ки фарҳанги миллӣ бо стандартҳои умумии фарҳанги аврупоӣ, аз ҷумла фарҳанги русӣ омехта буд. Иқтидори Иттиҳоди Шуравӣ, бешубҳа, ба рушди фарҳанги ҷумҳуриҳо, бахусус, Тоҷикистон ҳам мусоидат намуд, вале Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пош хӯрдани ИҶШС ва эъломи истиқлолияти давлатӣ дар моҳи сентябри соли 1991 вобаста ба рух додани бухрони сахти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар соҳаи фарҳангу санъати саҳнавӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гашт. Зеро дар натиҷаи карахтии комили низоми ҳукмфармои сотсиалистӣ соҳаи фарҳанг низ дар рушду нумӯи худ ба бисёр монеаҳо дучор гардид. Ҳамчунин бар замми ин вазъи бuҳронӣ, ҷанги шарвандии солҳои 1992-1997 ба ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонда, мушкилотҳои нав ба навро ба бор овард.

Омӯзиш ва хулосабарориҳои масоили таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик яке аз ҷузъиётҳои муҳимми соҳаи фарҳанг мебошад, ки аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа мубрам буда, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ, синаморо фаро мегирад, ки баррасии масоили мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик мебошад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ аз он иборат аст, ки бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар соҳаи фарҳанги Тоҷикистон ҳамчунин мушкилот, камбудиҳо, норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо бе таҳлили илмӣ, баҳои воқеӣ ва тавсияҳои амалӣ аз имкон берун аст. Ҳамин тариқ, зарурати омӯзиши масъалаи мазкур дар ҷиҳатҳои зерин муайян карда мешавад: **якум,** дар санъати театрии тоҷик дар охири солҳои 90-ум дар натиҷаи душвориҳо, чанд сол театрҳои касбӣ аз фаъолияти худ боз монданд ва танҳо бо кӯшиш ва ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории театрҳо дубора барқарор карда шуда, ба мустаҳкамкунии пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Дар солҳои

истиқлолият студияҳои нав таъсис дода шуданд; **<u>дуюм,</u>** дар соҳаи мусиқӣ дар солҳои истиқлолият тағйироти назаррасе арзи ҳастӣ намуданд, вале дар ин даврон муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос аз оркестри синфонӣ, аз муассисаҳои таълимии мусиқӣ хело авҷ гирифт. Ромишгарон, овозхонҳо ва ҳунарпешаҳои опера ва балет кишварро тарк намуданд, ки дар натиҷа коллективҳои филармонии оркестрҳои симфонӣ ва камеравӣ пароканда шуданд. Вале бо вуҷуди ин тамоми мушкилоти моддӣ ва маънавӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри пешрафт ва барқароркунии соҳаи фарҳанг чораҳои амалӣ андешида, доир ба ин соҳа санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муносиб таҳия ва тасдиқ намуд; **<u>сеюм,</u>** санъати синамои тоҷик вазъияти аз ин бартаре надошт ва мушкилоту норасоиҳои ин соҳа ҳам шабеҳи санъати театрӣ мебошад. Ба ин соҳа ҳамоно кадрҳои баландихтисос, васоити техникӣ, маблағ барои таҳия ва истеҳсоли филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ намерасанд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ давра ба давра имконият пайдо намуд, ки соҳаҳои ҷудогонаи фарҳангро барқарор кунад ва онҳоро рушд диҳад. Вобаста ба беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ сол ба сол бахри барқароркунӣ ва равнақи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг маблағҳои зиёд ҷудо ва масраф карда шуданд. Бад-ин минвол мавзуи таҳқиқотии интихобшуда “Таърихи санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)” мубрам буда, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасткуниҳо барои омӯзиши нозукиҳои таърихии рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг мусоидат хоҳанд кард.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Таҳқиқоти илмии олимон-муаррихони тоҷик дар мавзӯи мазкур доир ба таҳлили ривоҷу равнақи соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми асосиро ишғол менамоянд. Бинобар ин, адабиёти илмӣ роҷеъ ба мавзӯи мазкур ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

мақолаҳо,[1] китобҳо[2], китобчаҳо[3], диссертатсияҳо[4] ва дигар маводи таълифшуда доир ба вазъи умумии санъати саҳнавӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар асарҳо, мақолаҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масоили мазкури соҳаи фарҳанг диққати ҷиддӣ зоҳир шудааст, ки дар омӯзиши мушкилоти соҳа моҳияти бузург доранд.

Ба **гурӯҳи аввал** асару мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар[5], ки дар онҳо Сарвари давлат масъалаҳои асосии таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз замонҳои қадим то муосир, истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, марҳилаҳои рушди босуботи кишвар, иҷроиши вазифаҳои стратегии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

---

[1]Раҷабов А. Таҳқиқ ва баррасии ҳунарҳои бадеӣ дар замони истиқлолият: масоили назарӣ ва дурнамои пажӯҳиш.// Конфронси илмӣ- назариявӣ, бахшида ба 20- солагии истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронс). Душанбе -2011. С.76 – 78., Табаров М.. Театр ва истиқлол. / М. Табаров. //Тоҷикистон, 2011, № 5 .С. 47-49; Раҳимов А. Шинохти миллату давлат аз фарҳанг аст. / А, Раҳимов // Тоҷикистон 2009-№ 10 С. 8-9;

[2] История таджикского народа. Том VI (Новейшая история) Глава VI – Душанбе: «Империал Групп», 2011. С. 574-593, Нурджанов Н., Кабилова Б. Музыкальное искусство Памира. в пяти книгах (на русском яз, резюме на таджикском, английском яз., с нотами) Бишкек 2015, Каримова Р. Н. Культура Таджикистана в годы независмости (1991-2011 гг.). / Р. Каримова.- Душанбе: «Дониш» -2013.С. 212; Акрамова С. Х. История и историография музыкального искусства Таджикистана в первой половине XX века. /С. Х. Акрамова, - Душанбе: ТНУ, 2015 - 144с; Акрамова С. Х. Аз таърихи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик. /С. Х. Акрамова, - Душанбе, 1997.- 150 с.

[3]Абдураҳмонов А, Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе:- “Истеъдод”.- 2012 .С. 60.

[4]Рустамов Д. А. Профессиональная традиционная песенно-музыкальная культура населения Северного Таджикистана на рубеже XX-XXI вв. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02:-Худжанд, 2012.-183 с.; Табаров М. С. Отражение исторических собитий в соврименной таджикской театральной культуре: Годы независемости. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02.: - Душанбе, 2006.- 174 с.; Муминова Х.А. Вклад женшин в развитии музыкальной куьтуры таджикистана во второй половине XX – начале XXI вв. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02.: - Душанбе, 2014.-150 с.; Табаров М. С. Отрожение исторических событий в современной таджикской театральной културе: Годы независемости. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02: Душанбе, 2006.-147с.; Абдухамидов Ф. Развитие културы Республики Таджикистана в годы независемости (1991-2016). Дис. … канд. ист. наук: 07.00.02:- Душанбе, 2016.-191с.

[5]Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э. Рахмон.- Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт ҷилд / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

ҳамкории Тоҷикистон дар доираи ИДМ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар самти барқароркунӣ ва рушди соҳаи санъати саҳнавӣ инъикос гардидааст.

Ба **гурӯҳи дуюм** мақола ва брошюраҳоеро, ки бевосита ба масъалаҳои санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол марбутанд, дохил кардан мумкин аст. Қобили зикр аст, ки Абдулҳамид Самадов дар мақолааш зери унвони “Ҳам зафар ҳам шикаст”[1] роҷеъ ба ҳаёти фарҳангии кишвар маълумоти умумӣ овардааст. Шамсидин Солеҳов доир ба рушди санъати адабиёт дар мақолааш ибрози назар кардааст.[2] Фарзонаи Файзалӣ дар бобати вазъи синамои тоҷик дар даврони истиқлолият дар мақолаҳояшон зери унвони “Дастовардҳои кинои тоҷик”, “Боз ҳамон синамо ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад”[3] ибрози андеша намудааст. Низом Нурҷонов[4] оиди масъалаҳо ва сабабҳои заифшавии фаъолияти касбии театрҳои ҷумҳурӣ дар чанд мақола фикру мулоҳизаҳои хешро баён намудааст. Ҳамчунин доир ба фаъолияти театрҳо ва озмунҳо дар ин самт, Ҳарамгули Қодир[5] дар мақолаҳояшон маълумоти ҷолиб овардааст. Нозими Нурзод[6] масъалаи алоқамандии театр бо ҳаёти иҷтимоӣ дар мақолаи худ нишон додааст. Раънои Мубориз[7] ва Қурбони Собир[8] низ вазъу ҳолати санъати тоҷик ва фарҳанги Тоҷикистонро дар мақолаҳои илмии худ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Муаллифони мазкур назари

---

[1] Самадов А.Ҳам зафар ҳам шикаст / А. Самадов. // Садои шарк. 2006.- № 4. С.13.
[2]Солехов Ш. Назаре ба адабиёти даврони истиқлолият. / Ш. Солехов. //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон . 2006. № 3. С. 72.
[3]Фарзонаи Ф. Дастовардҳои кинои тоҷик / Ф. Фарзонаи. //Ҷумҳурият. 2014. - 3 янв., Боз ҳамон Синамо ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад. //Ҷумҳурият. 2014.- 23 янв.
[4]Нурҷонов Н. Театр аз роҳбарони бемасъул то коргардонҳои заиф. / Н. Нурҷонов.//Ҷумҳурият. 2015. – 15 сент.
[5]Нозим Н. Нақши театрҳои ватанӣ ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ. / Н. Нозим. //Адабиёт ва санъат – 2015. -28 май.
[6]Ҳарамгули К. Барои ороиши саҳнаи театр мутахассисон намерасанд. /Ҳ. Кодир. // Ҷумҳурият. 2015.- 28 июл. Боз ҳамон; Дидор тарғибгари синамои ҳақиқӣ . //Ҷумҳурият. 2014. - 16 окт.
[7]Қурбони С. Театр: тамошобинро набояд зуран ба театр овард. / Қ. Собир. //Адабиёт ва санъат. 2015.– 14 май.
[8]Раънои М. Боварӣ ба адабиёт. / М. Раънои. //Адабиёт ва санъат. 2015. 9 апр.

худро роҷеъ ба дастовардҳо ва камбудиҳои соҳаҳои алоҳидаи фарҳангу санъати театр, кино, мусиқӣ ва ғайра иброз намудаанд.

Ба **гурухи сеюм** асарҳо, монографияҳо дар боби масоили гуногуни ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таълифгардидаро дохил кардан мумкин аст. Абдураҳмонов А. Абдулқайсов Ш. “Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[1], Абдурашидов А. “Роҷеъ ба вазъи санъати Шашмақом дар асри XX ва паёмадҳои рушди он дар оғози қарни XXI”[2], Каримова Р. Н. “Культура Таджикистана в годы независмости (1991-2011 гг.)”[3], Нурҷонов Н.Х., Кароматов Ф.“Музыкальная жиызн советского Таджикистана”[4], Расулиён Қ. “Нигоҳе ба равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон”[5], “Фестивал-симпозиуми байналмилалии “Фалак”[6] ва ғайраҳо. Дар ин асарҳо паҳлӯҳои гуногуни соҳаи фарҳанг ва санъати саҳнавӣ дар даврони истиқлолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ба **гурӯҳи чорум** рисолаҳои илмиеро шомил кардан мумкин аст, ки ҷиҳатҳои таърихӣ ва илмии соҳаи фарҳангро дар умум фарогир мебошад. Вазъи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро Фирдавси Абдулҳамид дар доираи мавзӯи “Инкишофи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)”[7] мавриди тадқиқот қарор дода, дар рисола масъалаҳои гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф, мақом ва вазъи соҳаҳои санъати адабиёт, мусиқӣ ва синамо дар Тоҷикистон, сарчашмаҳо, вазъ ва омилҳои рушди фарҳанги кишварро дар даврони истиқлолият

[1]Абдураҳмонов А. Абдулқайсов Ш. “Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”./ А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов, - Душанбе, “Истеъдод”, 2012. – 60 с.
[2] Абдурашидов А. Роҷеъ ба вазъи санъати Шашмақом дар асри XX ва паёмадҳои рушди он дар оғози қарни XXI. // Фарҳанги мусиқии тоҷик дар ибтидои асри XXI: авлавияти рушд. Душанбе, 2010- 39 с,
[3] Каримова Р. Культура Таджикистана в годы независмости (1991-2011 гг.). / Р. Каримова – Душанбе: «Дониш», 2013-212 с
[4]Нурджанов Н.Х., Кароматов Ф., Музыкальная жизнь советского Таджикистана,- Душанбе, 1974-1975. – 60 с.
[5] Расулиён Қ. Нигоҳе ба равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – 86 с.
[6] Фестивал-симпозиуми байналмилалии “Фалак”. Душанбе, 2004: Кӯлоб, 2006: - Душанбе, 2009. – 52 с.
[7] Фирдавси Абдулҳамид. Развитие культуры Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.). / Ф. Абдулҳамид.- Душанбе – 2016, - 191 с.

солҳи 1991-2016 мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамчунин дар диссертатсияи доктории Акрамова С.Х. масъалаи “Таърихи омӯзиши фарҳанги мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рисолаи доктории худ зери унвони “Таърихи омӯзиши фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои 1946-2016”[1] (История изучения музыкальной културы Таджикистана (1946-2016) ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин рисола муҳақиқ таърихи мероси асримиёнагии халқи тоҷик, рушди санъати касбии мусиқӣ ва иникоси он дар адабиёти илмӣ, бавуҷудоии самтҳои нав ва рушди санъати муосири мусиқии тоҷик ба таври мукаммал барраси намудааст. Дар баробари ин Б.Т. Қобилова рисолаи номзадии худро ба масъалаи “Таърихи ташаккул ва рушди санъати оҳангсозӣ дар Тоҷикистон” (История станавления развития компазиторского искусства в Таджикистане) бахшидааст, ки дар он роҷеъ ба ташаккули мактаби оҳангсозии тоҷик, мероси мусиқии тоҷикон, таърихи омӯзиши мероси мусиқии халқи тоҷик ва рушди эҷодиёти оҳангсозӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX ва даврони истиқлолият маълумот гирдоварӣ карда шудааст. Ғайр аз ин Б.Т Қобилова доир ба ҳолати мусиқии касбӣ, давраи болоравии санъати оҳангсозӣ дар солҳои 70-90, эҷодиёти оҳангсозони Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2001) маълумоти ҷолибе гирдоварӣ намудааст.[2]

Дар тадқиқи вазъи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми номзади илмҳои таърих Р. Н. Каримова [3] назаррас аст. Муаллиф дар рисолаи худ ба ҷиҳатҳои алоҳидаи соҳа таваҷҷуҳ намуда, дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ, шартномаҳои ҳукуматӣ, созмонҳо ва фондҳои гуногун рушди фарҳангро таҳлил намудааст. Дар рисолаи мазкур ба раванди амалисозӣ ва натиҷаҳои ислоҳот дар соҳаҳои фарҳанг ва маориф таваҷҷуҳи

---

[1]Композитрон ва мусиқашиносони Тоҷикистон: Маълумотнома. - Душанбе, 2011, 288 с., Акрамова С.Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946-2015 гг). Дис. … док. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 2018. – 304 с.

[2] Кабилова Б. Т. История станавления развития компазиторского искусства в Таджикистане Дис. .… канд. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 2005. – 175 с.

[3] Каримова Р. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991-2011гг.): Автореферат дис. канд. ист. наук. / Р. Каримова. - Душанбе, 2012. - 25 с.

бештар зоҳир гардидааст. Муҳаққиқ М. Ҳасанова дар рисолаи номзадиаш таҳти унвони “Ҳаёти мусиқии Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI” (Музыкальная  жизнь Таджикистана в конце XX- начале XXI вв) доир ба хусусиятҳои раванди мусиқӣ – фарҳангӣ дар Тоҷикистони солҳои 90-уми садаи XX ва рушди ҳаёти мусиқии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2011-ум маълумоти муфассал оварда аст. Ҳамчунин дар рисолаи номбурда таснифоти умумии ҳаёти мусиқӣ, фаъолияти муассисаҳои мусиқӣ, эҷодиёти оҳангсозӣ дар шароити истиқлолият, ташаккул ёфтани анъанаҳои нав дар ҳаёти мусиқӣ, фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ, таълимоти мусиқӣ ва илм инъикос карда шудааст[1].

Муаллифи дигар Ш. Арабова дар рисолаи номзадии худ “Таърихи кинематографияи тоҷик дар нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI” масъалаи ташаккул ва рушди санъати синамои давраи шӯравӣ ва солҳои истиқлолияти Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст[2].

М.Табаров таҳқиқоти илмии худро ба масъалаи рушди санъати театрӣ дар даврони истиқлолият бахшидааст. Ин рисола низ дар асоси далелҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ навишта шуда, дар он фаъолияти театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Муаллиф ба нақши саҳнавии театр ва масъалаҳои санъатшиносӣ таваҷҷуҳ карда, таҳқиқоти худро дар ин самт анҷом медиҳад.[3]

Ба **гурӯҳи панҷум** матбуоти даврӣ ва маводҳои публисистӣ дохил мешаванд. Ҳадафи таълифи ингуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳамияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Сарфи назар аз камбудию костагиҳо ин таълифот аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор буда, дар инъикоси таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаъи муҳим маҳсуб меёбанд. Ба ин гуруҳ мавод ёддоштҳои Набиев В.

[1] Хасанова М.М. Музыкальная жизнь Таджикистана в конце XX- начале XXI вв. Дис. … канд. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 2017. – 152 с.
[2] Арабова Ш. История таджикской кинематографии втрой половины XX - начала XXI вв. / Ш. Арабова, - Душанбе, 2014. – 199 с.
[3] Табаров М Театр ва истиқлолият М. Табаров. - Душанбе, 2010. – 192 с.

"Саҳми ҷавонони эҷодкор дар рушди фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол"[1], Назарова Л. "Фестиваль оркестров мира: музыкальный марафон"[2], Нурҷонов Н. "Вазъияти театри тоҷик"[3], Орипов Ш. "Парвози нави «Парасту" бо навои Андалеб"[4], Бобоев А. "Ҷаҳони тоҷикон дар шашмақом аст"[5], Расулиён Қ. "Равобити байналмилалии кинои тоҷик"[6]; "Ҳамкории филмсозони Эрону Тоҷикистон"; "Сайре дар қаламрави фарҳанги Тоҷикистон", Раҳимов С. "Нури парда", "Сукут"-и гӯё", "Давраи тоҷикистонии Муҳсини Махмалбоф", "Синергетический реализм", или таджики на "Кинотавре-24", "Нақши тоҷикон дар ҷашнвораи "Кинотавр-24"[7], Раҳимов А. "Шинохти миллату давлат аз фарҳанг аст"[8], Сангова Х. "Синамо дирӯз ва имрӯз" дохил мешаванд.[9]

Аммо бояд зикр кард, ки дар таълифоти дар боло овардашуда на ҳамаи ҷиҳатҳои рушди санъати саҳнавӣ ва умуман, фарҳанги Тоҷикистон дар замони истиқлолият ба таври васеъ омӯхта нашудаанд, ба мақоми фарҳанг ва аҳамияти тарбиявии он, масъалаи фарҳанги миллӣ, анъанаҳо ва фарҳанги ҷаҳонӣ, алоқамандии онҳо таваҷҷуҳи лозима зоҳир нагардидааст. Дар таърихнигории кишвар роҷеъ ба ислоҳоти фарҳанг ва рушди санъати саҳнавӣ, таҳлил ва арзёбии он таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудаанд.

---

[1]Набиев В. Саҳми ҷавонони эҷодкор дар рушди фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол // Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол. / В. Набиев, - Душанбе: Эҷод, 2006.

[2] Назарова Л. Фестиваль оркестров мира: музыкальный марафон. / Л. Назарова // Паёмномаи фарҳанг. – 2009, №1.- С.15.

[3] Нурҷонов Н. Вазъияти театри тоҷик. / Н. Нурҷонов // Садои Шарқ -1991, №1 – С. 121-128.

[4] Орипов Ш. Парвози нави «Парасту" бо навои Андалеб. / Ш. Орипов. // Тоҷикистон 2001, № 5.- С. 30-31.

[5] Бобоев А. Ҷаҳони тоҷикон дар шашмақом аст. / А. Бобоев // Садои мардум .-2003,25 июн.

[6] Расулиён Қ. Равобити байналмилалии кинои тоҷик // Адабиёт ва санъат. 1988, 2 ноябр; Ҳамкории филмсозони Эрону Тоҷикистон // Омӯзгор, 2001, 1 январ; Сайре дар қаламрави фарҳанги Тоҷикистон // Ҳамроз, 2001, 5 январ.

[7] Раҳимов С. "Синергетический реализм", или таджики на "Кинотавре-24" // Азия плюс,№ 46 (831), 2013, Раҳимов С. Нақши тоҷикон дар ҷашнвораи "Кинотавр-24". // Баҳори Аҷам, 17 майи соли 2013., Раҳимов С. Нури парда. Главная научная редакция Таджикской Национальной Энциклопедии. Душанбе- 2004, С. 16-19. Маърӯзаи ҳисоботии раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон Ҳақдодов С. М. барои анҷумани XI, бо таҳлили фарогири авзои кинои тоҷик дар солҳои 2011 -2015. Душанбе, 2016, С. 37.

[8] Раҳимов А. Шинохти миллату давлат аз фарҳагн аст. / А, Раҳимов // Тоҷикистон. – 2009 № 10, С.- 8-9

[9] Сангова Х. Синамо дирӯз ва имрӯз. / Х. Сангова. // Ҷумҳурият. – 2015, 15 окт

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия мутобиқи барномаҳои кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 иҷро шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот аз таҳлили вазъи кору фаъолияти театрҳо дар ҷумҳурӣ, рушди санъати саҳнавӣ дар замони истиқлолият, мақом ва нақши санъати синамо дар даврони истиқлолият, ҳолат ва натиҷагирии санъати саҳнавӣ, муайян намудани дастовардҳо ва камбудиҳо дар ин соҳа ва таҳияи тавсияҳову пешниҳодот иборат аст. Ҳамчунин ҷамъбаскунии натиҷаҳои рушди санъати театрӣ, синамо, санъати мусиқӣ ва саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016) низ мақсади таҳқиқотии фавқ маҳсуб меёбад.

Вобаста ба мақсади гузошташуда дар рисолаи илмӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

1. Баррасӣ намудани вазъи театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.
2. Муайян намудани вазъи муосир ва пешомадҳои рушди фарҳанг ва мақоми соҳаҳои санъат дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолии ҷумҳурӣ.
3. Инъикоси фаъолияти театри тоҷик ва муайян намудани душвориҳою мушкилот вобаста ба рушди он.
4. Нишон додани мақом ва нақши санъати синамо дар тарбияи фарҳангӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва дарки эстетикии шаҳрвандони ҷумҳурӣ.
5. Нишон додани саҳми мутахассисони ҷавон дар инкишофи санъати мусиқии тоҷик.

**Мавзӯи таҳқиқот:** Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016).

**Объекти таҳқиқот** Вазъият ва рушди ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2016.

**Давраи хронологии таҳқиқот** солҳои 1991-2016-ро фаро мегирад. Ин давра аз рӯйи сатҳ ва дараҷаи рушди соҳаи фарҳанг ба чунин марҳилаҳо ҷудо карда мешавад:

Солҳои 1991-2000 марҳалаи заифшавии муттасили тамоми соҳаҳои фарҳанг бо сабаби ҷанги дохилӣ дар кишвар, барқароркунӣ ва пайдоиши имкониятҳои нав барои рушди соҳаҳои фарҳанг. Солҳои 2001-2016 марҳалаи мустаҳкамкунии пояи ҳуқуқии соҳаҳои фарҳанг ва қабул гардидани барномаҳои дарозмуддати рушди фарҳанг.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии рисола.** Асарҳои олимони таърихшинос ва фарҳангшиносони маъруф ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ ба сифати асоси методологии тадқиқот мавриди истифода қарор дода шуданд. Муаллиф ҳамчунин, методи муқоисавӣ-таърихии баёни воқеии самтҳо ва марҳилаҳои асосии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият истифода намудааст. Ҳангоми таҳлили маводи аслӣ муаллиф методи муқоисавиро ба таври васеъ истифода намуда, ки барои муайян намудани хусусиятҳо ва омилҳои рушди фарҳанг имкон дод. Ғайр аз ин, ҳангоми навиштани рисола дар асоси принсипи таърихият, усулҳои айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд. Асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ-хронологӣ ташкил медиҳад, ки он ба мо имкон дод, то бартариҳои рушди соҳаи фарҳанг бахусус санъати театрӣ, мусиқӣ ва синаморо дар замони истиқлол муайян кунем.

Ҳамчунин ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ин раванд муайян карда шудаанд ва барои бартараф намудани камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта тавсияҳо ва пешниҳодҳо карда шуданд.

**Заминаҳои сарчашмавии** тадқиқотро маводи бойгонӣ, санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳисоботи соҳаҳо, маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд. Аз рӯйи тавсиф ва мазмуну мундариҷа онҳоро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум** маводи Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии ҷории Ҷамъияти тоҷикистонии дӯстӣ ва муносибатҳои фарҳангӣ дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи дуюм** санадҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯи ҳуҷҷатҳо ва нашрияҳои оморию ахборӣ дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳо, баромадҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон[1] дохил мешаванд.

Сарчашмаҳои мазкур имкон доданд, ки муаллиф ҷараёни миқдорӣ ва сифатии рушди санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

**Гурӯҳи чорум** сарчашмаҳоро маводи дар матбуоти даврӣ ба табърасида ташкил медиҳанд: маҷаллаҳои “Тоҷикистон”, “Пайёмномаи фарҳанг”, рӯзномаҳои “Баҳори Аҷам”, “Ҷумҳурият”, “Адабиёт ва санъат”[2].

**Гурӯҳи панҷуми** сарчашмаҳоро суҳбатҳо ва вохӯриҳо бо роҳбарони муасиссаҳо ва ҳунарпешаҳо ташкил медиҳанд, ки мазмуну мундариҷаи рисоларо бо маълумоти саҳеҳ ғанӣ ва пурра мегардонанд.

**Нововарии рисолаи илмӣ.** Навгонии илмӣ ва назариявии таҳқиқот дар муайянкунии хусусиятҳо ва шаклҳои рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият инъикос мегардад. Навгонии рисолаи илмиро инҳо ташкил медиҳанд:

1. Раванди дигаргуниҳо дар соҳаи фарҳанг мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

---

[1] Rahmonov, Emomali The tajiks in the mirror of history.V.1 From the Aryans to the samanids/Emomali Rahmonov.-London river editions limited Great Britain,2006.-216р.; Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих аз Ориён то Сомониён. - Душанбе: «Ирфон», 2012, 676 с.; Эмомалӣ Раҳмон Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди нуҳум . - Душанбе, «Ирфон», 2013, 632 с.; Эмомалӣ Раҳмон Истиқлолияти Точикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди даҳум. - Душанбе, «Ирфон», 2016, 568 с.; Эмомалӣ Раҳмон Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ёздаҳум. - Душанбе: «Ирфон». 2011, 576с.

[2] Нурҷонов Н. Вазъияти театри тоҷик // Садои Шарқ, 1991, №1. С. 121-128.; Муҳаммадҷонов А. Мушкилоти театрҳои ҷумҳурӣ // Адабиёт ва санъат. 1993, 8 - феврал.

2. Мушкилот ва норасоиҳо дар рафти амалисозии ислоҳоти ба вуҷуд омада нишон дода шудаанд.

3. Мушкилот ва пешомади рушди санъати театрӣ муайян карда шудаанд.

4. Инкишофи жанри таърихӣ дар санъати театрӣ ва нақшу мақоми он дар тарбияи меҳанпарастии насли ҷавон ва умуман аҳолии кишвар нишон дода шудааст.

5. Равнақуривоҷи санъати кино ва мусиқӣ[1] дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани нақши онҳо дар тарбияи фарҳангии шаҳрвандони ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу ташхис қарор дода шудаанд.

**Бахшҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- ба рушду пешравии фарҳанги миллии тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд;
- дар соҳаи фарҳанг аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ, урфу одатҳои халқӣ, таҷрибаи бойи пешгузаштагон ва дастовардҳои муосир чорабиниҳои ҷиддӣ ва ислоҳоти мухталиф гузаронида шудаанд;
- яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои фарҳангӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад;
- инкишофи жанри таърихӣ дар санъати театрӣ, санъати мусиқӣ, синамо барои ташаккули худшиносии таърихии миллат ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунад;
- таҳлили ҳолат, мушкилот ва пешомадҳои инкишофи санъати синамои тоҷик дар замони муосир барои рушди минабъдаи он мусоидат мекунад;

[1] Акрамова С. Х. Таърих ва таърихнигории санъати мусиқии Тоҷикистон дар нимаи аввали асри XX (История и историография музыкального искусства Таджикистана в первой половине XX века). - Душанбе: ДМТ, 2015.- 144с,; Акрамова С. Х. Аз таърихи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик. - Душанбе, 1997.- 150 с.; Акрамова С. Х. Таърихи омӯзиши фарҳанги мусиқии Тоҷикистон (солҳои 1946-2015) (История изучения музыкальной културы Таджикистана (1946-2015гг.). - Душанбе: Дониш, 2017.-322с.

- мушкилоти театри тоҷик ва санъати саҳнавӣ дар ин давра, ки бо чорабиниҳои ҳукумат доир ба барқароркунӣ ва мустаҳкамкунии ин соҳаҳо бартараф карда мешаванд;

- чорабиниҳои аз ҷониби давлат дар соҳаи фарҳанг андешидашуда барои инкишофи соҳа ва баланд бардоштани тафаккури созандагӣ, ҳисси меҳанпарастӣ ва ҳамдигарфаҳмии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ мусоидат карданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Истифодаи мавод, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар рисолаи мазкур овардашуда ба воридкунии усулҳои самаранок барои рушди соҳаи фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мусоидат хоҳанд кард. Таҳқиқоти мазкур дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва ин рисола метавонад барои касоне, ки дар ин масъала таҳқиқ мекунанд, манбаи хуб бошад. Ҳамчунин мазмуну мундариҷаи рисола ба кормандони соҳаҳои ҷудогонаи фарҳанг барои тартиб додани барномаҳои давлатии дарозмуддат ба сифати дастур хидмат карда метавонад. Маводи таҳқиқотро ҳангоми навиштани барномаҳо, китобҳои дарсӣ доир ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон метавон мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон онро ҳамчун сарчашма метавон барои омода намудани воситаҳои таълимӣ аз фаннҳои таърихи халқи тоҷик, этика, эстетика, фарҳангшиносӣ ва ғайра васеъ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Мавзуи диссертатсионии «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлол (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи

илмии дактори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро ҷанбаҳои зерин ташкил медиҳанд.**

- дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот;

- нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ;

- тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд;

- баррасӣ намудани вазъияти умумии санъати саҳнави бахусус театр, мусиқӣ, синаморо дар бар мегирад;

- баррасӣ намудани мушкилоти ҷойдошта дар пешрафти санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик (протоколи № 9 аз 20 апрели соли 2021), дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети таърихи, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Ҳамзамон рисола дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти атаърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи № аз 04.06.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** бо мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (178 номгӯй) иборат аст. Диссертатсия аз 186 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дорои 1 ҷадвал мебошад.

# БОБИ 1. МАҚОМИ САНЪАТИ ТЕАТРИ ТОҶИК ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

## 1.1. Нақши театрҳо дар инкишофи фарҳанги халқи тоҷик

Санъати саҳнавӣ, мусиқӣ, синамо барои рушди маънавиёти ҷамъият мақоми хосае доранд. Ҳамчунин барои ташаккул ёфтани низоми арзишҳо ва ахлоқи миллӣ ин соҳаҳои санъат моҳияти махсус дошта, аз ҷониби давлат дар ин самт сиёсати муайяне ба роҳ монда шудааст. Маҳз сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг бо мақсади ташаккули ҷаҳони маънавӣ, ҳамзамон фароҳам овардани фазои мусоид баҳри пешбурди он муайян карда шудааст. Фарҳанг симои муосири миллат ва давлатро муайян мекунад.

Агарчӣ халқи тоҷик аз қадим дорои фарҳанги ғанӣ бошад ҳам то замони Ҳокимияти Шӯрвӣ адабиёти драмавӣ ва театри миллии касбӣ надошт. Ин соҳаи санъат дар солҳои 20-уми асри гузашта ба вуҷуд омада, боиси ташаккулёбии жанри нав – драматургия дар адабиёти тоҷик гардид. Дар муддати кӯтоҳ драматургияи тоҷик ва театр роҳи пуршараферо, тай намуд, ки ин дар ҳаёти театрии ҷумҳурӣ як саҳифаи дурахшон ба шумор меравад. Дар баробари ин як зумра санъаткорон тарбия ёфта, ба камол расиданд ва имрӯз дар саҳнаҳои театрҳои Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Бояд қайд кард, ки вазъи театрҳои касбии ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқлолият мусоид буд ва театрҳо фаъолияти пурсамар дошта, эҷодиёти пурғановати худро густариш медоданд. Истиқлолияти миллӣ дар марҳилаи нави таърихӣ ба тадвин ва таҳкими маҷмӯи равишҳои сиёсиву фарҳангӣ роҳ кушод. Дар канори мушарраф шудан ба пешрафтҳои муайян дар ҳаёти ҷамъиятӣ унсурҳои тозаи муносибатҳо, арзишҳои ахлоқӣ ва пешрафти фарҳанг дар марҳилаи нави таърих рӯи кор омад.

Вусъати чунин назар ва муқаррар шудани ин рисолати таърихию фарҳангӣ барои рушди санъати саҳнавии театрҳо дар ҷумҳурӣ ва вусъат ёфтани фаъолияти кории онҳо шароитро фароҳам меорад. Дар “Паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010” зикр ёфтааст, ки “Фарҳанг яке аз рукнҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ буда, дар ҳаёту фаъолияти тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, оинҳои давлатдорӣ ва фаъолияти меҳнатӣ нақши муассир дорад. Нақши санъати саҳнавӣ дар таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳон ниҳоят бузург аст.[1]

Бояд тазаккур дод, ки санъати саҳнавӣ, ки падидаи иҷтимоии башарият ҳасту дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷавҳари ҳастии миллат эътироф шудааст, баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, шинохти таърихи ибратомӯзи ниёгон ва комёбиҳои муассири замони истиқлолият мусоидат намояд. Вақте фарҳанг ҳастии ҳар халқу миллат шинохта мешавад, пас маҳаки асосии худшиносӣ низ, пеш аз ҳама, худи камолоти фарҳангӣ ва ҳастии маънавии ҳамон миллат хоҳад буд. Маълум аст, ки фарҳанги маънавии мардуми тоҷик аз як хазинаи пурбори таъриху фарҳанги ирфонӣ сарчашма мегирад, ки солҳо дар масири мавҷудияти таърихии миллати тоҷик, дар эҳё ва идомаи ҳастии таърихии миллат нақши созгор гузоштааст. “Театр пайвандгари маънавии наслҳо буда, рукни муҳиму барҷастаи фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад”[2].

Қобили зикр аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ театрҳои ҷумҳурӣ ба мушкилот мувоҷеъ мегарданд. Сабаби бад шудани фаъолияти театрҳо, пеш аз ҳама аз даст додани мутахассисони ботаҷриба ва ба буҳрони иқтисодӣ дучор шудани онҳо аст. Ин ҳама таъсирот ба кам шудани эҷодкорӣ дар театрҳо оварда расонд. Сабаби дигари мушкилоти театрҳо ин буд, ки ҷанги шаҳрвандӣ фарҳанги Тоҷикистонро халалдор намуда, ин ҳама таъсирот фазои эҷодии театрҳоро коста гардонид. Ноустувории вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвар дар солҳои 90- уми

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010. - Душанбе, 2010. - С. 30.
[2]Салимҷонов М. Фарҳанги маънавӣ ва худшносии миллӣ./ М. Салимҷонов. // Паёмномаи фарҳанг. 2008, № 11. С. 3- 6.

қарни гузашта ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро расонд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ тамоми низоми ҷамъиятиро куллан тағйир дод. Таъсироти авзои сиёсӣ ба соҳаи фарҳанг ва ба хусус, ба санъати театрӣ хело назаррас буд. Дар вазъи мураккабу бухронии охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои заминавии фарҳангу санъати саҳнавии кишвар ба бухрони амиқ гирифтор шуданд[1].

Яке аз аломату нишонаҳои он инкори идеяҳои пешин ва косташавии ҷаҳонбинӣ буда, ки ба фарҳанги халқи тоҷик дар ибтидои ҳазораи сеюм таъсири манфии худро расонида буданд. Ба андешаи мо тағйирёбии ғояҳои ҷамъиятӣ ба фазои эҷодии ҳунармандон, драматургон, коргардонҳои театр таъсири худро расонда буданд. Ин аст, ки дар марҳилаи нав театрро зарур буд, ки фаъолияти худро ба талаботи замон мутобиқ гардонад, вале давраи гузариш дар ин соҳа хеле мушкил сурат гирифт ва ба монеаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки баъди ҷанги шаҳрвандӣ вазъияти кори муассисаҳои фарҳангӣ ва театрҳо хело коста шуда буд, аммо кормандони соҳа бо имкониятҳо ва неруи ҷойдоштаи худ кӯшиш карданд, ки фаъолияти кориро идома диҳанд. Зимнан, мувофиқи талаботи низомномаи озмуни “Андалеб” гурӯҳи босалоҳият таъсис дода шуд, ки вазифаи он аз беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, бахусус театрҳои ҷумҳурӣ иборат буд. Мақсаду мароми асосии театр ғанӣ гардонидани олами маънавии мардум ва густариш додани фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Агар ба таърихи театрҳои ҷумҳурӣ назар андозем, эҳсос мекунем, ки дар ҳама давру замон ин даргоҳ мавриди эҳтироми умум қарор доштааст. Аз ин рӯ лозим ба ёдоварист, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ба мушкилоти зиёди пешомада нигоҳ накарда, санъати театрии тоҷик бештар равнақу ривоҷ ёфт. Чунончӣ дар кишвар театри “Аҳорун”-и навташкил бо роҳбарии Фаррух Қосимов ба кишварҳои

---

[1] История таджикского народа. Том VI (Новейшая история) – Душанбе: «Империал Групп», 2011. С. 586-588.

Россияву Белгия, Лаҳистону Ҳолланд, Фаронсаву Эрон сафар намуда, бо асарҳои навҷӯёнаи худ, ки бешак дар санъати театрии тоҷик саҳифаи тозаест, ҳолати имрӯзаи театри миллии тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд[1]. Ҳунармандони театри тамошобини наврас - "Аҳорун" асарҳои таърихиеро ба мисли "Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон" (1991), "Исфандиёр" (1992), "Даҷҷол" (1994), "Шайх Санъон" (1996), "Шоҳ Фаридун" (1997), Қиссаи ишқ" ва "Зардушт" (2000), "Шоҳ Лир" (2003) офариданд, ки дар асоси назми классики форсу тоҷик ва асари драмманависи англис Шексипир таҳия гардидаанд, рӯи саҳна омадаанд. Таъкиди он нукта лозим аст, ки бо ин фаъолият аз ҷиҳати ғоя, мазмун ва мундариҷа ин театр навгониҳои зиёде рӯйи кор овард. Барои пеш бурдани фаъолияти театри мазкур ба ҳунармандони ҷавон Сабоҳат Қосимова, Қурбони Собир, Қурбони Ҳомид, Саодат Азизова ва дигар намояндагони насли нахустини ҳунармандони театри "Аҳорун", ки кӯшиши такмилдиҳии паҳлӯҳои гуногуни ҳунариашонро карданд, наслҳои калонсоли ҳунармандон аз қабили Қ. Мирзо, Х. Мустафоев, Ҳ. Чиллаев, ва дигарон дар ин самт ба онҳо бевосита кӯмак намудаанд. Дар ин театр ҳунари таҳиягар Қ. Собир бо таҳияи асари "Марги Яздигурд"-и драмматурги эронӣ Б. Байзоӣ (1999) ва Т. Неққадам, саҳнаороии мусаввири ҷавону хушсалиқа Х.Пиров ошкор гардида, минбаъд равнақ ёфт.

Тақдири минбаъдаи театри русӣ дар даврони навин бо ташкили давлати миллӣ рост омад ва ин театр низ бо мушкилоти зиёд мувоҷеҳ буд. Кормандони театр – ҳунармандони асили саҳнаи тоҷик, ки аксар русҳо буданд, аз ҷумҳурӣ бо сабаби вазъи номусоид кӯч бастанд.[2]

Театр роҳи раҳоиро аз бумбасти бааммаломада дар ташкил намудани студия дар назди театр медид. Аз ҳисоби ҷавонони соҳибзавқи донандаи забони русӣ дастаи ҳунарӣ ташкил ёфт ва театр ба таҳияи намоишномаҳои нав ба нав оғоз намуд.

---

[1]Абдусатори С. Театр Оинаи ҳаёт. / С Абдусатори. Конибодом, 2002. С. 44.
[2]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. - Душанбе: Истеъдод. 2016. - С. 9-11.

Дар ин ҷо овардани суханони Президенти мамлакат мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки “Театр воситаи пуриқтидортарини таъсиррасонӣ ба тафаккури инсон аст, зеро рӯйдодҳои зиндагиро дар саҳна дида, тамошобин худро хаёлан ба қаҳрамонҳои мусбат монанд мекунад ва бо ҳамин роҳ олами ботинии хешро мустақилона комил мегардонад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳаёти фарҳангии Тоҷикистонро низ бе театр тасаввур кардан ғайри имкон аст, зеро театр дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаёт ҳамеша паҳлӯи мардум қарор гирифта, дар сарнавишти миллати тоҷик нақши босазои муассир гузоштааст. Имрӯзҳо метавон даҳҳо ҳунарпешаҳои маъруфро номбар кард, ки дар пешрафти театри тоҷик ва дар ин замина, дар рушду такомули фарҳанги миллии мо саҳми беандоза калон доранд”.[1]

Боиси зикр аст, ки равандҳои эҳёи мероси маънавӣ, худшиносии фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи театри муосири тоҷикро ба сӯи таърихи дуру наздики ватан, ба анъанаҳои асили мардум, ба шахсиятҳо ва мавзӯъҳои як замон мамнӯъ ҷалб сохтанд. Ва ин раванд то дараҷае таваҷҷуҳро аз классикаи Ғарб барканор кардааст. Ба андешаи мо чунин равандҳо яъне таваҷҷуҳ ба мероси маънавӣ ва дигар арзишҳои миллӣ дар санъати театрии кишвар саривақтӣ ва талаби замон аст, зеро маҳз бо амалӣ намудани чунин тадбирҳо боиси ҷалби бештари тамошобинон ва муаррифии худшиносии фарҳанги миллӣ хоҳад шуд.

Пас аз эълони Истиқлолияти давлатӣ дар тӯли 25 соли мустақилият дар рушди театри тоҷик марҳалаи нав оғоз ёфт. Ин марҳалаи озодшавии шуури адабӣ-бадеии театр аз мавҳумоти идеологии замони Ҳукумати Шӯравӣ маҳсуб меёбад.

Давраи мураккаби гузариш ба низоми нави ҷамъиятӣ ва куллан ба ҳаёти ҷомеа ва шуури ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Театр бошад, дар ин марҳалаи таҳаввулоти ҷадид ҷидду ҷаҳд намуд, то ки мақому мавқеи худро дарёбад.

[1]Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Амфитеатр дар Боғи Ирам ( 5 сентябри соли 2011).

Омӯзишу тадқиқи маводҳои гуногуни илмӣ, илмӣ-омавӣ нишон доданд, ки дар санъати саҳнавии кишвар омилҳои мушаххасе таҷдид шуданд, ки бо тағйироти дар ҳаёти ҷамъиятӣ рухдода сахт алоқаманд буданд. Истиқлолият барои театр на танҳо имконияти нави эҷодиро фароҳам овард, балки имтиҳони ҷиддие низ дар роҳи нигоҳ доштани ин санъати ҳунарӣ ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ маҳсуб мешуд. Бо талаби замон театрҳои касбӣ ба мавзӯъҳои нав, аз қабили масоили таърихӣ, ки ба мустаҳкам намудани давлатдорӣ ва бедор намудани ифтихори миллӣ равона шудаанд, эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз рӯ оварда, ба комёбиҳои назаррас ва пешравиҳо ноил гардиданд.

Боиси зикр аст, ки санъати театрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо як ғамхории хосе ба анъанаҳои ғании мусиқии миллӣ, адабиёт, санъати рассомӣ, меъморӣ ва ба маҷмӯи фарҳанги анъанавии бадеӣ бархӯрд кард. Такяи санъати театрӣ ба анъанаҳои беҳтарин ва ба саҳна бозгардонии этнография, эҷодиёти мардумӣ, рузгори миллӣ, расму русум аз самтҳои асосию намоёнтарини фаъолияти саҳнаи муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Ин тамоюл бештар дар ба саҳнагузории намоишҳои театрӣ дар театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад.

Дар ҳаёти театрии даврони Истиқлолият саҳнаҳои театрие, ки на танҳо меъёрҳои эстетикии навшуда, балки принсипҳои мувофиқакунии ҳаёти театрӣ ба замони иқтисоди бозаргониро ба вуҷуд овардааст, боиси таваҷҷуҳ шудааст.[1]

Дар модели театри Тоҷикистон давраи гузариш ба амал меояд, ки асосан барои наслҳои ояндаи санъати театрӣ марбут аст. Агар модели театри калонсолон аслан бе тағйир монда бошад, аммо сохтори театри кӯдакона тағйир ёфт. Дар умум миқдори театрҳои касбӣ дар ҷумҳурӣ зиёд нашудааст, вале омили миқдорӣ ба ҳалли мушкилотои ҷойдоштаи театрҳо

---

[1]Абдужаборов А. Чарующий мир театра. (В честь славного юбилея 70-летие Государственного театра русской драмы им. В.В. Маяковского) /А. Абдужабборов,- Изд. «Матбуот» Душанбе. 2007. - С. 80.

таъсир намекунад. Ба ин нигоҳ накарда масъалаҳои рушди минбаъдаи фарҳанг, тарбияи кадрҳои ҷавон, дараҷаи фарҳанги тоҷик дар сохтори муосири фарҳангии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуданд. Боиси тазаккур аст, ки барои театр диққати томошобин хело муҳим мебошад, зеро дар баробари драматург, коргардон ва ҳунарпеша тамошобин ҳам дар рафти намоиш фаъол мебошад.

Аз тадқиқотҳо ва талилҳо чунин бар меояд, ки театрҳои касбии муосири тоҷик дар муайян намудани майлу рағбат ва талаботи тамошобини муосир душворӣ мекашанд. Ширкати зиёиён дар тамошои намоишномаҳои театрӣ кам шудааст. Ба андешаи мо бе саъю кӯшиши ҷомеа беҳтар кардани вазъи театр ва саҳнаҳои театрӣ ғайриимкон аст. Мушкилоти дигари театрҳои муосири тоҷик аз он иборат аст, ки коргардонҳо, драматургҳо ва ҳунарпешаҳо маҳорати касбии худро такмил намедиҳанд ва услубу самтҳои навро эҷод намекунанд.[1]

Ногуфта намонад, ки таърихи театри тоҷик дар худ таърихи биноҳои театриро низ фарогир мебошад. Дар даврони истиқлолият низ сиёсати давлатии ҳамкории касбии театрҳо ва наздикшавии ҷомеа аз нигоҳи интернатсионализм як амали васеи таъиноти фарҳангӣ-иҷтимоӣ боқӣ мондааст. Омили дигари рушди минбаъдаи театри касбии тоҷик ин бевосита таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмиру таҷдиди биноҳои театрҳо ва ба онҳо додани мақоми миллӣ маҳсуб меёбад. Ин эътибору нуфузи театр ва санъати театриро дар баланд бардоштани шууру идроки аҳли ҷомеа боз ҳам бештар мегардонад. Ҳамаи ин ба шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғамхориҳои саривақтии ҳукумат нисбати ин соҳа муяссар гардид. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 18 театрҳои касбӣ[2] фаъолият мекунанд.

[1]Махкамова Г. О театре с другой страны рампы. / Народная газета. №4 (20026) 27 января 2016 года.
[2]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016.- Душанбе: Истеъдод, 2016. - С. 121.

Ба андешаи мо дар тӯли солҳои 1991-2016 намоишномаҳои ба марому мақсадҳои миллии мардуми тоҷик наздик хело кам ба саҳна гузошта шудаанд. Агарчӣ намоишномаҳои “Шоҳ Исмоили Сомонӣ”, “Рустам ва Сӯҳроб”, “Қишлоқи тиллоӣ” “Комде ва Мадан”, “Маснавии маънавӣ” инъикосгари ин сатҳ мебошанд, вале ин ҳоло ба мақсад мувофиқ нест. Театр бояд макони маърифат ва омӯзишгоҳи руҳу равони инсон бошад. Ҳамчунин дар ин давраи таърихи муосири тоҷик дар санъати театрии Тоҷикистон давраи дигаргуниҳои куллӣ ба чашм мерасанд. Муҳимаш он аст, ки барои эҷодиёт ба коргардонҳо, драматургҳо ва ҳунарпешаҳо шароити мусоид фарҳам оварда шудаанд. Аммо раванди кори театрӣ, ки таҷассумгари маҳорати эҷодии касбу кори мухталиф аст, аз камбудиҳо ва масъалаҳои ҳал нашуда орӣ нест. Бо мурури замон тамошобин ва театр тағйир меёбанд. Насли нави ҳунарпешаҳо, драматургҳо, коргардонҳо, рассомон, мунаққидони театрии ҳамсоли истиқлолият камол меёбанд. Маҳз аз онҳо ҳалли масъалаҳои бадеӣ, эстетикӣ, ахлоқии театрҳои тоҷик вобастааст ва ҳар як театр марбут ба ҳунару лаёқати коргардон инкишоф ёфта, аз ҷониби тамошобин пазируфта мешавад.

Ба андешаи мо таҳқиқи масъалаи вазъи театрҳои касбӣ бе нишон додани мушкилоти ҷойдоштаи соҳа аз имкон берун аст, зеро маълум аст, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар театрҳои касбии ҷумҳурӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шудаанд. Албатта, фаъолияти театрҳои касбӣ аз норасоиҳо ва камбудиҳо холӣ нест.

Мавриди қайд аст, ки дар репертуари солҳои охири театрҳо асарҳои драманависони ҷаҳонӣ қариб ҷой надоранд. Мушкилоти дигаре, ки имрӯз дар фаъолияти театрҳо ба назар мерасад, дар ихтиёри худ надоштани воситаи нақлиёт маҳсуб меёбад. Зеро бе воситаи нақлиёт ташкил намудани сафарҳои ҳунарӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ва гузаронидани чорабиниҳои дигари фарҳангӣ имконнопазир аст.

Қобили зикр аст, ки мушкиливу норасоиҳо дар фаъолияти эҷодии театрҳо зиёданд ва яке аз мушкилоти дигар ин дуруст ба роҳ монда

нашудани ҳамкориҳои муассисаҳои ҳунарӣ бо эҷодкорон- оҳангсозон, шоирон ва хореографҳо маҳсуб меёбад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки аз сабаби костагии чунин алоқаҳо барномаҳо ва репертуарҳои муассисаҳои ҳунарӣ баъзан монанд ва якранг мешаванд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки театр бояд ҳамқадами замон бошад ва бояд пайваста барои боло бардоштани рӯҳияи мардум беҳтарин намоишномаҳоро рӯи саҳна оварад. Дар даврони истиқлолият баҳри беҳтар намудани фаъолияти касбии театрҳои ҷумҳурӣ сол ба сол маблағгузорӣ зиёд карда шуда, соли 1996 Вазорати фарҳангу иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2,5 млн рубли тоҷикӣ фонди таҳия ҷудо карда буд, аммо ин миқдор пул барои панҷ театри касбии шаҳри Душанбе ҷудо шуда буд. Дар маҷмӯъ бо ин маблағ ҳар як коллективи эҷодӣ метавонист, танҳо як намоиши кӯтохро ба саҳна гузораду халос. Аммо барои фаъолияти комили 13 театри касбии ҷумҳурӣ қариб 18 млн. рубл зарур буд.[1] Аз соли 2013 то соли 2019 барои рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 млн. 325 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ гардида аст. Айни ҳол бошад 1 млн. 510 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот шудааст.[2] Аз ин бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушду нумӯи театрҳои касбӣ ғамхориҳои пайваста зоҳир намуда, маблағҳои заруриро ҷудо менамояд ва рақамҳои дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки хароҷот дар ин самт сол ба сол афзудааст.

Муҳим он аст, ки ин иқдом пеш аз ҳама ба зимаи театрҳои касбии кишвари соҳибистиқлоламон гузошта мешавад. Театр ин симои ахлоқ, ифшогари тамоми зебоиҳо ва модели нави санъати саҳнавӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки театр муборизи тамоми некиҳо, атокунандаи сабру таҳаммул ва рабояндаи нафси бад ва нафрат аз худнамоӣ мебошад. Ин

---

[1]Роҷеъ ба фаъолияти солонаи Вазорати фарҳанг ва итилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996) ва пешниҳод оид ба самти минбаъдаи корӣ барои соли 1997. - Душанбе, 1997. – С. 36-37

[2]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016. - Душанбе: Истеъдод. 2016. – С. 121.

соҳаи санъат илми амал аст ва қудрати фаъол гардонидани андешаи солимро доро аст.

Дар замони муосир театр хидмати фарҳангии мардумро ба ҷо меоварад ва бо таҳияву намоиши асарҳои рангоранги худ шахсиятҳои баркамолро дар ҷомеа мавриди ибратомӯзӣ қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо баҳри пурсамартар гардонидани фаъолияти касбии театрҳо, тағйир додан ва гуногунранг намудани репертуарҳо, баланд бардоштани маҳорати касбии ҳунармандон, боз ҳам ба тамошобин наздик кардани санъати театрӣ бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила барномаҳои мухталифи рушди соҳаро таҳия ва қабул мекунад. Ҳамчунин ҳар гуна фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ ташкил ва гузаронида мешаванд. Фестивал-озмуни театрҳои касбӣ "Парасту" ҳамасола оғоз аз соли 1988 гузаронида мешавад, Фестивал-озмуни байналмилалии "Наврӯз" 2011, Фестивал-озимуни "Дидор" ва амсоли инҳо тадбирҳои муҳимми пешрафти кору фаъолияти касбии театри тоҷик ба шумор мераванд.

Дар раванди ташвиқи ҳаёти театрӣ намоишномаҳои таърихӣ нақши муҳим мебозанд. Рафти гузаронидани озмунҳо нишон медиҳад, ки дар асарҳои таърихӣ дақиқият ва далолати таърихӣ, бадеият ва тахайюлоти рангин ба назар мерасад. Дар ин давра як қатор санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти умумии театрҳо тасдиқ ва қабул карда шудаанд. Масалан: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ"[1], "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ."[2]

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, ки дар даврони шӯравӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта ва дорои иқтидори комили эҷодӣ гашта буд, ба як қатор норасогиву

---

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ" // Ҷумҳурият. 2002, 17 дек., // Садои мардум. 2002, 14 дек.
[2]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни ҶТ "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ"// Ҷумҳурият.-2009, 8 янв., // Садои мардум. -2009, 10 янв.

душвориҳо рӯ ба рӯ омад. Қайд кардан зарур аст, ки Театри опера ва балет ба номи С. Айнӣ бо кӯшишу ғайрати ҷавонони бомаҳорат паи барқарор намудани шуҳрати деринаи худ буда, дар таҳияи як қатор асарҳои миллӣ ба комёбиҳои эҷодӣ ноил гардидааст.[1] Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ба як қатор мушкилиҳо ва норасоиҳо мувоҷеҳ шуд: камчинии солистони гурӯҳи овозадори балет, гурӯҳи солори хорӣ; камчинии солистон дар боли пуриқтидор; аз гурӯҳи муташаккили аркестр якбора кам шудани миқдори мутахасисони ҳирфаӣ; мавқуфи маҷбурии оҳангсозон аз ҷумлаи инҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, камбудиҳои зикршуда вазъияти бухронии театрро ба миён оварданд. Бояд гуфт, ки баъди пиёда намудани сиёсати созандагӣ ва фарҳангпарварии сарвари давлат фаъолияти минбаъдаи Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ устувор гардид. Махсусан, пас аз сарварии Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Миралӣ Достиев ва Холмаҳмад Маҷидов дар театр корҳои хоҷагидорӣ, фаъолияти эҷодӣ, ба саҳнагузории намоишҳо барқарор карда шуда ва рушд карданд.

Роҳбарияти театр баҳри беҳтар шудани фаъолити эҷодии театр оҳангсозони миллиро ҷалб мекард то, ки операҳои калонҳаҷм бо суфтагии комил ба тамошобин пешкаш шаванд. Дар солҳои охири фаъолияти театр бо заҳматҳои зиёди хормейстрҳо Х. Маҷидов ва Е. Тиллоева хори овозадори театр дубора фаъолияти худро ҷоннок намуд. Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ нахустин намоишномаҳои “Зол” ва “Рӯдоба”-и оҳангсоз Шӯҳрат Ашӯровро дар таҳияи устоди балет Мария Левитская пешкаши тамошобинон гардонид, ки дар асоси достони “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ба саҳна гузошта шуда буд. Бояд тазаккур дод, ки ин нахустин балети оҳангсозони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон мебошад.

[1]Табаров М. Театр ва Истиқлол // Тоҷикистон. 2010, № 6 .С. 47-49.

Боиси зикр аст, ки бо дастёбӣ ба истиқлолият театрҳои ҷумҳурӣ ба мавзӯъҳои таърихӣ даст зада, дар раванди зинда нигоҳ доштани асарҳои таърихӣ ва боло бурдани ифтихори миллӣ саҳмгузорӣ намудаанд.

Фаъолияти Театри давлатии академии драмаи тоҷик ба номи А. Лоҳутӣ дар давоми 25 соли истиқлолият ба дастовардҳои зиёди эҷодӣ ноил гардидааст. Аввалан театр ба мушкилии бухрони иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардида, тавонист вазъияти ба амал омадаро паси сар намояд. Аз ҷумла мушкилоте, ки театр аз соли 1991то соли 1999 дар фаъолияташ ба онҳо мувоҷеҳ шуд, ба назари мо инҳоянд:

- аз кор рафтани мутахассисони касбӣ, аз ҷумла коргардонҳо, драматургҳо, оҳангсозон, ҳунарпешаҳо бо сабаби паст будани маош ва ҷои истиқомат надоштани онҳо;
- барои кормандон номутобиқ будани саҳна ва норасоиҳои таҷҳизоти техникӣ;
- ба таъмири умумӣ эҳтиёҷ доштани биноҳои театрҳо ба хотири беҳбуди шароити кор;
- дар ихтиёри худ надоштани нақлиёти мувофиқ барои сафарҳои ҳунарӣ;
- пурра муҷаҳҳаз нагардидани театр аз лиҳози техника ва компютеркунонӣ.[1]

Дар ин раванд Театри давлатии академии драмави ба номи А. Лоҳутӣ ба мушкилиҳо нигоҳ накарда фаъолияти эҷодиро инкишоф додааст. Саҳнаи ин театр дар тӯли солҳои истиқлолият рӯ ба асарҳои таърихӣ овард ва мақому манзалати санъати саҳнавиро эҳё кард. Театри номбурда тӯли солҳои истиқлолият чандин асарҳоро таҳия намуда, ба саҳна гузоштааст.[2]

Театри академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ назар ба дигар театрҳои касбии ҷумҳурӣ фаъолияти пурсамарро ба роҳ монда, дар 25- соли

---

[1]Бойгонӣ ҷории Театри давлатии академии драмави ба номи А.Лоҳутӣ //Ҳисоботи эҷодӣ ва молиявии Театри давлатии академии драмави ба номи А. Лоҳутӣ дар солҳои 1991-1999.
[2]Бойгонӣ ҷории Театр академӣ - драмавии ба номи А. Лоҳутӣ // Ҳисоботи семоҳаи якуми соли 2000.

истиқлолият зиёда аз 50 асари миллиро ба саҳна гузоштааст, ки бештари онҳоро асарҳои таърихӣ ташкил медиҳанд, ба монанди асарҳои “Баҳроми Чӯбина”-и Т. Аҳмадхонов, “Ғурӯби Аҷам”-и Ҷумъа Қуддус, “Нангбардори Хуҷанд”, “Тимсоли Сайҳун”-и Меҳмон Бахтӣ, “Драмаи миллат”-и Сафаррмуҳамад Аюбӣ, ки бо рангу бӯи таърихи куҳандиёрамон муаттар сохта, саҳифаҳои рангину тозае офарида, ҷилвагар сохтаанд. Бояд қайд кард, ки Театри академи драмавии ба номи А. Лоҳутӣ дар баробари эҷод намудани асарҳои миллӣ, инчунин намоишномаҳои зиёдеро нисбат ба дигар театрҳои касбии ҷумҳурӣ ба саҳна гузоштааст.[1]

Дар пешрафти кору фаъолияти театри мазкур саҳми ҳунарпешаи машҳури театр ва синамои тоҷик Ҳошим Гадо хеле назаррас мебошад. Вай аз соли 1961 то кунун дар театри мазкур ба ҳайси ҳунарпеша ва коргардон фаъолият менамояд. Ба ҳайси коргардон Ҳ.Гадо маъруфтарин намоиши худ “Эдип” ба саҳна гузошт, ки чандин маротиба дар саҳнаи театри касбӣ намоиш дода шуд. Соли 2008 ба ифтихори бузургдошти А.Рӯдакӣ намоишнома ба саҳна гузошт. Ӯ маллифи 11 китоб мебошад ва дар ин китобҳо пурра ҳаёти театр ва баъзе назарҳои фалсафӣ-иҷтимоии худро матраҳ намудааст[2].

Театри мазкур фаъолияти худро инкишоф дода, дар солҳои истиқлолият бо асарҳои навҷӯёнаи худ сафарҳои ҳунариро дар дохили ҷумҳурӣ низ густариш додааст. Дар дохили ҷумҳурӣ асарҳои зерин намоиш дода шудаанд: “Драмаи миллат” -и С. Аюбӣ (1999) дар вилояти Суғд, “Парвози сабзабаноз”-и М. Муҳаммадиев (2000) дар шаҳри Қӯрғантеппа, “Шоҳ Исмоили Сомонии” - М. Бахтӣ (2001) дар вилояти Суғд, “Афсонаҳои мӯйсафед”-и Н. Абдуллоев (2001) дар вилояти Суғд, “Говгум” -и Вампилов (2003) дар вилояти Суғд, “Дон Жуан” -и Молйер (2004), дар Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, “Нангбардори Хуҷанд”- и М. Бахтӣ (2005)

---

[1]Роҷеъ ба фаъолияти солонаи Вазорати фарҳанг ва итилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996) ва пешниҳод оид ба самти минбаъдаи корӣ барои соли 1997.- Душанбе, 1997. - С. 62-64.
[2]Ҳошим Гадо. Ҷонбӯз / Муҳар. тех.: К Икромов.- Душанбе: Деваштич, 2008. – 317 с.; Танҳо (Андешаҳои фалсафӣ ва психологӣ) /. Муҳар. И Раҳимӣ. – Душанбе: “Деваштич”. – 2006. – 464 с.; Кӯ (ҷилди IX) / Муҳар. Э Субҳонзода ва С Абдуллоев. - Душанбе: Кайҳон, 2009. – 408 с.

дар вилояти Суғд, “Сӯробҳо” -и Н. Табаров (2006) дар шаҳри Кӯлоб, “Манижа ва Хоркала”-и Р. Беҳдин (2007) дар ноҳияи Рашт, “Сӯробҳо”-и Н. Табаров (2008) дар шаҳри Қӯрғонтеппа, “Ориёӣ”-и С. Аюбӣ (2010) дар вилояти Суғд, “Моро бикуш, ҷонакам” –и А. Несин (2011) дар вилояти Суғд, “Раъду барқ”- и Тсао (2011) дар ноҳияи Рашт, “Ориёӣ”-и С. Аюбӣ, вилояти Хатлон, “Маро бикуш, ҷонакам”-и Азиз Несин дар шаҳри Қурғонтеппа, (2012) “Чархи гардон”-и Н. Табаров (2014) дар шаҳри Қурғонтеппа, “Занги бемаҳал”-и А. Ҳамдам “Буратино ва Гарри Поттер”-и И. Правдина, “Шерафган”-и Қ. Сатторӣ (2015) дар ноҳияҳои Шаҳринав ва Ёвон, “Вийд”-и Ҷ. Қуддус, “Пизишки паррон”-и Ж.Б Молйер дар шаҳри Норак, ноҳияи Ёвон, вилояти Хатлон. Инчунин бо намоишномаҳои “Раъду барқ”-и Тсао Юй, “Занги бемаҳал”-и А. Ҳамдам, “Афсонаҳои мӯйсафед”-и Н. Абдулло (2016) ба ноҳияҳои Рашт ва вилояти Суғд сафарҳои ҳунарӣ доштааст.

Театри мазҳакавии мусиқии ба номи Камоли Хуҷандии вилояти Суғд моҳи январи соли 1932 дар заминаи дастаи ҳаваскорони назди мактаби миёнаи ба номи С. А. Пушкин таъсис ёфтааст. Наслҳои имрӯзаи театри номбурда ба монанди О. Назаров, Б. Абдураззоқов, С. Турсунова, З. Тӯйчиева, А. Ашӯров, А. Очилбоев, К. Ҳоҷиева, Д. Алиматов, М. Мирзоаҳмадов, С. Салимова, З. Ашӯров кор ва фаъолияти театрро идома дода истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки театр новобаста аз гирифторӣ ба буҳрони шадид ва мушкилоти эҷодӣ дар солҳои нахустини истиқлолият таҳти роҳбарии таҳиягари маъруф Барзу Абдураззоқов ба комёбиҳои нав ба нави ҳунарӣ ноил гардид. Намоишномаҳое, ки дар солҳои истиқлолият ба саҳна гузошта шудаанд, паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳунарии ҷомеаро инъикос мекунанд. Аз фаъолияти театр бармеояд, ки зиёда аз 25 асари миллӣ ба саҳна гузошта шудаанд, ки ин аз пешравӣ ва баланд гардидани сифати кори коргардон гувоҳӣ медиҳад.

Аз маводи омӯзишӣ ва таҳлили он бармеояд, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ театр ба мушкилиҳои зиёд дучор гардида, то соли 1999 баъзе мушкилоти моддию техникиро паси сар намуда, кору фаъолияти худро ҷоннок намуд. Зеро қафомонии санъати театрӣ дар он зоҳир мегардад, ки эҷодиёти пасти асарҳои миллӣ ва ба мавзӯъҳои таърихӣ мувофиқ набудаи санъати театрӣ рӯйи саъна меоянд.

Омӯзишу тадқиқи сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки дар ҷодаи фаъолияти ин театр комёбиҳои назаррас аён мегарданд, ки аз сафарҳои ҳунариро ба роҳ мондан ва муносибати фарҳангии байни театрҳои касбиро роҳандозӣ намудан аз ҷумлаи чунин комёбиҳо ба шумор мераванд. Театр фаъолияти эҷодии худро такмил дода, 83-юмин мавсими фаъолияти худро бо намоишномаи “Қалби зан” бо иштироки аҳли адаби шаҳри Хуҷанд оғоз кард. Дар ин мавсим инчунин аҳли ҳунармандони театр бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи “Корвони Истиқлол” – ро таҳия намуда, дар вилояти Суғд пешкаши тамошобинон гардонданд. Ин гуна пешравиҳо на танҳо ҳаёти театриро, балки санъати саҳнавии театрии тоҷикро ғанӣ мегардонанд.[1]

Бо қарори Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 1971 Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов ба фаъолият шурӯъ кард.[2]

Мувофиқи ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои бойгонишуда, айён гардид, ки ин театр дар тӯли фаъолияташ дар солҳои истиқлолият, чунон, ки аз ҳисоботи солҳои 1991 то соли 2016 бармеояд, фаъолияти худро хуб ба роҳ мондааст. Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар тӯли 25 соли истиқлолияти кишварамон заёда аз 50 асар ба саҳна гузоштааст, ки аз он 40-тоаш асарҳои миллӣ буда, аз ҷониби коргардонҳои

---

[1]Ҳисоботи оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Тоҷикистон дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2014. - Душанбе: “Истеъдод”, 2014. С. 7,; Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. - Душанбе, “Истеъдод” 2017. С-16.

[2]Центральный государственный архив Республики Таджикистан: ф. 1483 опись.9, д. 9 лл.106,107, 111. Протокол № 14 заседания коллегии от 15 сентября 1971 г.

театр ба монанди С. Сафаров, М. Холов, Ҷ. Қуддус ва дигарон ба саҳна гузошта шудаанд ва ин асарҳои тозаэҷод буда, ба ҳаёт ва фаъолияти мардуми тоҷик бахшида шудаанд. Боиси нигаронӣ аст, ки дар баробари пешравиҳо ва муваффақиятҳо дар фаъолияти ин театр дар солҳои Истиқлолият камбудиҳои ҷиддӣ ва мушкилот ҳам ба назар мерасанд. Ба андешаи мо аз ҷумлаи камбудиҳо ва мушкилоти ҷойдошта инҳоро метавон ном бурд:

- надоштани дафтари корӣ, пардозхонаҳо, хона барои либосҳои театрӣ, коргоҳҳои дӯзандагӣ, пояфзолдӯзӣ, инчунин утоқи корӣ барои рассомон;

- техникаю таҷҳизоти саҳна ба талабот ҷавобгӯ нест (чароғакҳо, баландгӯякҳо, радио, магнитафон ва ғайраҳо).

- мавҷуд набудани воситаҳои нақлиёти зарурии ҳозиразамон барои анҷоми корҳои эҷодӣ –истеҳсолии театр;

- театр ба мебел, компеютер ва дигар воситаҳои замонавӣ эҳтиёҷ дорад.

Мусаллам аст, ки мушкилии дигаре барои эҷод намудани асарҳои миллӣ дар театр, пеш аз ҳама, надоштани кадрҳои ботаҷриба аст, зеро аз сабаби паст будани маош кормандони ботаҷриба фаъолияти худро қатъ карда, аз театр рафтаанд. Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо назардошти таҳким бахшидан ба раванди рушди санъати театрӣ дар кишвар, баланд бардоштани нақши он дар тарбияи маънавии насли наврас, беҳтар гаштани сифати намоишномаҳо, самаранок гардидани фаъолияти ҳунарӣ ва афзудани даромади молӣ пешниҳод карда мешавад.[1]

- оиди мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникии театрҳо чораҳои мушаххас андешида шаванд;

- барои амалӣ гаштани лоиҳаҳои маблағгузории пешниҳодшудаи театр ва ҷалби маблағҳои хориҷӣ бояд ҳамаҷониба мусоидат намуд;

---

[1]Бойгонӣ ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов // Фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои1997- 2007.

- бояд қайд кард, ки қитъаи мавҷудаи замини дар ихтиёри театр буда барои бунёди бинову иншоотҳо хело муфид аст, ки чунин имконият ягон театри пойтахт надорад ва онро барои эҳтиёҷоти театри мазкур истифода бояд бурд;

- ба қадри лозима дастгирӣ наёфтани сафарҳои ҳунарии театр ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ва масъулини мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Бо вуҷуди ин мушкилиҳо дар театр дастовардҳо кам набуда, гуфтан ҷоиз аст, ки соли 2009 сазовори “Шоҳҷоиза”-и Озмуни байналмилалии “Фаҷр”-и Ҷумҳурии Исломии Эрон гардидааст ва соли 2014 барои саҳми назаррас дар рушди фарҳанги форсизабонони дунё ба Ҷоизаи байналмилалии “Ҷило-2014” сарфароз гардидааст. Инчунини намоишномаи “Шабе дур аз Ватан” дар бахши “Беҳтарин намоиши сол” ва ҳунарпешаи театр Моҳпайкар Ёрова дар бахши “Беҳтарин бонуи ҳунарпешаи сол” қадрдонӣ шудааст. Дар ин айём симои эҷодии театр ба таври куллӣ тағйир наёфта, айни ҳол эътибори худ, симои бадеӣ ва тамоюлҳои ғояviро аз даст надодааст, чунки ҳунармандони ботаҷрибаи театр маҳорати касбиро ба ҷавонони боистедод омӯхта истодаанд.

Баъди истиқлолияти комили давлатӣ ба даст овардани ҷумҳурӣ Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов тавонист сафарҳои ҳунариро барои вусъат додани санъати театрии халқи тоҷик дар кишварамон инкишоф диҳад.

Бояд ёдовар шуд, ки театри номбурда сафарҳои ҳунариро на дар давлатҳои хориҷа, балки дар ҷумҳуриамон ба роҳ мондааст. Чунин сафарҳои ҳунарӣ аз соли 2002 ба ноҳияҳои Шаҳринав, Турсунзода бо асарҳои саҳнавии “Хуршедсавор”-и А. Сайфуллоев, “Як танга тилло”-и А. Ҳамдам, соли 2003 ба вилоятҳои Суғду Хатлон бо намоишномаҳои “Изтироб”-и Н. Насридин, А Қодирӣ, ба шаҳри Роғун, ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол, аз 14 то24 сентябр бо асарҳои “Ба пеши холаҳо”-и Ш Солеҳ, соли 2004 аз 1 то 16 август ба ноҳияҳои Панҷакент ва Айнӣ бо

асарҳои “Ба пеши холаҳо”-и Ш Солеҳ, соли 2006 ба шаҳри Норак, ноҳияҳои Данғара, Темурмалик, Балҷувон, Мӯъминобод, Ховалинг, Шӯрообод, (Ш. Шоҳин), Кӯлоб, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Рашт, Тавилдара, Ҷиргатол бо асарҳои “Тавқи лаънат ва номзад”-и Ш. Солеҳ ва З. Содиқ сурат гирифтанд. Фаъолияти ин ҳунармандони театр, сафарҳои ҳунарӣ ва теъдоди асарҳои ба саҳна гузошта аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти театр сол аз сол беҳтар шуда истодааст[1]. Мақсад аз ташкил намудани сафарҳои ҳунарӣ пеш аз ҳама, муаррифӣ намудани санъату фарҳанги халқи тоҷик, инчунин ташкил додани маҳоратӣ коргардонҳо, ҳунармандон ва драматургҳо ба шумор меравад.

Имрӯз театри ҷавонон дар ҳаёти театрии Тоҷикистон саҳми босазо дошта, дар сатҳи байналмилалӣ низ санъати театрии ҷумҳуриро муаррифӣ карда истодааст.[2]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ноябри соли 1937 фаъолияти эҷодии Театри давлатии драмавии ба номи В. Маяковский фаъолияти худро оғоз кард. Дар тӯли даҳҳо соли фаъолияташ театри мазкур намоишномаҳои зиёдеро таҳия намудааст ва доир ба фаъолияти он чандин маҷмӯаҳо, рисолаҳо, очеркҳо, даҳҳо мақолаҳо, зиёда аз дусад тақризҳои театрии рузномавӣ, ёддоштҳо ва ғайраҳо ба нашр расонидаанд. Дар ин маводи марбут ба фаъолияти эҷодии театр муносибат ба театр, стратегияи такмилёбии зебоӣ, фароҳам овардани фазои театрӣ, саҳми коргардонҳо, драматургҳо, ҳунарпешаҳо, рассомон, оҳангсозон ва дигар кормандони ин соҳа дар таҳияи асарҳои саҳнавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дар репуртуари театри мазкур мақоми асосиро асарҳои драматургии классикони рус ва шӯравӣ ишғол мекарданд. Аз ҷумла намоишномаҳои зерин чандин солҳо барои тамошобинон ҷолиб буданд: “Три сестры” (Се хоҳар)-и А.П. Чехов, “А зори здесь тихие” Василев,

---

[1]Ҳисоботи оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар слоли 2014. -Душанбе,: “Истеъдод”, 2014.- С. 10.

[2]Бойгонии ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов // Фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои1997- 2007.

"Рустам ва Сухроб" Жуковский.[1] Театр ба саҳнагузории асарҳои беҳтарини драматургияи ҷаҳонӣ, русӣ, миллиро амалӣ мекард ва бо ин амал таввачуҳ ва муҳаббати таошобинро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз он ба даст овард.

Дар солҳои 90-уми асри XX қисми зиёди кормандони эҷодӣ ва техникии театр ҷумҳуриро тарк намуданд ва мавҷудияти театр зери хатар қарор гирифт, вале дар натиҷаи барқароршавии ҳаёти босубот дар ҷумҳурӣ ва фаъолияти роҳбарияти нав каллективи эҷодӣ аз нав эҳё гардид. Дар натиҷа зиёда аз 40 намоишномаҳои мухталиф ба саҳна гузошта шуданд, ки аксари онҳо дар ҳамоишҳо ва ҷашнвораҳои бошукӯҳи театрии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ соҳиби ҷоизаҳо гардидаанд. Натиҷаҳои мазкур аз фаъолияти пурсамари эҷодии Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский аз соли 1991 то соли 2016 гувоҳӣ медиҳанд.[2]

Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе 7 сентябри соли 1985 дари худро барои тамошобинони хурду калон боз намуда, мавсими аввалини театриро бо намоишномаи "Саргузашти Нанука" оғоз кард.[3] Дар замони Истиқлолияти давлатӣ Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе бо суръат фаъолияти худро пеш бурда, ба комёбиҳои зиёде ноил гашт. Ҳамин тариқ, дар рафти фаъолият театр репертуари зерини худро дар солҳои 1991-2016 ба нақша гирифта, онро бомуваффақият иҷро намуд.[4]

Қайд кардан зарур аст, ки ба саҳнагузории намоишҳои нав дар театрҳо бештар муаллифон ва коргардонҳои тоҷик саҳмгузор буда, асарҳои ба фарҳангу таърихи миллат наздиктарро ба тамошобинон пешкаш намуданд

---

[1]Абдужабборов А. Чарующий мир театра. (В честь славного юбилея 70-летие Государственного театра русской драмы им. В.В. Маяковского) Составитель А.Абдужабборов. - Душанбе, 2007. - С. 4.
[2]Афсаҳзод А. Зиндагӣ дар саҳна: Маҷмӯи мақолаҳо ва тақризҳо. / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 288 с.
[3]Абдураҳмонов А. Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон./ А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов. - Душанбе, 2012. - С. 28.
[4]Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017.- Душанбе, 2017.- С.16, Нурҷонов Н.Вазъияти театри тоҷик. / Н. Нурҷонов// Садои Шарқ-1991,№1-С.-121-128.

ва ба ин восита санъати саҳнавии халқи тоҷикро бо асарҳои навҷӯёна ғанӣ гардониданд.

Боиси зикр аст, ки пайваста бо чунин талошҳо театри мазкур сафарҳои ҳунариро чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷ аз кишвар ба роҳ монд. Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе намоишномаҳои зерин: “Саргузашти Алла” ва “Маликаи шӯх”-и Ҳ.Салимов, “Ҷӯҷаи заррин”-и В.Орлов, “Мусобиқаи ғайриоддӣ” -и З.Ҷаводов ва дигар асарҳоро барои тамошобинони пойтахт ва навоҳии тобеи марказ намоиш доданд. Соли 2011 театр бо намоишномаҳои “Чароғаки раҳнамо”-и З.Ҷаводов, “Buқa”-и М.Супонина ба шаҳру навоии вилояти Хатлон, водии Рашт, ноҳияи Варзоб сафарҳои ҳунариро анҷом дод. Инчунин гурӯҳҳои эҷодии театр ба минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои Роғун, Файзобод, Варзоб ва Ҳисор бо спектаклҳои худ сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд. Дар ҳамкорӣ бо Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Томски Россия намоишномаи “Афсонаҳои сибирӣ”-ро ба саҳна гузошт, ки натиҷаи назарраси ҳамкориҳои эҷодии ибратбахш маҳсуб меёбад.

Театри драмавӣ-мусиқии шаҳри Конибодом ба номи Т. Фозилова яке аз куҳантарин театрҳои музофотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Театри мазкур соли 1930 дар заминаи дастаи ҳаваскорон таъсис ёфтааст. Фаъолияти эҷодии худро театр дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ давом дода истодааст, ки ба мушкилоти ҷойдошта нигоҳ накарда рӯ ба эҷод намудани асарҳои таърихӣ ва баланд бардоштани санъати саҳнавии тоҷик овардааст. Мусаллам аст, ки ин театр ҳам ба ҳолати буҳрон гирифтор шуда, фаъолияти худро қариб бозмедошт[1]. Инчунин аз ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳисоботи оморӣ аён гардид, ки театр ба бисёр мушкилот дучор гардидааст, бахусус аз ҷиҳати маош пурра тамин нагардидани кормандон, ба талаботи замон ҷавобгӯй набудани ҷои корӣ, паст будани маҳорати ҳайати эҷодӣ дар театр, муҷаҳҳаз

[1]Театр - оинаи ҳаёт / Мур.: А. Содиқов.- Конибодом, 2007. – 44 саҳ.

нагардидани театр бо васоити техникаи муосир, пешрафти театрро халалдор намудаанд.[1]

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҷомеаи муосир театр метавонд фаъолияти худро ҷоннок намояд ва соли 2016 дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд намоишномаи бачагонаи "Саг будан намехоҳам,"- ро аз рӯи асари О. Белов, дар таҳияи М. Музаффар манзури тамошобинон гардонид. Баҳри ба роҳ мондани робитаҳои фарҳангӣ моҳи сентябри соли 2016 ҳунармандони театр бо намоишномаи "Суди девонагон" дар фестивали байналмилалии таҷрибавии "Шекспир - 2016" дар шаҳри Лондон ширкат варзиданд.

Аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда ва мушкилоти ҷойдошта бармеояд, ки театр бояд дар ҳар маврид талош намояд, ки ҳар чӣ бештар рӯ ба драматургон, оҳангсозон, коргардонҳо оварад, то ки асарҳои баландмазмуне, ки дар онҳо таърихи халқи тоҷик инъикос меёбад, ба саҳна гузошта шаванд.[2] Театри ҷумҳуриявии драма ва мазҳакаи русии ба номи А. С. Пушкини шаҳри Чкаловск соли 1949 бо дастаи коллективи эҷодӣ таъсис ёфта буд. Дар муддати қариб 67 соли мавҷудияташ театр 250 намоишномаро ба саҳна гузошта, тарғибгари фаъоли эҷодӣ ва комёбиҳои санъати театрӣ гардид.[3]

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар тӯли солҳои истиқлолият асарҳо ва репертуарҳои ба замони нав мутобиқ рӯи саҳна оварда шудаанд. Театри номбурда амсоли дигар театрҳои касбӣ гирифтори мушкилиҳои моддию техникӣ аст. Гуфтан ба маврид аст, ки асарҳои миллӣ аз ҷониби коргардонҳо, драматургон, оҳангсозон ва муаллифон кам эҷод шудааст. Шояд дар солҳои аввали истиқлолият театр ба буҳрони иқтисодӣ гирифтор шуда, аз сабаби пардохт нагардидани маблағ кору фаъолияти худро пеш бурда натавонистааст. Мушкилоти дигаре дар ин театр аз он шаҳоат

---

[1] Ҳисоботи оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2005 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар соли 2006. - Душанбе, Истеъдод, 2006. - С. 22.
[2] Ҳисоботи оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар слоли 2014. Душанбе, Истеъдод, 2014.- С. 10.
[3] Абдураҳмонов А., Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. / А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов, - Душанбе, 2012.- С. 38-40.

медиҳад, ки намоишҳои пешинаро рӯи саҳна оварда, асарҳои навро ба саҳна нагузоштааст.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки камбудиҳои ҷойдошта метавонанд бо ибтикори кормандони театр ва ҳукумати вилоят, инчунин робитаи доимӣ ба вазорат, бахусус раёсарти санъат, ҳалли худро ёбанд. Сарфи назар аз мушкилот ва норасоиҳо театр кӯшиш ба харҷ медиҳад, то фаъолияти худро мувофиқи талаботи замон ба роҳ монад ва асарҳои муосирро рӯйи саҳна оварад.[1]

Театри ҷумҳуриявии лӯхтаки шаҳри Чкаловск соли 1950 дар назди Комитети гурӯҳи рақами 11-и шаҳри Чекаловск ташкил шудааст ва фаъолияти театр тайи ин солҳо нишон медиҳад, ки ҳунармандони ин театр намоишномаҳои зиёде бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва забонҳои дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия намудаанд. Театр дар солҳои истиқлолият доираи эҷодиашро васеъ намуда, барои афзун гардонидани завқи бадеӣ ва тахаюлоти драматургон, коргардонҳо ва оҳангсозон ва ба саҳна гузоштани асарҳои таърихӣ то андозае шароитро фароҳам овардааст. Театр дар солҳои истиқлолият фаъолияти эҷодии худро равнақ бахшида, асарҳои беҳтаринашро аз қабили “Духтари ҷасур”-и Ш. Қиёмов, “Алибобо ва роҳзанҳо”-и В. Маслов, “Дарахти дӯстӣ биншон”-и Н. Шарипов, “Саргузашти Чок”-и Ю. Гуравер ва амсоли инҳо ба саҳна гузошт. Дар баробари эҷод намудани чунин асарҳо театр сафарҳои ҳунариро ба роҳ монда, асарҳои миллиро ба саҳна гузошта, тамошобинро аз фарҳангу таърихи пурғановати тоҷикон воқиф намудааст.

Театри драмаи мусиқии ӯзбекии ноҳияи Спитамен ба номи Шукур Бурҳонов соли 1934 дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъат ташкил ёфтааст. Ҳайати эҷодии театр ба асарҳои драматургони ӯзбек рӯ оварда, як қатор асарҳои муҳимми замонавиро ба монанди “Лолахон”, “Гулсара”-и К. Яшин, “Бой ва хидматгор”-и М. Муҳаммадов ба саҳна гузоштааст.

---
[1]Муҳаммадҷонов А. Мушкилоти театрҳои ҷумҳурӣ. / А. Муҳаммадҷонов. // Адабиёт ва санъат - 1993, 8-феврал.

Театр ба драматургони мамлакатҳои ҳамсоя рӯ оварда беҳтарин асарҳои таърихиро ба саҳна гузоштааст. Дар барномаи театр песаҳои драматургони тоҷик чун “Дилҳои ҷароҳатнок”-и Ҳ Содиқ, “Эшони Иллоанта”-и А. Атобоев, “Ҳалокати одат”-и Н. Назаров ҷойгоҳи хосро касб кардаанд.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки театри мазкур аз лиҳози паст будани вазъи иқтисодӣ ва аз ҷониби мақомоти давлатӣ пардохт нагардидани маблағҳо ба душвориҳо дучор гардид. Бо сабаби чунин душвориҳо фаъолияти театр аз соли 1991 то соли 1999 дар ҳолати вазнин қарор дошт, ки ин боиси паст гардидани шавқу завқи эҷодии кормандони театр гардид[1]. Бо мурури замон беҳтар гардидани фазои фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ тайи чанд соли охир театр барои беҳтар намудани фаъолияти кории худ, алалхусус офаридани асарҳои миллӣ шурӯъ намуд.

Театри мазҳакавӣ-мусиқии шаҳри Кӯлоб ба номи С. Ализода соли 1938 таъсис ёфтааст. Аввалин поягузорони театр Саидалӣ Ализода, Чол Одинаев, Ҳалим Раҳимов, Абдулло Азизов дар ташаккули театри касбӣ ва ғановати репертуарҳои он ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Дар даврони истиқлолият театр ба мушкилиҳои модию техникӣ нигоҳ накарда, фаъолияти худро ҷоннок намуд ва таҳти сарварии саррежисёри театр, ҳайати эҷодии театр асари Ғ. Ашӯров “Офтоб омад далели офтоб”-ро таҳия намуда, ба вилояти Суғд сафарҳои ҳунарӣ анҷом дод. Ҳунармандони театри мазкур бо намоишномаи Ш. Солеҳ “Шумқадам” таҳиягар Р.Одинаев, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон М. Миров бошад бо намоишномаи “Фишор”-и С. Аюбӣ дар фестивал-озмуни театрҳои касбӣ - “Парасту -2011” ширкат намуда, ғолиби ин фестивал-озмун дониста шуд. Соли 2014 театр тавонист якчанд намоишномаро ба саҳна гузорад, аз қабили “Рӯбоҳ ва харгӯш дар базми солинавӣ”-и А. Файзиев, “Фиғон”-и Ф. Ашӯров, “Пулдон”-и Э.Лабиш, “Ман-қотилам”-и Ж. Қулмамбетов. Умуман театри мазкур тавонист фаъолияти худро тақвият бахшида то 106

[1]Раҷабов Р. Вақте, ки театр менигарист. / Р. Раҷабов. – Душанбе: Пайк, 1997.- С. 303.

намоишномаро ба саҳна гузошта 41000 нафар тамошобинро ба театр ҷалб намояд.[1]

Театри мазҳакавӣ-мусиқии шаҳри Қӯрғонтеппа ба номи Ато Муҳаммадҷонов соли 1979 ташкил ёфтааст, ки намоишномаҳои аввалини он "Эшони Иллоанта"-и А. Атобоев дар таҳияи М. Қурбонов ба саҳна гузошта шуд. Гурӯҳи эҷодии театр, ки асосан хатмкардагони Донишкадаи давлатии санъати ба номи Мирзо Турсунзода буданд, чандин асарҳои ҷолибро, аз ҷумла "Уқоб"-и С. Сафаров, "Аз бало ҳазар"-и Ш. Қиёмов, "Бибиҷонро ба зиндонӣ мегирам"-и Г. Мухторов, "Модар нигарон буд"-и Ф Ансорӣ, инчунин аз осори драматургони классикии рус "Ҷашн" ва "Хостгорӣ"-и А. П. Чехов, "Оилаи антиқапарастон"-и К. Голдонӣ, "Пулдон"-и Э. Лабишро ба саҳна гузоштаанд. Имрӯзҳо дар театр ҳунармандони болаёқат, ба монанди А. Абдуллоев, М. Ҳоҷибоева, М. Шомудинов, О. Давлатова, Қ. Шукуров,Ҷ. Расулов ва чанде дигарон фаъолияти эҷодии худро идома дода, бештар рӯ ба асарҳои таърихию миллӣ оварда, санъати саҳнавиро таровати тозае мебахшанд.

Театри мазҳакавӣ-мусиқии шаҳри Хоруғ ба номи Меҳрубон Назаров соли 1936 дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъати шаҳр ташкил ёфт. Ҳунармандони аввалине, ки дар рушду нумӯи театр хидматҳои шоиста карданд, инҳоянд: ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Ғ. Ғуломалиев, М. Отамов, Б. Карамхудоев, Г. Қадамшоева, Д. Бекова, Қ. Ноёбшоев, М. Шакаринов ва дигарон, ки дар баланд бардоштани санъати саҳнавии мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд.

Бояд гуфт, ки театри шаҳри Хоруғ дар даврони шӯравӣ яке аз театрҳои пешқадами мамлакат ба ҳисоб рафта, дар ҳамаи самтҳо нақшаву чорабиниҳои он дар байни омма обрӯ ва нуфузи зиёде доштааст.

Дар солҳои аввали душвории истиқлолият фидокорони театр ҳаргиз намегузоштанд, ки оташаки эҷодии театр хомӯш гардад. Кормандони

---

[1]Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2016 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2017. - Душанбе: Истеъдод, 2017.- С. 20.

театр асарҳои ҷолибро ба монанди “Барзуи шуғнонӣ”-и А. Ҳамдам, достони “Шоҳнома” дар таҳияи устод Хушназар Майбалиев ба саҳна гузоштаанд. Ҳунарпешагони театр дар қатори асарҳои классикӣ боз як зумра намоишномаҳои тозаро ба монанди “Зилобам” М. Мазабшоев, “Амир Исмоил”-и С. Аюбӣ, “Калила ва Димна” Ҳ. Кошифӣ, “Пир Шоҳносир”-и Ҷ. Қуддус, “Даври орифин”- и У. Хисравов ба маърази тамошо гузоштаанд. Театри номбурда дар замони истиқлолият асарҳои зиёде эҷод намудааст. Театр пайваста кӯшиш меномояд, ки самараи кории худро рушд диҳаду асарҳои навэҷодро ба саҳна гузорад. Боиси зикр аст, ки ба монанди дигар театрҳои касбӣ театри мазкур низ бо мушкилоти зиёде гирифтор аст. Пайваста бо ин талошҳо ҳунармандони ҷавон ба монанди Умед Хисравов, Мутриб Шоискандаров ва дигарон саъй меварзанд то бештар асарҳои миллиро рӯйи саҳна оваранд ва ба санъати театрӣ рӯҳи нав бахшад.

Бо вуҷуди дучор шудани театр ба мушкилоти ҷиддӣ он саҳми худро дар инкишоф додани санъати театрӣ гузошта истодааст. Норасоии дигар дар театри мазкур паст будани қобилияти эҷодии коргардонҳои ҷавон ва ба саҳна гузоштани асарҳои камтаъсир ва асарҳои миллии ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуда ба шумор мераванд.[1]

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25. 10. 2003 № 478 тасис ёфт. Моҳи июли соли 2004 театр нахустин намоишномаи худ “То қиёмат”-ро аз рӯи асари С. Аюбӣ пешкаши тамошобинон гардонидааст. Соли 2005 бо пешниҳоди ҳукумати ноҳия ва дастгирии Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дар театр курси махсус оиди баланд бардоштани салоҳияти касбии ҳунармандон кушода шудааст.

[1]Абдураҳмонов А., Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон./ А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов. - Душанбе, 2012. - С. 56-57.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз сабабҳои хуб рушд кардани фаъолияти театри мазкур кордонӣ ва масъулиятшиносии сарварии он З. Кабутов мебошад. Театр дар чанд соли фаъолияташ асарҳои гуногунро ба саҳна гузошт. Театр метавонад бештар ба асарҳои таърихӣ ва миллӣ рӯ оварад, зеро нисбатан шароити хуби эҷодӣ дорад ва аз лиҳози таҷҳизоти техникаю дигар лавозимоти мавриди ниёз ба пуррагӣ тамин аст. Театри номбурда пайваста бо кӯшишу талошҳо ҳар сол дар дохили кишвар сафарҳои ҳунариро ба роҳ монда, муносибати фарҳангӣ ва сатҳи касбии ҳунармандонро баланд мебардорад. Бояд зикр кард, ки дар баробари дастовардҳо камбудиҳо низ дар фаъолияти театр мушоҳида мешаванд. Ба андешаи мо ин норасоиҳо, пеш аз ҳама, кам эҷод гардидани асарҳои миллию таърихӣ, надоштани кадрҳои болаёқат, бахусус драматургон, хореографҳо, оҳангсозон ва дигар мушкилот фаъолияти театрро халалдор месозанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки театрҳои касбии ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани санъати саҳнавӣ дар мамлакат ва берун аз он кӯшиши зиёдро ба харҷ медиҳанд, ки халқи тоҷик таърихи бойи фарҳангӣ дорад ва театрҳо метавонанд баҳри беҳтар гардидани маҳорати касбии худ ва эҷоди асарҳои миллӣ аз он самаранок истифода баранд. Боиси зикр аст, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола талош меварзад, ки барои рушди театрҳои касбӣ ва вусъат бахшидани санъати саҳнавӣ асарҳои миллиро харидорӣ намоянд. Аз ҷумла соли 2011 22 асари драмавӣ, соли 2013 23 асари драмавӣ, соли 2014 10 асари драмавӣ, соли 2015 бо тавсияи Шӯрои бадеии вазорат 11 асари драмавӣ ва соли 2016 18 асари драмавӣ харидорӣ шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки вазорати мазкур барои беҳбудии фаъолияти театрҳо ва сифати намоишномаҳо кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ медиҳад. Барои тақвият додани санъати театрӣ Шӯрои бадеии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии

Тоҷикистон тасмин гирифт, ки асарҳои навро эҷод намуда ва ба ҳаёти ҷомеа таъсири худро расонанд.[1]

**Асарҳои ба саҳна гузошташудаи театрҳои касбии ҷумҳурӣ дар солҳои 1991-2016**

| /р | Номи театрҳо | Теъдоди асарҳои ба саҳна гузошташуда | Теъдоди асарҳои драматургони миллӣ | Теъдоди асарҳои драматургони ҷаҳонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳути | 80 | 50 | 30 |
| 2. | Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ | 74 | 50 | 24 |
| 3. | Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов | 73 | 62 | - |
| 4. | Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский | 90 | 30 | 60 |
| 5. | Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе | 76 | 58 | 14 |
| 6. | Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Дангара | 30 | 25 | - |
| 7. | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳамадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа | 16 | 14 | 7 |
| 8. | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб | 67 | 60 | 5 |
| 9. | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К. Хуҷандии шаҳри Хуҷанд | 65 | 65 | - |
| 10. | Театри давлатии драмавӣ- мусиқии ба номи Т. Фозилови шаҳри Конибодом | 34 | 31 | - |
| 11. | Театри давлатии драмавии русии ба номи А.С. Пушкини шаҳри Чкалов | 80 | 30 | 50 |
| 12. | Театри лӯхтаки шаҳри Чкалов | 61 | 44 | 17 |
| 13. | Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ | 30 | 25 | 3 |
| 14. | Театри мусиқӣ-драмавии ба номи Ш. Бурҳонови ноҳияи Спитамен | 30 | 20 | - |

[1]Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2011 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2012. - Душанбе, 2011. - С. 6-7. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2013 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2014. - Душанбе: Истеъдод, 2014.- С. 6; Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2014 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2015. - Душанбе: Матбуот, 2015.- С. 614-15;

Дар ҷадвали мазкур миқдори умумии асарҳои дар 14 театри касбии ҷумҳурӣ ба саҳна гузошташуда, аз ҷумла асарҳои драматургони миллӣ ва драматургони ҷаҳонӣ ба таври алоҳида нишон дода шудааст.

Бо мақсади амалӣ намудани Барномаи рушди санъати театрӣ дар соли 2014 даҳ нафар довталаб барои таҳсил ба Донишгоҳи давлатии театрии шаҳри Новосибирск аз рӯйи ихтисосҳои “Коргардони театр”, “Актёри театри драма” ва “Актёри театри лухтак” фиристонда шуданд. Таҳсили онҳо мақсаднок ба роҳ монда шуда, баъди хатми таҳсил дар Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов, Театри давлатии ҷумҳуриявии лӯхтак ва Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара ба фаъолият оғоз карданд ва таъминоти театрҳои мазкур бо кормандони касбӣ беҳтар хоҳад шуд. Қобили зикр аст, ки ду нафар аз ҳисоби Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов ба Академияи давлатии санъати Челябинск аз рӯйи ихтисоси “Коргардони театр ва кино” ва як нафар аз ҳисоби Театри давлатии драмаи русии ба номи В. Маяковский ба Академияи давлатии санъати театрии Санкт-Петербург аз рӯйи ихтисоси “Ҳунари актиёрӣ” барои таҳсил фиристонида шудаанд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки тамоми театрҳои касбии ҷумҳурӣ дар фаъолияти эҷодии худ рӯ ба асарҳои миллӣ оварда, ба тамошобинон бештар чунин намоишномаҳоро пешниҳод намудаанд. Бо ин амали худ ҳайати эҷодии театрҳои касбӣ дар тарбия намудани ҳисси меҳанпарастӣ, худшиносии миллӣ дар ниҳоди тамоми мардуми тоҷик ва эҳёи фарҳанги миллӣ саҳми бузург гузоштаанд. Ҳамчунин ба мардумони кишварҳои дигар низ фарҳанги миллии тоҷик ва маҳорату касбияти эҷодию ҳунарнамоии ҳайати кории худро муаррифӣ карданд. Ғайр аз ин, ба ҷаҳониён таърихи фарҳанги пурғановати миллати тоҷикро нишон доданд. Аз ин бармеояд, ки дар айни замон, новобаста аз рушди техника ва технологияи иттилоотии муосир, мавқеъ ва саҳми театр дар ҳаёти

ҷамъиятии имрӯза муҳим ва назаррас мебошад[1]. Аммо бо вуҷуди комёбиҳои дар боло зикршуда, дар кору фаъолияти театрҳо камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла кам ҷалб кардани тамошобинон ба театр, маҳорати пасти ҳунарнамоии бархе аз ҳунарпешаҳо дар саҳна, набудани мутахассисони касбии соҳаи санъати театрӣ, ба монанди роҳбарони бадеӣ, коргардонҳо, рассомон, оҳангсозон, ромишгарон ва ғайраҳо.

Инчунин баяд қайд кард, ки дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба чораҷӯиҳои роҳбарияти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ин мушкилот ҳалли пурраи худро наёфтааст. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии санъат аз сабаби паст будани маош ба фаъолияти корӣ дар театр машғул намешванд.

Мушкилоти дигари ҷиддии соҳаи санъати театрӣ, ба андешаи мо дар он аст, ки дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон коргардонҳои соҳибтахассус хело кам аст ва синну соли онҳо аз синни нафақа зиёдтар аст. Ғайр аз ин, бояд зикр кард, ки оҳангсозони ангуштшуморе мондаанд, ки қудрати офаридани асарҳои калони симфонӣ, мусиқӣ барои опера ва балет дошта бошанд. Аз ин рӯ, бештари театрҳо ба ҷумҳуриҳои дигар барои ҷалби оҳангсозон мурочиат мекунанд[2].

Мушоҳидаҳо ва омӯзишу таҳлилҳо нишон доданд, ки камбудӣ ва норасоии дигари таъсирбахш дар фаъолияти театрҳо сард будани толорҳои театрҳо дар фасли сармо мебошад. Дар музофотҳои кишвар театрҳо назар ба театрҳои пойтахт вазъияти мушкилтар доранд, зеро мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба соҳаи санъати театрӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Театрҳои музофотӣ, муассисаҳои театрӣ то ҳол ҳам аз ҷиҳати пойгоҳи моддӣ-техникӣ бо техникаи муосири тақвияти овоз, компютерӣ, рӯшноидиҳӣ муҷаҳҳаз нашудаанд. Барои фаъолияти театрҳо маблағҳои

---

[1] Ҳисоботи оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2011 ва самтҳои афзалиятноки соҳа дар слоли 2014. -Душанбе,: Истеъдод, 2012. - С. 10.

[2] Подвислова В. Фаъолияти театр дар арафаи Наврӯз / В.Подвислова // Бизнес и политика. – 1998, 21-27 март.

ҷудогардида кофӣ набуда, танҳо барои пардохти музди меҳнати кормандон мерасаду халос.

Ба андешаи мо барои эҷоди асарҳои хуби саҳнавӣ аз ҷониби ҳайати эҷодӣ чорабиниҳои гуногуни берун аз театр, ки ба онҳо кормандон ҷалб мешаванд, монеаҳо эҷод мекунанд. Аз ин хотир, ба тобеияти пурраи Вазорати фарҳанг баргардонда шудани тамоми театрҳо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки бо сабабҳои гуногун аксари театрҳои касбӣ нақшаи репертуарии худро сари вақт иҷро карда натавонистанд. Масалан, Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ операҳои “Борбад” ва “Фаввораи боғчасарой”- ро ба сахна гузошта натавонист. Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ намоишномаҳои “Тӯйи Кретчинский” ва “Зан агар оташ намебуд”-ро ба саҳна гузошта натавонист. Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов намоишномаҳои “Заҳҳок” ва “Иштибоҳ” ва Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский намоиши “Сид”-ро рӯи саҳна оварда натавонист.[1] Аз ҳисоботи солонаи фаъолияти Вазорати фарҳанг бармеояд, ки ин зухурот аз сабаби бесалоҳиятии роҳбарону саркоргардонҳои ин муассисаҳо ба амал омада буданд.

Махсусан қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз имкониятҳои муҳимтарине, ки барои театрҳои касбӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё шудааст, ба роҳ мондани муносибатҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ маҳсуб меёбад. Ба шарофати истиқлолият ҳамкориҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бо як қатор кишварҳо густариш ёфт, ки зимнан театрҳои касбӣ низ имконият пайдо карданд, ки созишномаҳои байналмилалии ҳамкорӣ бо театрҳои давлатҳои гуногун ба имзо росонанд. Чунончи созишномаи байни Театри опера ва балети ба

[1]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2014. - Душанбе: Истеъдод, 2014.- С. 9-10., Театри ҷавонон дар Эрон // Тоҷикистон №1-2, 2010, с.-25., Аз суҳбат бо директори Теари ҷавонон ба номи М.Воҳидов, ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Т.Бобоев. 15 апрели соли 2018.

номи С. Айнӣ ва Театри калони давлатии академии Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ 8-уми апрели соли 2004 дар шаҳри Душанбе ба тасвиб расидааст.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ як қатор пешниҳодҳо ва санадҳои зарурӣ оиди муносибатҳои фарҳангии театрҳои касбии ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар соли 2007 ба роҳ монда шудаанд. Аз ҷумла:

- инкишоф додани робитаҳои байналмилалӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, ЮНИСЕФ, Бонки умумиҷаҳонӣ, Шуъбаи Иттиҳоди Аврупоӣ оид ба масъалаҳои башардӯстӣ, Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Хазинаи Сорос, ACTED ва бо ҳамаи сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ;

- татбиқ намудани созишномаҳо ва қарордодҳои фарҳангӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ;

- ҷамъ овардани маводи зарурӣ оид ба вазъи фарҳангӣ, падидаҳои фарҳангу санъат ва рӯйдодҳою чорабиниҳо дар мамлакатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон;

- тайёр кардани лоиҳаҳои қарордоду созишномаҳои байниҳукумативу байнисоҳавӣ оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои барномавӣ барои грантҳои молиявӣ ва ба созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод кардани онҳо;

- бо мақсади тарғибу ташвиқи фарҳангу ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик дар хориҷи кишвар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо сафоратхонаҳою созмонҳои байналмилалӣ.[1]

Театрҳо бештар рӯ ба асарҳои миллӣ овардаанд, ки дар онҳо аксаран таъриху фарҳанги халқи тоҷик инъикос ёфтааст. Ба мушоҳида расид, ки

---

[1]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2008. - Душанбе: Матбуот. 2008.- С. 70-71.

дар даврони истиқлолит нисбат ба театрҳои музофотӣ дар театрҳои шаҳрӣ ҳамаи самтҳои фаъолияташон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омадааст.[2]

Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ бо намоишҳои саҳнавӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ сафарҳои ҳунариро анҷом дод. Аз он ҷумла, бо намоишномаҳои "Бузаки ҷингилапо", "Кармен-сюита", "Павана Марва", "Алеко", "Комде ва Мадан", "Дон Кихот", "Жизел", "Чиполлино", "Корсар", "Санами хуфта" "Афсонаи беша", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Мақоми ишқ" ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва тибқи барномаи байнидавлатӣ сафари ҳунарӣ ба шаҳри Воронежи Федератсияи Россия анҷом дод.[1]

Боиси хушнудист, ки театрҳои касбӣ сарфи назар аз мушкилиҳо ба пешравӣ дар санъати театрӣ ва барқарор намудани робитаҳои фарҳангӣ чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он муваффақ гардидаанд. Ин ба он далолат мекунад, ки театрҳо ба фарҳанги тоҷикон баъд аз ба даст овардани истиқлолият боз аз сари нав рӯҳи тоза бахшида, ғановати асарҳои миллиро дучанд афзун намудаанд. Махсусан, доир ба фаъолияти хори овозии Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ қайд кардан ҷоиз аст, ки новобаста аз нарасидани кадрҳо ва ҷой доштани мушкилот дар кору фаъолияти театри мазкур, ин коллектив сидқан заҳмат кашида дастовардҳои зиёдеро соҳиб гашт. Ҳамин тариқ, дар Фестивали байналмилалии хорҳои академӣ ва фолклории дар шаҳри Анқараи Туркия, ки соли 1998 баргузор гардид, дар байни 39 кишвари ҷаҳон ҷойи дуюмро соҳиб гашт.

Талаботи озмун ниҳоят мураккаб ва мушкил буданд. Иҷро намудани яке аз асарҳои классикии ҷаҳонӣ, якчанд асарҳои миллӣ ва як асари оҳангсозони кишвари мизбон зарур буд.

---

[2] Қурбони С.Театр: тамошобинро зӯран набояд батеатр овард./ Қ Собир.// Адабиёт ва санъат.- 2015, 14 май. (русӣ)

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ // Ҳисоботи муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар солҳои 2010-2016.

Дар озмун кишварҳои Македония, Скандинавия, Украина, Россия, Белгия, Олмон, Маҷористон, Руминия ва дигарҳо ширкат варзидаанд, ки дар онҳо санъати хор ба таври анъанавӣ рушд ёфта буд. Хори машҳури кишвари Туркия дар озмуни мазкур танҳо мақоми сеюмро соҳиб гашт. Аз ин рӯ, мақоми дуюми хори Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ яке аз комёбиҳои бузург дар ин ҷода мебошад.[1]

Ба шарофати падидаҳои муҳимми сиёсиву фарҳангӣ аз 21 то 28 майи соли 2007 рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Хитой бо шукӯҳу шаҳомат доир гардид, ки дар он мулоқоти вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Халқии Хитой Сун Сзяа Чжен ба вуқӯъ пайваст, ки дар ҷараёни он масъалаҳои ҳамкории минбаъдаи фарҳангӣ дар соҳаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боиси ифтихор аст, ки дар ин ҳамоиш ҷонибҳо изҳори омодагӣ намуданд, ки дар фестивалҳои байналхалқии театрӣ, фолклории кишварҳо минбаъд фаъолона ширкат меварзанд. Иштироки ҳунарпешагони тоҷик дар Фестивали сеюми санъати кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар шаҳри Бишкек бо шукӯҳу шаҳомати хоса гузаронида шуд. Дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ – “Наврӯз-2007” ва театрҳои лӯхтак “Чодари хаёл” сурат гирифтанд, ки дар барномаи он ҳунарпешагони театрҳои лӯхтаки Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Олмон ширкат варзидаанд, ки барои инкишофу густариш додани санъати театрӣ заминаи хуб ба вуҷуд оварад.[2]

Ҳамасола театрҳои касбӣ ба кишварҳои хориҷӣ сафарҳои ҳунариро анҷом медиҳанд то, ки фарҳанги пурғановати тоҷиконро дар он кишварҳо муаррифӣ намоянд ва ҳамзамон сатҳи кору фаолияти эҷодии худро баланд бардоранд. Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ операҳои Т. Шаҳидӣ “Себаки сеҳрнок” ва “Афсонаи беша”-и А. Мӯсоевро

[1] http: // operablet. tj / istoriya- teatra-p. htmi
[2] Фарҳанг пулест барои густариши ҳамкориҳо // Тоҷикистон. № 3, 2008. С. 25.

ба саҳна гузошт, ки мақом ва манзалати театрро чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар баланд бардоштанд. Ҳунармандони театри мазкур соли 2008 дар Фестивали байналмилалии оркестрҳои камеравӣ дар шаҳри Ашқобод ширкат варзида, бо муваффақият баромад намуданд.

Инчунин намоишномаҳои “Трубадур”, “Паяцы”, “Қишлоқи тиллоӣ” ва “Комде ва Мадан,” ки хеле барномаи ҷолиб буданд, пешкаши тамошобинон намуданд. Соли 2010 театр барномаҳои хуби эҷодиро тайёр намуда, манзури тамошобинон гардонд. Аз ҷумла аз 27 то 30-юми январ тамошои нахустнамоиши “Шоми опреттаҳои писандида” (Вечер любимых оперетт) баргузор гардид. Дар ин барнома порчаҳо аз опереттаҳои классикии оҳангсози маъруфи Маҷористон И. Калман ба намоиш пешниҳод шуданд, инчунин намунаҳо аз опереттаҳои “Силва”, “Марица” ва “Маликаи сирк” ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Дар ин чорабинии бошукӯҳ ҳунармандони соҳибистеъдои театр С. Нуруллоев, С. Юсупов, А. Мирраҷабов, З. Алиева, М. Мирзоева ва ҷавонони хушсалиқаи театр ба монанди М. Исоева, А. Тиман, И. Колесникова, Қ. Содиқов, О. Харитонов, балет ва оркестри театр таҳти сарварии дрижёр А. Шоймуродов ҳунарнамоӣ карданд. Бо ташаббуси ҳунармандони театр 6-уми феврал нахустнамоиши балети “Дон Кихот”-и Л. Минкус баргузор гардид. Онро балетмейстер Э. Акматов ба саҳна гузошта ва оркестри театр таҳти роҳбарии дрежёр Б. Меҳробов ҳамовозӣ намуд. 12-уми марти ҳамон сол бори аввал операи “Кармен”-и Ҷ. Бизе ба забони асл, яъне забони фаронсавӣ аз ҷониби овозхонони театр хело дар сатҳи баланди касбӣ иҷро гардид.

Театр барои иҷрои нақши асосии Кармен аз шаҳри Алма-Ато, аз Театри давлатии академии опера ва балети Қазоқистон ба номи Абай Сара Ишановаро даъват намуд. Мавсуф бо ҳунармандони тоҷик нақшҳои ҷолибро офарида баҳои баландро сазовор гаштаанд. Намоишномаҳое, ки дар моҳи марти ҳамон сол бо шаҳомати беназир баргузор гардиданд, бо кордонии роҳбари бадеии театр ва сардирижёр Ҷ. Колелла, хормейстрон Е.

Тиллоева, Х. Маҷидов, рассомон Я. Маҳмадқулов, коргардон Ш. Низомов ва Ш. Халилов, балетмейстр Э. Акматов таҳия гашта, ба саҳна гузошта шуданд[1]. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар моҳи сентябри соли 2010 ҳайати эҷодии театр барои баргузор гардидани рӯзҳои фарҳангии Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузорӣ намудаанд.

Дар чорабинии фарҳангӣ балетҳои якпардагии "Кармен-сюита" ва "Паванаи Мавр" пешкаши тамошобинон гардонида шуданд, ки ин балетҳои номбурда солиёни зиёд дар барномаи театр вуҷуд доранд. Ба шарофати муносибатҳои фарҳангӣ як гурӯҳ ҳунармандони собиқадори театр ва ҷавонони соҳибистедод нақшҳо офаридаву санъати саҳнавиашонро сайқал додаанд. Соли 2011 барои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ бисёр ҷолибу фараҳбахш буд, ки ба муносибати соли нав бо иштироки ҳунармандон аз Ҷумҳурии Халқии Чин чорабиниҳои фарҳангии ҳамаҷониба ҷолибе дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

Моҳи майи соли 2012 бахшида ба рӯзи таваллуди ситораи балети тоҷик Малика Собирова дар ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандони балет ситораҳои балет аз театрҳои беҳтарини шаҳрҳои Москва, Санкт-Питербург, Перм. Бишкек, Алмаато ва намояндагони ҳайатҳои "Русский балет" ва "Кремлёвский балет" ширкат варзида, ҳунарнамоӣ карданд. Бояд тазаккур дод, ки ҳайати эҷодии театр сол аз сол муносибатҳои хориҷиро густариш дода, намоишномаҳои нақшавиро чӣ дар дохил ва чӣ берун аз кишвар фаъолона иҷро менамояд.

Соли 2015 як зумра чорабиниҳо дар театри мазкур сурат гирифтанд. Аз ҷумла Театри миллии опера ва балети ба номи А. Малдибаеви Ҷумҳурии Қирғизистон операи Ҷ. Россинӣ "Сартароши севелӣ",-ро намоиш дод. Инчунин, иҷрои нақши Феррандо, сардори посбонон аз операи Ҷузеппе Верди "Трубадур" рӯзи 18 феврал бо иштироки солисти опера

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ // Ҳисоботи нуҳмоҳаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар соли 2010.

Суймоналиев Нуралӣ пешкаши ҳаводорон гардид. Барои вусъат додани чунин чорабиниҳо театр талош мекунад, ки устодони рақс, коргардонҳо, драмманависон, овозхонҳо ва устодони балетро аз дигар ҷумҳуриҳо даъват намояд, ки ин боиси бартараф гардидани камбудиҳо ва беҳтар шудани фаъолияти ин театр гардид.[1]

Барои намоиш додани балети “Маликаи ҳафтум”-и П. И. Чайковский, ки рӯзҳои 26-28-уми феврали соли 2015 баргузор шуд, аз шаҳрҳои Москва солистони балети “Кремлёвский балет” дар нақши Маликаи Аврора Аблисова Ирина ва Евгенов Михаил дар нақши Шоҳзода Дезире ва инчунин барои машқ ва дрижёрӣ намудан дар балети “Маликаи ҳафтум”-и П. И. Чайковский бо оркестри симфонии Муассисаи давлатии “Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ” дирижёри Театри давлатии академии опера ва балети шаҳри Челябинск ба номи М. Глинкаи Федератсияи Россия Губанов Вячеслав даъват карда шудаанд. Барои таҳия ва намоиш додани операи Ҷ. Пуччини “Тоска”, ки рӯзҳои 3-юм ва 5-уми апрели соли 2015 намоиш дода шуд, барои машқҳои саҳнавӣ бо салистони опера ва ҳунармандони хори театр режиссёри операи Театри миллии опера ва балет ба номи А. Малдибаеви Ҷумҳурии Қирғизистон Сартбаев Искандар даъват карда шуда, операро аз сари нав бо нақшофаринии нав рӯи саҳна овардаанд. Барои иҷро намудани нақши Тоска дар намоишномаи операи Ҷ. Пуччини ҳунарманди операи Театри давлатии академии опера ва балети шаҳри Челябенск ба номи М. Глинкаи Федератсияи Россия Даренских Наталия Юревна даъват карда шудааст.

Ба шарофати чунин робитаҳои фарҳангӣ театри мазкур 10-уми июн консерти ҳунармандони театр дар ҳамкори бо РОССОТРУДНЕЧИСТВО баргузор гардид, ки дар он асарҳои оҳангсозонии рус ва асарҳои халқии русӣ садо доданд. Бахшида ба 15-солагии Созмони Ҳамкории Шанхай аз 23-юм то 24- уми июни соли 2016 дар 13-умин Фестивали байналмилалии

---

[1]Бойгонӣ ҷории Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ // Ҳисоботи солонаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар соли 2015.

гурӯҳҳои хорӣ дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии мардумии Чин баргузор гардид, ки дар он як гурӯҳ ҳамсароёни Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ширкат варзиданд[1].

Театри давлатии академи драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ барои беҳтар намудани фаъолияти эҷодӣ бо дигар кишварҳои хориҷӣ равобити фарҳангиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла театри мазкур бо асарҳои навҷӯёнаи худ аз қабили “Баҳроми Чӯбина”-и Т. Аҳмадхонов дар кишвари Эрон соли 1999 сафари ҳунарӣ дошт ва соли 2000-ум намояндаи СТД Россия, раиси мунаққидони театри шаҳри Москва Н. Г. Мияхова дар заминаи ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба Тоҷикистон омад ва дар таҳияи якчанд спектакл, аз аз ҷумла “Саид” ва “Кӯҳистонӣ” бо ҳунармандони театр ҳамкорӣ кард. Соли 2003 асари “Дон Жуан”-и Молйер дар шаҳри Бишкек, соли 2006 “Кабки қафас”-и Т. Зулфиқоров дар Осетия ва соли 2007, “Кабки қафас”-и Т. Зулфиқоров дар шаҳри Бишкек ба намоиш гузошта шудаанд.

Ҳунарпешаҳои театр ҳамеша талош меварзанд, ки бо ҳамкасбони худ аз кишварҳои хориҷӣ робитаҳои фарҳангиро густариш диҳанд ва беҳтарин асарҳои саҳнавии худро манзури тамошобинони хориҷӣ гардонанд. Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Барзу Абдураззоқов соли 2011 аз рӯи асари “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ бо ҳамроҳии як гурӯҳ ҷавонони соҳибистедод намоишномаи ҷолиберо таҳия намуда, дар Фестивали байналмилалии театрҳои хиёбонӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва бо намоишномаи “Кабки қафас”-и Т. Зулфиқоров дар шаҳри Ашқобод бомуваффақият баромад намуданд. Ҳамчунин театр соли 2012 бо намоишномаи «Ҳикояти муштзан» аз рӯи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, дар таҳияи Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Барзу Абдураззоқов дар Фестивали сеюми театрҳои хиёбонӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии

[1]Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2007.- Душанбе: Матбуот, 2007.- С. 30-32.

Қирғизистон бомуваффақият иштирок намуд. Қобили зикр аст, ки театри номбурда дар солҳои 2014, 2015, 2016 баҳри густариш додани равобиту ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар бисёр чорабиниҳои фарҳангии ҳунармандони театрҳои кишварҳои хориҷӣ ширкат варзидааст.[1]

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар тӯли солҳои истиқлолият новобаста аз мушкилоти ҷойдошта муносибатҳои фарҳангиро ба кишварҳои хориҷӣ ривоҷ дода, сафарҳои ҳунариро анҷом додааст. Театр соли 1993 намоишномаи "Сафар махсум"-и А. Ҳамдам дар Туркманистон, соли 1994 дар Ҷумҳурии Исломии Эрон намоишномаи «Рудакӣ»-и С. Улуғзода, коргардон М. Хаёлов, соли 1995 намоишномаи «Рӯдакӣ» -и С.Улуғзода, коргардон М. Хаёлов, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, соли 2004 намоишномаи «Ҷазирбод»-и Ҷ. Қудус, коргардон Д. Убайдуллоев дар Ҷумҳурии Қирғизистон, моҳи июни соли 2007 намоишномаи «Чор дарвеш» дар Фестивали Осиёи Миёнагии театрҳои майдонӣ дар шаҳри Бишкек, соли 2008 намоишномаи «Зани сарватманд»-и С. Усмонов дар Фестивали дуюми байналмилалии театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон, соли 2008 намоишномаи «Рӯзе дарозтар аз қарн»-и С. Усмонов дар Фестивали театрҳои касбии "АРТ-ОРДО"-и Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2009 намоишномаи «Рустам ва Сӯҳроб»-и С. Усмонов дар Ҷумҳурии Исломи Эрон, соли 2009 намоишномаи «Чашмони бародари қиёматӣ"-и М. Миров дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, соли 2010 намоишномаи «Рӯзе дарозтар аз қарн»-и С. Усмонов дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, соли 2010 намоишномаи «Чашмони бародари қиёматӣ»-и М. Миров дар Украина, соли 2011 намоишномаи "Шабе дур аз ватан"-и коргардон Н. Меликов дар Ҷумҳурии Исломи Афғонистон, соли 2011 намоишномаи «Рустам ва Сӯҳроб»-и коргардон С. Усмонов дар Федератсияи Руссия, соли 2012

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ // Ҳисоботи солонаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ дар солҳои 1999-2016.

намоишномаи “Сарбозони қаторӣ”-и коргардон Н. Меликов дар Ҷумҳурии Исломи Эрон[1] манзури тамошобинон гардидаанд. Соли 2013 ҳунармандони театр бо сарбаландӣ дар аввалин фестивал-лабараторияи байналмилалии театрии намоишҳои хурд «ЧЕЛОВЕК ТЕАТРА» дар шаҳри Челябински Федератсияи Русия бо намоиши «Шабе дур аз Ватан» ҳунарнамоӣ карданд, ки аз ҷониби мунаққидон ва коршиносони хориҷӣ баҳои баланд гирифт ва ҷойи намоёнро сазовор гардид. Мавриди зикр аст, ки ҳайати ҳунарии театр ҳамеша дар чорабиниҳои байналмилалӣ ширкат меварзад. Аз ҷумла соли 2015 театр дар ҷашнвораи байналмилалӣ бо намоишномаи А. Камю “Иштибоҳ” дар панҷумин Фестивали байналмилалии театрии “Арто-Ордо”, ки аз 19 то 23 октябр дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, иштирок намуд. Боиси хушнудӣ аст, ки дар ин чорабинии фарҳангӣ ҳунарпешаи маъруф Нозим Меликов барои нишон додани маҳорати баланди касбӣ бо ҷоизаи “Беҳтарин режессура” сарфароз гардидааст. Инчунин театр дар чорабинии бошукӯҳи театрии “Тунгышбай Ал-Тарази приглашает в Тароз” бо намоишномаи “Шабе дур аз Ватан”-и Б. Собир дар ин ҷашнвора ширкат намуд ва А. Шарифӣ бо ҷоизаи “Беҳтарин иҷрокунандаи нақши мардона” мушарраф гардид. Чунин сафарҳои ҳунарӣ барои такмил додани маҳорату фаъолияти эҷодии ҳунармандони театр илҳоми нав мебахшад.

Ҳамчунин дар фаъолияти эҷодии Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский сафарҳои ҳунарии хориҷӣ ҷой доранд. Чунончӣ, соли 1995 намоиши асари Л. Герш “Эти свободные бабочки,” коргардон Б. Миралибеков, дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон намоиш дода шуд. Соли 1999 намоиши асари С. Усмонов “Али–Баба и разбойники”, коргардон Д. Убайдулоев, дар шахрҳои Орёл ва Брянски Федератсияи Россия баргузор гардид. Намоиши асари Б. Василев “А зори здесь тихие”, коргардон С. Усмонов, барои намоиш дар фестивал – озмуни театрҳои касбии “Театр–оплот мира”, ки соли 2000-ум баргузор гардид, пешниҳод

[1]Театри Ҷавонон дар Эрон // Тоҷикистон. № 1-2, 2010, С.25.

гардид. Намоишномаи мазкур соли 2005 дар Москва ва соли 2006 дар Санкт-Петербург намоиш дода шуд. Соли 2000-ум дар Фестивали байналмилалии санъат "Барои сулҳ", ки дар шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, асари И. Бабел "Закат возобновление", коргардон С. Усмонов, намоиш дода шуда, инчунин соли 2001 дар Санкт-Петербург ва соли 2004 дар шаҳри Тулаи ФР намоишномаи мазкур манзури тамошобинон гардонда шуд. Соли 2003 дар шаҳри Санкт-Петербург ва соли 2004 дар шаҳри Тула намоиши асари А.Камо "Калигула," коргардон С.Усмонов, баргузор гардид. Асари М.Суруш "Калиф-Аист," коргардон Б. Миралибеков, дар шаҳри Тула дар саҳнаи театр намоиш дода шуд. Коргардон С.Усмонов дар шаҳри Тула соли 2004 асари Р.Киплинг "Маугли"-ро ба тамошобинон пешкаш намуд.

Коргардони мазкур асари В. Жуковский "Рустам ва Сӯҳроб"-ро соли 2006 дар Алма-Ато, соли 2010[1] дар шарҳои Орёл ва Брянск ва соли 2011 дар шаҳрҳои Тошканд, Москва ва Санкт-Петербург дар Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия манзури тамошобинон гардонид. Инчунин ҳунармандони театри мазкур соли 2008 ба шаҳрҳои Лвови Украина, Санкт-Петербурги Россия, соли 2012 бо асари И. Содиқов "Пять жен Ходжи Насреддина," коргардон О. Салимов, сафарҳои ҳунариро анҷом додаанд. Соли 2013 асари Т. Муҳаммадризо "Любовь пери" дар шаҳри Тошканд ба томошобинон пешниҳод гардид. Б. Абдураззоқов асари худро таҳти унвони "Исповедь" соли 2008 дар Париж, соли 2009 дар Санкт-Петербург ва Брест, соли 2011 дар Уляновск ва Саранск ва соли 2013 дар Санкт-Петербург ба тамошобинон пешкаш намуд. Асари "Последняя ночь Сократа", муаллифи асар С. Тсанев, коргардон Б. Миралибеков, дар Санкт-Петербург намоиш дода шуд. Коргардон Б. Миралибеков соли 2010 дар шарҳои Орёл ва Брянск асари Т. Зулфиқоров "Первая любовь Насриддина"-ро ба саҳна гузошт. Ҳунармандони театр соли 2010 дар шарҳои Орёл ва Брянск бо асари А. П.

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский. // Фаъолияти эҷодии Театри давлатии драмавии русии ба номи Вл. Маяковский аз соли 1991 то 2016.

Чехов “Три сестры,” коргардон Б. Абдураззоқов баромад намуданд. Намоишномаи мазкур соли 2011 дар шаҳри Санкт-Петербург низ намоиш дода шуд. Соли 2012 сафари навбатии ҳунармандони театр ба шаҳри Алма-Ато бо асари “Транзитный пассажир”, муаллиф Д. Исабеков ва коргардон М. Дадева, сурат гирифт. Соли 2013 ҳунармандони театр ду намоишномаи ҷолиб дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо номҳои “Любовь пери”, муаллиф Т. Муҳаммадризо ва коргардон Б. Миралибеков ва намоишномаи дигар “Исповедь”-ро дар шаҳри Санкт-Петербурги Федратсияи Россия манзури тамошобинон гардонданд.

Соли 2014 Театри мустақили Москва ва Театри давлатии Ярославли Россия бо Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский ҳамкории фарҳангиро ба роҳ монда, барои тамошобинон намоишномаҳои хубе ба маърази тамошо гузоштанд.

Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе соли 2008 дар Фестивали байнамилалии театрҳои лӯхтак дар шарҳои Москва бо намоишномаи “Офтобаку моҳтобак ва хурӯсак”-и Ш.Қиёмов ва дар Фестивали байналмилалии намоишҳои арӯсакӣ дар шаҳри Табрези Ҷумҳурии Исломии Эрон бо асарҳои “Қиссаҳои бобо Сафар” ва “Рӯбоҳаки ҳиллагар”-и В. Павловский ширкат варзид.

Инчунин моҳи ноябри соли 2011 театр ҷиҳати иштирок дар лоиҳаи байнидавлатии “Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод” ба шарҳои Гомели Ҷумҳурии Белорус сафар карда, намоишномаи лӯхтакии “Тахайюлоти ҷанг ва сулҳ”-и З.Ҷаводов ва А. Аминро дар аввали моҳи декабри ҳамон сол дар шаҳри Оренбурги Федератсияи Россия намоишномаи “Манкаи дилсӯз”-и Б.Шергинро манзури тамошобинон гардониданд. Дар соли 2013 коллективи ҳунарии театри мазкур бо намоишномаи “Мӯйсафеди айёр” дар Ҷумҳурии Қазоқистон сафари ҳунариро анҷом дод ва бо асари “Офтобаку моҳтобак ва хурӯсак”-и Ш. Қиёмов дар нахустин Ҷашнвораи байналмилалии театрҳои лӯхтак – “Шанбай тест” дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Россия фаъолона ширкат варзид.

Ҳамчунин театр дар ҳамоиши Ҷашнвораи байналмилалии театрҳои лӯхтаки “Чодари хаёл” ширкат варзид, ки сол то сол мавқеъ ва шуҳрати ин ҳамоиш меафзояд. Дар ин барнома намояндагони чордаҳ давлати дунё бо спектаклҳои навҷӯёнаи худ иштирок намуданд.

Дар соли 2014 театр дар Ҷашнвораи байналмилалии театрҳои лухтаки “Чодари хаёл” дар шаҳри Душанбе, ки бо иштироки гурӯҳҳои ҳунарии 13 театри лӯхтаки кишварҳои дуру наздик баргузор гардид, фаъолона ширкат варзид. Моҳи сентябри ҳамон сол театр бо намоишномаи “Тахайюлоти ҷанг ва сулҳ” дар Ҷашнвораи байналмилалии театрҳои лӯхтаки ИДМ дар шарҳои Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок намуд.

Аз 4 то 23-юми майи соли 2015[1] сафари ҳунарии Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон доир гардид. Театри мазкур дар Фестивали байналмилалии театрҳои лӯхтак таҳти унвони “Так-Теке” дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва дар Фестивали байналмилалии театрҳои лӯхтаки “Куралай” дар пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон – шаҳри Остона ба намоиши “Найрангҳои Шӯртанмоҳӣ”-и В.Маслов, таҳиягар З.Ҷаводов, ширкат варзид. Соли 2016 барои театр дар самти сафарҳои ҳунарӣ ва фаъолияти эҷодӣ соли бобарор буд ва дар он сол низ театр ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин давра театр бо намоишномаҳо ба ноҳияи Шаҳритус, ба шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ, Ҷ.Балхӣ, Ҳамадонӣ, Данғара, Норак ва Ваҳдат сафарҳои ҳунариро анҷом додааст. Аз 15 то 22 апрели соли 2016 дар шаҳри Душанбе бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Театри давлатии лӯхтаки шаҳри Душанбе фестивали панҷуми байналхалқии “Чодари хаёл” бо иштироки театрҳои кишварҳои Федератсияи Россия, Туркманистон, ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Белорус ва Тоҷикистон баргузор гардид. Роҳбарияти театр бо мақсади таҳкими равобити фарҳангӣ ва табодули таҷриба аз шаҳри Новокузнетскийи Федератсияи Россия коргардони маъруф Самойлов Юрий Алексеевичро

[1]Ниг: Тоҷикистон. 2015, №5 .Саҳ. 41-42.

барои ба саҳна гузоштани намоишномаи “Сказка о том как Кощей к Бабе Яге свататься ходил” даъват намуд.

Муносибатҳои фарҳангии театрҳои касбии ҷумҳурӣ ба хотири густариш додани санъати театрӣ ва мукаммал гардонидани фарҳанги миллии тоҷик густариш ёфтанд.

Бояд гуфт, ки дар тайёр намудани кадрҳои болаёқату баландихтисос дар кишварҳои хориҷӣ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисиаҳои таълимии соҳаи фарҳанг ва санъат саҳмгузор мебошанд. Масалан соли 2013 17 нафар довталабон ба мактабҳои олии соҳаи фарҳанги Федратсияи Россия ба аспрантура фиристонида шудаанд ва 15 нафар ҷавонон донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишварро хатм намуда, барои кору фаъолият ба Тоҷикистон баргаштанд.[1]

Сол то сол зиёд гардидани кадрҳои соҳибтахассус барои пешравии санъати театрии тоҷик мусоидат карда истодааст. Чунончи соли 2014 бо мақсади амалӣ намудани Барномаи рушди санъати театрӣ даҳ нафар довталабон барои таҳсил ба Донишгоҳи давлатии театрии шаҳри Новосибирск аз рӯйи ихтисосҳои “Коргардони театр”, “Ҳунарманди театри драма” ва “Ҳунарманди театри лӯхтак” фиристонда шудаанд, ки баъд аз хатми донишгоҳи мазкур онҳо фаъолияти ҳунарии худро дар Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов, Театри давлатии ҷумҳуриявии лӯхтак ва Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара оғоз хоҳанд кард.

Барои вусъат бахшидани омодасозии кадрҳои болаёқату баландихтисос ва пешрафти санъати театрӣ аз ҳисоби як қатор барномаҳои байналмилалии “Дурахшандагон” барои таҳсил намудан дар шуъбаи магистратура ду нафар ба Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати шаҳри Санкт-Петербург ва як нафар ба докторантураи Консерваторияи давлатии Новосибирск ба номи М. И. Глинка фиристонда шуданд. Ҳамчунин тибқи

[1]Нурҷонов Н. Театр аз роҳбарони ноӯҳдабаро то коргардонҳои заиф. / Н.Нурҷонов. // Ҷумҳурият. 2015, 15 сентябр. (русӣ)

квотаҳои ҷудогардида 4 нафар дар Коллеҷи хореографии шаҳри Перм аз ҳисоби довталабони Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ва 4 нафар дар Донишгоҳи давлатии Томск таҳсил карда истодаанд.

Бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи фарҳанг ва санъат дар хориҷи кишвар тибқи квотаҳои ҷудогардидаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Федератсияи Россия ҷиҳати мукаммал гардонидани сохтори таълими санъати касбӣ ва шаклҳои фаъолияти он бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва принсипҳои рушди устувори донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Бояд гуфт, ки барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи санъати театрӣ барои баланд бардоштани иқтидори кории театрҳои музофотӣ ва бартараф намудани мушкилоти дар фаъолияти онҳо ҷойдошта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Барои бартараф намудани ин мушкилот дар санъати театрии тоҷик бо иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳо бо кишварҳои хориҷӣ боз ҳам густариш ёфта истодаанд.

Ҳамин тариқ, бо арзёбии умумии фаъолияти касбии театрҳои ҷумҳурӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар даврони истиқлолият бо вуҷуди мушкилотҳои зиёд театрҳо фаъолияти касбии худро идома доданд. Санъати театрӣ дар ҷомеаи муосир бо сабаби рушди техналогияҳои навини мултимедӣ, компютерӣ, телевизионӣ, техникаи маиши то андозае заиф шудааст. Аммо бо вуҷуди ин зарурати тарбияи маънавӣ, баландбардории завқи бадеии наслҳои нав дар даврони истиқлолият дар ҷумҳуриамон дубора ба санъати театрӣ таваҷҷӯҳи хосае зоҳир карда шуд. Ба замми ин, доираи тафаккур ва дониши тамошобин афзуда истодааст. Вай бо суръати баланд аз пешравиҳои нави театрии дигар кишварҳо огоҳ мебошад ва имрӯз тамошобин ба театр бо мақсаде меояд, ки доир ба чизҳои ба худаш номаълум тасаввурот пайдо кунад, тарзи ҳалли баъзе муаммоҳои мураккаби зиндагиро сарфам равад. Зеро театр танҳо таҷассумкунандаи

ҳаёти ҷомеа набуда, балки мактаби зиндагӣ ҳам ҳаст. Барои иҷрои ин вазифаи бузурги худ театр бояд тамошобинро аз қафои худ барад. Театрро зарур аст, ки ҳар як асари саҳнавиеро, ки ба саҳна мегузорад пеш аз ҳама, ҳақиқати олии ҳаёти имрӯзаро ифода намоянд, дар хусусиятҳои барҷастаи миллии худ мазмуни баланд дошта бошад ва симои халқро пурра инъикос кунад. Ба ин соҳа бо ҷалби сармоя, таъмиру таҷдидии биноҳои театрҳо ҷалби мутахассисони касбӣ фаъолияти комили театрҳои касбии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуд. Ҷиҳати дигари масъала он аст, ки дар саънаҳои театрҳо асарҳои миллӣ, ки инъикоскунандаи таърих, санъат ва фарҳанги халқамон мебошанд, ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин баъзе мушкилотҳои ҷойдошта бо мурури замон бартараф карда шуда истодаанд[1].

## 1.2. Саҳми фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар рушди театри касбии тоҷик

Сарфи назар аз ҳама мушкилот санъати театрии тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ рӯ ба инкишоф ниҳода, барои ҷоннок гардидани фаъолияти он фестивал-озмунҳо созмон дода шуданд, ки боиси бедоршавии рӯҳияи зебопарастии мардум, ҷалби ҳунармандон ба шуғли касбӣ гардиданд. Инчунини дигар, бояд қайд кард, ки ривоҷи муносибатҳои берунаи соҳаи санъати театрӣ барои пешрафту ба талаботҳои замона мутобиқ намудани кори театрҳои касбии мамлакат мусоидат намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар натиҷаи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ба роҳ мондани озмунҳои мухталифи байналмилалӣ боиси ҷоннокшавӣ, пайдоиш ва такмили маҳорати касбии ҳунармандони санъати театри тоҷик гардиданд. Дар таърихи густаришу равнақи фарҳанг ва санъати театрӣ баҳри баланд бардоштани маънавиёти мардуми ҷумҳурии тозаистиқлоламон баргузории фестивал-озмунҳои “Парасту” ва фестивал-

[1] Нозими Н. Мақоми театрҳои ватани ва эҳтиёҷоти иҷтимои // Адабиёт ва санъат – 2015, 28 май. (русӣ), Муҳаммадҷонов А. Мушкилоти театрҳои ҷумҳурӣ. / А. Муҳаммадҷонов. // Адабиёт ва санъат. – 1993. 8 феврал.

озмуни байналмилалии “Чодари хаёл”, фестивал–озмуни байналмилалии “Наврӯз”, фестивал-озмуни байналмилалии АРТ ОРДО, фестивали байналмилалии “Санъат барои сулҳ”, фестивал-озмуни театрҳои касбии “Театр – оплот мира” барои рушди санъати театрӣ саҳми назаррас доранд.

Ҳангоми омӯзиши масъала боиси арз аст, ки аз баргузорӣ ва фаъолияти чанд фестивал-озмунҳо воқиф шавем. Чунончӣ, фестивал-озмуни “Парасту”[1] ҳанӯз аз соли 1988 бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи ходимони театрӣ оғоз ёфта буд. Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ - “Парасту” ба ҳукми анъана даромада, маҷрои фаъолияти театртҳоро ба куллӣ дигаргун сохт ва дар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Ин озмун на ба хотири ҷоизадиҳӣ ба беҳтарин ҳунармандон ташкил карда шудааст, балки барои инкишофи фаъолияти театри миллӣ тарҳрезӣ шудааст[1]. Мақсаду мароми он рушду нумӯи драматургияи миллӣ ва санъати театрии мамлакат, таҳияи асарҳои баландғоя, боло бардоштани малакаи касбии ҳунармандону оҳангсозон мебошад. Ходимони ин соҳа, сарфи назар аз мушкилоти моддию техникӣ, фидокории хешро зиёдтар зоҳир намуда, ҷустуҷӯи эҷодиро қатъ накарда, чандин намоишномаҳои барҷастаро офарида, исбот намуданд, ки фестивал-озмуни “Парасту” баҳри тақвият бахшидан ба рушди театрҳои миллии тоҷик нақши муҳимму босазоеро иҷро мекунад.

Дар тӯли чанд соли гузаронидани фестивал-озмунҳо на танҳо ба саҳна асарҳои нав гузошта шуданд, балки ин амр боиси кашфи истеъдодҳои нав ва манзури тамошобинон гардондани намоишномаҳои ҷолиб гардид.

Имрӯз фазои театрҳои ҷумҳуриро бе ходимони бузург тасаввур кардан мушкил аст. Дар “Парасту-2001” даҳ театри касбӣ ва чаҳор студияи драммавӣ ширкат варзиданд. Дар ин фестивал–озмун чаҳордаҳ асари саҳнавӣ пешниҳод шуданд, ки даҳтои онҳо ба ҳаёти мардуми тоҷик

---

[1] Ҳасанзод С. Парастуҳои саҳн: / Муҳар. Ҳ. Сипехр. –Кӯлоб: -1992. -96 с., Орипов Ш. Парвози нави “Парасту” бо навои Андалеб. / Ш. Орипов // Тоҷикистон 2001, №5 С. 30-31.

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов [Матн] // Фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои 1997- 2007.

бахшида шудаанд. Намоишномаҳо мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифта, бо услубҳои гуногун таҳия шудаанд. Ҷанбаҳои муҳимми ин чорабиниҳо баҳри беҳтар намудани сифати кори драмматургон ва таҳиягороне, ки асарҳои миллии тоҷикиро меофариданд, бахусус, мутахассисони ҷавон мусоидат намуда, боиси боз ҳам ғанӣ гардонидани санъати театрии тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон гардидаанд ва дар ин амр самараю саҳми фестивал-озмунҳо хело назаррас аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки фестивал-озмуни “Парасту-2001” аз сабаби камбудиҳои иқтисодӣ ва норасоии мутахассисони ботаҷриба бо камбудиҳои зиёде ташкил ва гузаронида шуда буд. Бояд изҳор намуд, ки асарҳои драммавии театрҳои касбӣ дар жанрҳои гуногун офарида шуда бошанд ҳам вале онҳо ба талаботи замон ва тамошобинони муосир ҷавобгӯй набуданд.[1] Ин намоишномаҳо на аз ҷиҳати сохтакорию сунъӣ буданашон, балки аз ҷиҳати задухӯрдҳо, рафтору кирдори қаҳрамонҳо, фикр ва забони баёни онҳо низ камбудиҳои зиёде доштанд. Боиси ифтихор аст, ки ба мушкилоти пешомада нигоҳ накарда, ду намоишномаи барҷастаи “Парасту-2001” - “Қиссаи ишқ” ва “Шаҳраки ман”, ки ба саҳна гузошта шуда буданд, боиси ривоҷ ёфтани робитаҳо ва ҳамкориҳо байни таҳиягарон ва драмманависони театрҳои касбии ҷумҳурӣ гардид. Дар фестивал-озмуни “Парасту-2001” асари пурарзиши “Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон” соҳиби шоҳҷоиза (Гран-При)-и фестивал-озмуни ҷумҳуриявӣ гашта, дар фестивали минтақавии театрҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ҳам сазовори чунин ҷоиза гардид.

Шоҳҷоизаи дигари фестивал-озмун насиби намоишномаи Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд аз рӯи асари Темур Зулфиқоров “Ишқи нахустин” гардид. Қобили зикр аст, ки фестивал-озмуни “Парасту” минбаъд равнақ ёфта ва дар соли 2003 аз 2 - юм то 11-уми июн дар шаҳри Душанбе бахшида ба Соли байналмилалии “Оби тоза” фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ таҳти унвони “Парасту-

---

[1]Муҳаммадуллоҳ Т. Лонаи гарми “Парасту.” // Т. Муҳаммадуллоҳ // Ҷумҳурият. 2001, 19 апрел.

2003” доир гардид. Таҷриба нишон медиҳад, ки фестивал-озмун фаъолияти театрҳои тоҷикро боз ҳам беҳтар намуда, корҳои нави эҷодӣ ва ҳамкориҳои байни театрҳоро тақвият мебахшад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки фестивал-озмуни “Парасту-2003” аз камбудиҳо холӣ набуд, зеро тамоми нуқсонҳои ҷойдоштаро ба назар гирифта, доварон исбот карданд, ки иҷрои нақшҳои дар саҳна пешкаш намуда ба талабот ҷавобгӯ нест. Дар озмун шонздаҳ намоишнома ба маърази тамошо гузошта шуд. Нахустин намоишнома “Комде ва Маъдан”-и З. Шаҳидӣ буд, ки аз ҷониби Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ манзури тамошобинон гардонида шуд. Дар ҷамъбасти фестивал-озмун шоҳҷоиза (Гран-При) насиби намоишномаи Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ “Найрангҳои Абдуи Хуҷандӣ” аз рӯи асари Ж.Б. Молйер (“Найрангҳои Скапен”) гардид. Мақоми аввалро дар фестивал-озмун Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ барои намоишномаи “Шоҳносири Хусрав”, ки аз рӯи драммаи Ҷумъа Қуддус таҳия шуда буд, соҳиб гардид. Намоишномаҳои Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон “Аҳорун”-и шаҳри Душанбе аз рӯи асари “Шоҳ Лир” ва Театри академӣ-драммавии ба номи А.Лоҳутӣ аз рӯи асари “Дон Жуан” мақоми дуюмро сазовор гардиданд. Мақоми сеюми ин озмун насиби намоишномаҳои Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов “Бегоҳии шанбе”-и М.Бойчиев ва Театри мазҳакавӣ– мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб аз рӯи асари “Ҳасрати Эйнштейн”-и Ҳ. Ғоиб гардид[1]. Зарурияти гузаронидани ин озмун дар ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, талабот ба ворид намудани навгониҳо дар фаъолияти театрҳо ва ҷустуҷӯ намудани эҷодиёти нави санъати театрии тоҷикро ба миён гузоштааст.

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки динамикаи баргузории фестивал-озмуни “Парасту” ва асарҳои пешниҳодшударо оварем. Аз ҷадвали зер доир ба асарҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла асарҳои миллии драмманависон

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ [Матн] // Фаъолияти Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ дар солҳои 2000- 2005.

дар фествал-озмуни “Парасту” ба таври мушаххас маълумоти оморӣ–муқоисавӣ манзури муҳаққиқон ва коршиносон мешавад.

**Динамикаи баргузории фестивал-озмуни “Парасту” ва асарҳои пешниҳодшуда**

| Р/т | Солҳо | Теъдоди театрҳо | Теъдоди асарҳои ба озмун пешниҳодшуда | Теъдоди асарҳои драмманависони тоҷик |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 2001 | 14 | 14 | 10 |
| 2. | 2003 | 15 | 16 | 12 |
| 3. | 2005 | 15 | 19 | 9 |
| 4. | 2007 | 15 | 14 | 8 |
| 5. | 2009 | 15 | 15 | 14 |
| 6. | 2011 | 15 | 15 | 12 |
| 7. | 2013 | 16 | 14 | 7 |
| 8. | 2015 | 16 | 16 | 14 |

Боиси хушнудӣ аст, ки дар соли 2005 барои рушди минбаъдаи театрҳои касбии ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам омад. Дар ин давра яке аз муҳимтарин чорабиниҳои фарҳангӣ Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ “Парасту-2005” баргузро гардид. Фестивал-озмуни мазкур барои инкишофи минбадаи фаъолияти театрҳои касбии ҷумҳурӣ мусоидат кард. Мусаллам аст, ки нисбати солҳои гузашта фестивал-озмуни “Парасту-2005”[1] барои беҳтар намудани фазои эҷодии театрҳо заминаи хуберо фароҳам овард. Роҷеъ ба ин масъала бояд иброз дошт, ки ба озмун 19 асар пешниҳод гардиданд, ки нисбат ба озмуни гузашта панҷ асар бештар манзури тамошобинон гардонида шуданд. Фествал-озмуни “Парасту-2005” ба пешравии театрҳои касбии ҷумҳуриявӣ такони ҷиддӣ бахшид. Инчунин, ҳузури театршиноси машҳури шаҳри Москва Карас Елена Юревна дар ин озмун ба ҷараёни муҳокимаҳои асарҳои ба озмун пешниҳодшуда самараи дилхоҳ бахшид. Дар ҷараёни фестивал-озмун семинар-машварати назариявию амалӣ бобати беҳтар намудани фаъолияти театрҳо дар замони муосир сурат гирифт. Бояд қайд кард, ки ба фаъолияти театрҳои ҷумҳурӣ омилҳои алоҳида таъсири мусбат расонида ва дурнамои

[1]“Парасту” ширма лукавства или уроки самопознания. / Азия – плюс, № 51, 2.07.2005.С. 6 – 7. http: //nevs. tj /ru/ news/ parastu- 2005 – shirma – lukaustva – ili – uroki – samopoznaniya.

фаъолияти онҳоро муайян кардаанд, зеро ба ибораи театршноси маъруфи тоҷик Низом Нурҷонов “Театрҳо бояд ҳамқадами замона бошанд.”

Лозим ба ёдоварист, ки дар замони Истиқлолият театрҳо ба равнақу ривоҷ додани робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои ҷаҳон, ворид намудани навгониҳо дар фаъолияти худ ва беҳтар намудани намоишномаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Ҳамаи ин пешравиҳое, ки дар фестивал-озмуни “Парасту-2005” мушоҳида шуданд, барои театрҳои касбии ҷумҳурӣ як анъанаи хубу ҷолиб гардидаанд. Дар ҷамъбасти озмун ба 15 театри касбӣ туҳфаҳои хотиравӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз рӯи 19 номинатсия мукофотҳо супорида шуданд. Дар фестивал-озмуни мазкур ҷои сеюм ба Театри давлатии мусиқӣ - драммавии ба номи Т. Фозиловаи шаҳри Конибодом, ҷои дуюм ба Театри давлатии драммавии русӣ ба номи В. Маяковский, ҷои якум ба Театри давлатии академӣ-драммавии ба номи А. Лоҳутӣ муносиб дониста шуд[1].

Ҳайати доварон шоҳҷоиза (Гран-При)-и фестивал-озмунро ба операи “Травиата”-и Теарти академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ сазовор донистаанд. Ба андешаи мо, ин гуна фестивалҳо барои қавитар гардонидани дӯстии байни халқҳо, дарёфти шарикони боэътимод дар бобати ҳамкорӣ бо театрҳо кӯмаки калон мерасонанд.

Баргузор намудани фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявии театрҳои касбии “Парасту”[2] барои инкишофи санъати театрӣ, рушди драмматургияи миллӣ ва рӯи саҳна овардани асарҳои нави замонавӣ, навҷӯиҳо дар ҷодаи режиссураи тоҷик, кашфи чеҳраҳои нави санъаткорон заминаҳои мусоид фароҳам овардаанд. Вусъат ёфтани фестивал-озмунҳо дар ҷумҳурӣ бобати дигаргун сохтани фазои фарҳангӣ, хусусан, барои театрҳои касбӣ маҳсули замони истиқлолият ба шумор меравад. Ба андешаи мо чунин фестивал-озмунҳо барои пешрафт ва нумӯи санъати касбӣ ниҳоят

---

[1]Дастовардҳои Фарҳангӣ // Баҳори Аҷам. 2006, 20- феврал.
[2] Сипеҳри Ҳасанзод. Парастуҳои саҳна. / Ҳ. Сипеҳр Кӯлоб, 1992.- 98 с.

самарабахш маҳсуб меёбанд, зеро далелҳои болозикр инро бо исрор тасдиқ мекунанд.

Масалан, дар фестивал–озмуни “Парасту-2007” шонздаҳ театри касбии мамлакат бо спектаклҳои беҳтарини худ бо ҳам сабқат менамуданд. Табиист, ки дар ин фестивал - озмун дигаргуниҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд. Ин гуна чорабиниҳо барои ҷустуҷӯҳои нави эҷодӣ такони хубе мебахшанд.

Махсусан бояд таъкид кард, ки вусъат додани ифтихори миллӣ ва эҷод намудани асарҳои миллию таърихӣ вазифаи аввалиндараҷаи драмманависон мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки дар фестивал-озмуни “Парасту-2007” ҳам норасоиҳои зиёд дар фаъолияти театрҳо ба чашм мерасиданд ва ин аз назари доварон дур намонд. Таҷрибаи гузарондани фестивал-озмуни “Парасту” нишон медиҳад, ки дар замони истиқлолият санъати театрии тоҷик рӯ ба инкишоф оварадааст. Истиқлолияти миллӣ ба театрҳои касбии ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ба мавзӯъҳои таърихӣ даст зада, дар раванди зинда нигоҳ доштани асарҳои таърихӣ ва боло бурдани ифтихори миллӣ саҳмгузор гарданд.

Дар фестивал-озмуни “Парасту-2009” 15 театри касбӣ ширкат варзида, 14 асари миллию таърихӣ манзури тамошобинон гардонида шудаанд. Дар озмуни “Парасту-2009” ҳайати доварон аз кишварҳои Россия ва Қазоқистон[1] ширкат варзиданд ва ин боиси ифтихор аст. Натиҷаҳои озмун аз ҷониби доварони хориҷию ватанӣ арзёбӣ шуданд. Шоҳҷоизаи (Гран-При)-и фестивал-озмун насиби Театри давлатии академии драммавии ба номи А. Лоҳутӣ гардид. Театри мазҳакавӣ- мусиқии ба номи К. Хуҷандӣ бо намоишнома аз рӯи асари Ж.Б. Молйер ҷойи аввалро сазовор шуд. Мақоми дуюмро ба Театри давлатии ҷавонон ва Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб муносиб донистанд.

Рафти гузаронидани озмунҳо нишон медиҳад, ки дар асарҳои офаридашудаи драмманависон баъзе норасоиҳо ба назар мерасад. Аз 28

[1]Шарифҷон О. Парвози нави “Парасту.”/О. Шарифҷон. // Тоҷикистон. 2009,№ 7 .С. 30-31.

марти соли 2011 дар толори Театри давлатии академии драммавии ба номи А. Лоҳутӣ маросими ифтитоҳи расмии Фестивал-озмуни 13-уми ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ “Параcту–2011” баргузор гардид. Ба ин чорабинии бузурги фарҳангӣ ҳунармандони понздаҳ театри касбии мамлакат беҳтарин намоишномаҳои худро пешкаши тамошобинон гардониданд. Фестивал-озмуни “Параcту-2011” бо мазмуну муҳтавои худ аз чорабиниҳои пешин бартарияти куллӣ дошт. Он зери шиори сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон доир гардид.

Ба қавли театршиноси тоҷик Муҳаммадуллоҳи Табарӣ “аз барномаҳои пешниҳоднамудаи театрҳо бармеояд, ки онҳо бояд бештар ба намоиши беҳтарин асарҳои даврони истиқлолият бипардозанд, илова бар ин ба хотири баланд бардоштани маҳорати нақшофарии ҳунармандон беҳтарин коргардонҳои ҷумҳуриро интихобу даъват кардаанд, ки ин асарҳо ҷолиб ба саҳна гузошта шаванд. Фестивал-озмуни “Параcту-2011” тӯли ҳафт рӯз давом карда, маросими ҷамъбасти озмун дар Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов гузаронида шуд. Бояд гуфт, ки дар ҷашнвораи “Параcту-2011” бо пешниҳоди доварон намоишномаҳои Театри академӣ-драммавии ба номи А.Лоҳутӣ аз рӯи асари “Рӯдакӣ”-и ва Театри давлатии драммавии русӣ ба номи Маяковский аз рӯи асари “Ишқи парӣ” сазовори ҷойи якум ва мукофоти махсус гардиданд. Намоишномаҳои дигари театрҳо низ сазовори баҳои баланди доварон шуданд. Аз ин рӯ, фестивал-озмуни “Параcту-2011” кӯшиш ба таҳрири фаъолияти эҷодии театрҳои касбӣ ва фарогири таҳаввулоти худшиносии миллӣ буд. Баргузории Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ “Параcту-2013”[1], ки аз таърихи 5-ум то 10-уми апрели соли 2013 дар ҷумҳурӣ баргузор гардида буд, ба 100-солагии ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон София Тӯйбоева бахшида шуда

[1]“Параcту- 2013” бо болу пари тоза // Тоҷикитсон -2013, 11 апрел.

буд. Ҳадафи фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ “Парасту-2013”[2] мусоидат намудан ба рушди театрҳои касбии ҷумҳурӣ буд.

Махсусан бояд иброз дошт, ки намоишномаҳои ба фестивал-озмуни ҷумҳуриявӣ пешниҳодгардидаро ҳайати доварони бонуфуз баҳогузорӣ мекарданд, ки як навъ санҷиши маҳорати коргардонони санъти театрии тоҷик ва дараҷаи фаҳмиши онҳоро нишон медиҳад. Дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ “Парасту-2013” навгониҳои зиёде рӯи кор омаданд, ки дар фаъолияти театрҳои касбии тоҷик падидаи нав маҳсуб мешуданд.

Боиси ифтихор аст, ки дар ин озмуни ҷумҳуриявӣ меҳмонҳо аз театрҳои шаҳри Парижи Фаронса, Қазоқистону Россия ҳузур доштанд ва намоишномаҳоро пешкаши тамошобинони тоҷик гардонданд. Ҳамзамон аз ҷониби Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ намоишномае пешниҳоди меҳмонон гардид, ки аз пешрафти фарҳанги тоҷик ва сатҳу сифати барномаҳои театрии ба фестивал-озмун пешниҳодшуда гувоҳӣ медод. Натиҷаҳои солҳои гузашта нишон медиҳанд, ки ҳамаи камбудиҳои дар санъати театрӣ ҷойдошта барои пешрафт монеае эҷод мекунанд, вале дар “Парасту-2013” мушкилот ва камбудиҳои ҷойдошта то андозае бартараф мешаванд.

Дар ин фестивал-озмун ҳайати доварони озмун аз коршиносони ватаниву хориҷӣ таъсис дода шуда, ба он мунаққидони театр, номзадҳои илми санъатшиносӣ аз шаҳри Москва Елена Яраславовна Пакорская, Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон Меруерт Жаксликова, фарҳангшиносони шинохтаи тоҷик Саъдуллоҳ Раҳимов, оҳангсоз Қудратулло Яҳёев, ҳунарпеша Сафаралӣ Қурбонов ва драмманавис Ҷумъа Қуддус шомил буданд.[1]

Маълум аст, ки робитаҳои фарҳангӣ яке аз омилҳои муҳимми ба ҳам наздикшавии халқҳо, миллатҳо ва давлатҳои ҷаҳон мебошанд. Ёдовар

---

[2] Парасту значит ласточка”. // Народная газета, 24 апреля, 2013, № 20 .С., 6.
[1] Орипов Ш. Парвози нави «Парасту” бо навои Андалеб. / Ш. Орипов. // Тоҷикистон 2001, № 7. С. 30-31.

шудан лозим аст, ки фестивал-озмуни ҷумҳурияавии театрҳои касбии “Парасту-2015” ба ифтихори 100-солагии Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ Аслӣ Бурҳонов бахшида шуда буд.

Фестивал-озмун хело хотирмон буда, нисбат ба озмунҳои гузашта ин озмун бо як навгонии тозае аз ҷониби театрҳои касбии ҷумҳурӣ пешниҳодшуда фарқ мекард. Ҳайати доварон дар ҷамъбасти озмун намоишномаи Театри мусиқӣ-драммавӣ ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғро аз рӯи асари “Сияҳпӯш”-и Сафармуҳаммад Аюбӣ, коргардон Умед Хисрав, бо мукофот сарфароз гардонданд[2]. Инчунин аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намоишномаи “Гирдбод”-и Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов, асари Нур Табаров, коргардон Шавкат Халилов, Театри давлатии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ аз рӯи асари “Чодари найранг”, муаллиф ва коргардон Тӯрахон Аҳмадхонов ҷоизаҳо тақдим гардид. Ҷоизаи “Беҳтарин нақши зан” насиби Раъно Раҳматулоева - ҳунарманди Театри драммавии русии ба номи А. С.Пушкини шаҳри Чкаловск (Бӯстон) ва “Беҳтарин нақши мард” насиби Абдукарим Машрабов ҳунарманди Театри давлатии академии драммавии ба номи А. Лоҳутӣ, ғолиби он фестивал-озмун гардиданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки Вазорати фарҳанг аз тамоми имкониятҳо самарабахш истифода бурда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки вазифаҳои худро доир ба инкишофи минбаъдаи фарҳанг амалӣ созад.

Ба андешаи мо муҳимтарин рӯйдоди фараҳбахши санъати саҳнавӣ баргузор намудани фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки тамоми театрҳои касбии ҷумҳуриро ҷалб намуда, дастовардҳои нави эҷодиро баҳри вусъат додани фазои санъати театрӣ муайян менамояд. Ҳарчанд дар байни театрҳои касбӣ озмун бештар

---

[1]Амиров Р. Культура Таджикистана в условиях независимости (опыт, проблемы и перспективы развития). Ученые записки (Алтайская государственная Академия культуры и искусств). 2017. С. 189-198., Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011 // Баҳори Аҷам. 2011, 10 январ.

гузаронида шавад, ҳамон қадар талабот нисбат ба асарҳои миллию таърихӣ зиёд мегардад.

Бояд гуфт, ки чунин фестивал-озмунҳо сарчашмаи бепоёнеанд, ки гулистони санъат аз онҳо ҳамеша баҳра гирифта, нашъунамо меёбад.

Театрҳои касбии ҷумҳурӣ чунин фестивал-озмунҳоро ба ҳукми анъана дароварда бо кишварҳои хориҷӣ муносибати фарҳангиро ривоҷ медиҳанд. Дастовардҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки театрҳои ҷумҳурӣ ба асарҳои таърихию ҷаҳонӣ рӯ овarданд.

Бояд гуфт, ки Театри давлатии драммавии русии ба номи В. Маяковский дар чор фестивалҳои байналмилали ширкат варзид: фестивали байналмилалии "Санъат бахри сулҳ" дар шаҳри Уши Ҷумҳурии Қирғизистон, фестивалҳои байналмилалии театрҳои русии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ ва Балтика солҳои 2001, 2003 ва 2006 дар шаҳри Санкт- Петербург, Фестивали байналмилалии Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2006, фестивали байналмилалии "Наврӯз"солҳои 2003, 2007 дар Душанбе, фестивали байналмилалии театрии "Белая Вежа" дар шаҳри Бресchallenging Ҷумҳурии Беларус соли 2007, соли 2011 дар фестивал-озмуни байналмилалии театрҳои касбӣ "Вохӯриҳо дар Россия"-и шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия бо спектакли "Се хоҳарони"-и А. Чехов.[1]

Ба мушоҳида мерасад, ки фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ барои театрҳои касбии ҷумҳурӣ навгониҳои зиёде меоваранд ва фаъолияти касбии онҳоро густариш медиҳанд. Бо ин васила театрҳо метавонанд намоишномаҳои худро сайқал бидиҳанд ва бояд асарҳои миллиро ба маърази тамошо гузоранд. Барои тақвият бахшидан ба ҳаёти театрии халқи тоҷик фестивал-озмунҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд, бахусус драмматургон ва коргардонҳои тоҷик намоишномаҳои ҷолибро дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбонашон рӯйи саҳна меоранд. Бояд гуфт,

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2008. - Душанбе, 2008.- С. 30-33.

ки Фестивал–озмуни байналмилалии театрҳои касбии Осиёи Марказӣ–“Наврӯз” робитаҳои фарҳангӣ байни театрҳоро вусъат мебахшад. Масалан соли 2003 бо даъвати Театри академии опера ва балети С. Айнӣ барои иҷрои нақши Виолета дар операи Ҷузеппа Верди “Травиата” аз Ҷумҳурии Қирғизистон ҳунарманди шоиста Элвира Асанқулова ба Душанде омад. Вай дар иҷрои нақши номбурда ба муваффақияти калон ноил гардид.

Ҳайати эҷодии театр бо спектакли мазкур дар ин фестивал- озмуни байналмилалии театрҳои касбӣ ширкат варзида, барои офаридани нақши асосӣ дар ин озмун Элвира Асанкулова бо ҷоиза сарфароз гардонда шуд. Бояд зикр намуд, ки чунин фестивал-озмунҳои байналмилалӣ барои театрҳои касбӣ имтиҳоне шуморида мешаванд, ки театрҳо бояд намоишномаҳои ҷолиброро ба маърази тамошо гузоранд.

Инчунин бояд қайд кард, ки театрҳои касбии ҷумҳурӣ дар бисёр фестивал-озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзида соҳиби шоҳҷоиза ва дипломҳо гардидаанд. Аз қабили фестивал-озмунҳои “Парасту,” “Наврӯз,” фестивал-озмуни “Во имя мира,” фестивал-озмуни “АРТ-ОРДО,” фестивал-озмуни байналмилалии “Даҳаи фаҷр,” фестивал-озимуни “Чодари хаёл” ва амсоли онҳо, ки бешубҳа, барои пешрафти санъати саҳнавӣ мусоҳидат мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки ба туфайли чунин фестивал-озмунҳо ҳунармандон маҳорати худро сайқал дода, асарҳои беҳтареро рӯйи саҳна меоранд. Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов аз соли 1993 новобаста аз воқеаҳои сиёсӣ ва гирдоби ҷангҳо фаъолияти худро қатъ накарда, балки дар фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ аз қабили фестивал-озмунҳои “Парасту”-1993[1], Душанбе, бо намоишномаи “Саргузашти Сафар- махсум”-и А. Ҳамдам, коргардон Н. Ҷалол, “Наврӯз-1993, Ашқобод. “Саргузашти Сафар- махсум”-и А. Ҳамдам, коргардон Н. Ҷалол, соли 1997 “Парасту”-1997 намоишномаи “Заволи Ҷанбули мастон”-

---

[1]Бойгонии ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов //Ҳисобот оид ба фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои 1990-2012.

и С. Аюбӣ, коргардон Д. Убайдуллоев, соли 2004 дар фестивали байналмилалии “Во имя мира” Бишкекии Қирғизистон, соли 2005“Парасту-2005” “Шаби бепоёни фохта”-и Ҳ. Наимӣ, коргардон Н. Меликов, соли 2007 “Парасту-2007” “Отеллои”-и В. Шекспир, коргардон Б. Абдураззоқов, соли 2008 дар фестивали театрҳои касбии кишварҳои “Осиёи Марказӣ” Алма-атои Қазоқистон, бо намоишномаи “Зани сарватманд” -и А. Амиралӣ, коргардон С. Усмонов, фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ АРТ-ОРДО Бишкеки Қирғизистон бо намоишномаи “Рӯзе дарозтар аз қарн”-и Ч. Айтматов, коргардон С. Усмонов, соли 2009 дар фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ “Даҳаи фаҷр”, Теҳрони Эрон бо намоишномаи “Рустам ва Сӯҳроб”-и А. Фирдавсӣ, коргардон С. Усмонов, дар фестивали миллии Афғонистон бо намоишномаи “Чашмони бародари қиёматӣ”, соли 2010 дар фестивали байналмилалии “Шери тиллоӣ”-и Ҷумҳурии Украина, шаҳри Лвов “Чашмони бародари қиёмати”, соли 2013 дар фестивали - лаблаторияи якуми байналмилалии “CHELOVEK TEATPA”дар шаҳри Челябенски Федератсияи Россия бо намоишномаи “Шабе дур аз ватан” ширкат варзидааст. Қобили қайд аст, ки фестивал-озмунҳо дар рушди санъати театрӣ мақоми хосае доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар тӯли соҳибистиқлолии Тоҷикистон театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ дар фестивал-озмунҳои театрҳои касбии “Парасту” аз рӯйи намоишномаҳои “Отелло” дар “Парасту-1997” шаҳри Душанбе, соҳиби ҷойи дуюм, аз рӯйи намоишномаи “Калила ва Димна” соҳиби Беҳтарин дебюти коргардон дар “Парасту-2001” шаҳри Душанбе, бо намоишномаи “Пир Шоҳ Носир” дар “Парасту-2003” соҳиби ҷойи якум, дар “Наврӯз-2003” аз рӯйи асари “Даври орифин” соҳиби мукофотҳо, Беҳтарин ороиши мусиқӣ, дар “Парасту-2005” шаҳри Душанбе, бо намоишномаи “Афлотун” соҳиби ҷойи дуюм, дар

“Парасту-2007” шаҳри Душанбе бо намоишномаи “Дурахши ахтар” соҳиби ҷойи якум гардид.[1]

Ба андешаи мо ин дастовардҳои театр аз он шаҳодат медиҳанд, ки ширкат дар чунин чорабиниҳои ҷумҳуриявии фарҳангӣ робитаҳо ва ҳамкориҳои фарҳангии байни театрҳои касбӣ боиси пешрафти ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ва пешрафти санъати театрии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ мегардад. Ин дастовардҳоро театри мазкур дар ҳоле ба даст оварда, ки аз коргардонҳо ва таҷҳизоти техникӣ пурра таъмин нест. Фестивал-озмунҳо барои театрҳои касбии ҷумҳурӣ аҳамияти калон доранд ва барои рушди маҳорати ҳунармандону коргардонҳои театрҳои касбӣ ва беҳтар гардидани сифати намоишномаҳо мусоидат мекунад. Зеро ин фестивал-озмунҳо новобаста аз он ки дар дохили кишвар баргузор мегарданд ва ё дар хориҷӣ он барои рушди санъати театрӣ самараи хуберо ба бор меоранд.

Аз мавод ва сарчашмаҳои таҳқиқшуда роҷеъ ба масъалаи фестивал-озмунҳо, мақсад ва вазифаҳои ташкил ва гузаронидани онҳо бармеояд, ки барои пешрафт ва самаранокии фаъолияти санъати театрии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле аҳамияти пурсамар доштаанд. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва баррасию муқоисаи натиҷаи фестивал-озмунҳои театрҳои касбӣ ба хулоса омад, ки ташкил ва гузаронидани фестивал-озмунҳо дар санъати театрии тоҷик самтҳои мухталифи самаранокии фаъолияти театрҳоро равнақу ривоҷ додааст[1]. Масалан, табодули таҷрибаи корӣ, рушди муносибатҳои касбӣ, муаррифии санъати театрии тоҷик чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар, беҳтар шудани маҳорат ва касбияти кори эҷодии ҳунармандон, коргардонҳо, оҳангсозон, драмматургон, хореографҳо ва дигарон аз ҷумлаи самараҳои фестивал-озмунҳо ба шумор мераванд. Ҳамчунин бояд гуфт, ки фестивал-озмунҳои санъати театрии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳавасмандии ҳунармандон ва таваҷҷуҳи тамошобинонро ба ҳунари театрӣ дучанд зиёд гардонидаанд.

---

[1]“Нигоҳи нав” имсол хираю бенур буд. // Адабиёт ва санъат, 9 июли 2015.
[1] Парасту ғолиби озмуни байналмилалӣ. // Тоҷикистон. 2010, 27 май

Қайд кардан ҷоиз аст, ки фестивал-озмунҳо дар соҳаи санъати театрӣ на танҳо барои мусобиқа ё гирифтани дипломy ҷоизаҳо ташкил ва гузаронида мешуданд, балки ин озмунҳо моҳияти бештаре дар рушду равнақи санъати театрӣ доштанд. Чунончи, аз маълумотҳои мухталифи сарчашмавӣ, ҳисоботи театрҳо, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санаду ҳуҷҷатҳои бойгонишуда, матбуоти даврӣ бармеояд, дар натиҷаи гузаронидани фестивал-озмунҳои театрӣ ҳамкориҳои эҷодӣ дар байни театрҳои касбии ҷумҳурӣ аз нав ҷоннок карда шуд, ҳунармандони касбию моҳир ба кор ҷалб карда шуданд, намоишномаҳои беҳтарин ва пурмазмуну арзишнок бо сифати баланди касбияти эҷоду ҳунарнамоӣ рӯи саҳна оварда шуда, ба тамошобинон ва ҳайати доварон пешниҳод шуданд.

Бояд гуфт, ки чандин ҳунармандони моҳири санъати театрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи ширкати фаъол дар кори озмунҳои “Парасту”, “Чодари хаёл”, “Наврӯз”, “Арт-орд” ва ғайра соҳиби дипломҳо ва ҷоизаҳо ва ифтихорномаҳои гуногун шуданд. Ин ҳама боиси сарфарозӣ ва ҳавасмандгардонии аҳли ҳунари бадеии театр ва беҳтар шудани сифати кору фаъолияти театри касбии тоҷик гардид. Ҷиҳати дигари самаранокии кори озмунҳо, фестивалҳо дар кори театрҳои касбии ҷумҳурӣ ин вусъат ёфтани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва сафарҳои гуногуни ҳунарии кормандони театр мебошад, ки дунёи васеи ҳунари театриро барои аҳли ҳунари кишвар боз намуд.

Бояд гуфт, ки аксари фестивал-озмунҳои театрие, ки баргузор гаштанд, ба ин ё он санаи муҳим бахшида шуда буданд, ки ин ҳам яке аз омилҳои ғанигардонии фарҳанги кишвар дар замони истиқлолияти давлатии кишвари мо мебошад.

Ҳамин тариқ, бояд иброз дошт, ки ҳангоми фаъолияти фестивал-озмунҳо як гурӯҳи калони корӣ иборат аз мунаққидон, коршиносон, коргардонҳо, оҳангсозон, ҳунармандон, доварон, рассомон, драмматургон, балетместерҳо ва дигарон ба кор ҷалб мешуданд ва як кори эҷодии маҷмӯӣ анҷом дода мешуд.

Хулоса фестивал-озмунҳо барои рушди самараноки фаъолияти эҷодии театрҳои касбӣ хеле аҳамияти бузург доранд ва дар даврони истиқлолият ба ин самт аҳамияти саривақтӣ зоҳир шудааст. Инчунин дар фаъолияти театрҳои касбӣ самти муносибатҳо ва ҳамкориҳои эҷодии касбии кормандон бо ҳамсабақони хориҷи кишвар дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, густариш ёфтанд.

Муаллиф аз таҳқиқи сарчашмаҳо ва маводи бойгонишуда ба чунин хулоса омад, ки дар рушди санъати театрии кишвар робитаҳои байналмилалии фарҳангӣ низ аҳамияти хоса доранд. Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ барои вусъати сафарҳои ҳунарии хориҷи кишвар шароитҳои мусоид фароҳам омаданд.

Ба тамоми мушкилиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда дар ин самт театрҳои касбӣ ва ҳайати эҷодии ҳунармандон бо тамоми маҳорати касбии худашон бо намоишҳои мухталифу ҷолиб ба кишварҳои гуногуни дунё сафарҳои ҳунариро анҷом додаанд.

Бояд гуфт, ки дар ин самт ҳам равандҳои асосӣ ҷой доштанд. Яъне робитаҳои байналмилалии фарҳангӣ на танҳо бо сафарҳои ҳунарӣ маҳдуд карда мешуданд, балки дар рафти ба роҳ мондани робитаҳои фарҳангӣ ба табодули маҳорати касбӣ, касбомӯзӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, таълимгирии нозукиҳои касбӣ, мукаммалсозии сохтори умумии таълим дар соҳаи санъати театр ва ғайраҳо вусъати тоза бахшида мешуд.

Дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши маводҳо муаллиф ба хулосаҳои зерин омад:

1. Театр ва санъати театрӣ, ки дар ҷумҳурии мо соҳаи нисбатан нави санъат ба шумор меравад, дар даврони истиқлолияти кишвар, новобвста аз мушкилоти баамаломада мавқеи худро нигоҳ дошта, инкишоф меёфт. Воқеаҳои солҳои 90-ум ба ин соҳа хело таъсири манфӣ расонида, боиси пастравии фаъолияти театрҳои касбии ҷумҳурӣ гардидааст.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти санъати театриро барои инкишофи комили ҷомеа ва умуман, давлатро дарк намуда, баҳри рушди минбаъдаи театр ва санъати театрӣ сол аз сол таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд.

3. Дар ғанӣ гардонидан ҳаёти маънавии мардуми кишвар санъати театрӣ бо ба саҳна гузоштани намоишномаҳои таърихӣ ва ба рӯзгори халқ наздик саҳми арзандаи худро мегузорад.

4. Театрҳои касбии тоҷик дар эҳёи мероси фарҳанги моддиву маънавӣ, равнақи худшиносӣ, эҳёи арзишҳои асосии миллӣ, нишон додани намоишномаҳо аз таърихи ниёгон, баланд бардоштани сатҳи маънавиёти мардуми кишвар дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидиро мебозанд.

5. Инчунин дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санъати театрӣ ба равнақи санъати мусиқии миллӣ, адабиёт, санъати рассомӣ, ороишӣ бо назардошти нозукиҳои таърихӣ ва анъанавии миллӣ низ нақши муҳиму арзанда гузоштааст.

6. Бо ба инобат гирифтани мақоми санъати театрӣ Ҳукумати кишвар баҳри беҳтар намудани шароити кор барои кормандони соҳа пайваста ғамхорӣ зоҳир намуда, маблағҳои муайянро барои таъмиру таҷдиди биноҳои театрҳои касбии ҷумҳурӣ ҷудо намудааст.

7. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ низ дар соҳаи санъати театрӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти умумии театрҳо тасдиқ ва қабул карда шудаанд.

8. Репертуари театрҳо низ куллан тағйир ёфта, барои ҳар чи бештар дар ниҳоди мардум мустаҳкам намудани арзишҳои таърихию миллӣ асарҳои тозаэҷод ба саҳна гузошта шуданд.

9. Дар фаъолияти пурсамари театрҳои касбии ҷумҳурӣ мушкилоти зиёд ба чашм мерасанд, аз ҷумла нарасидани маблағҳои зарурӣ ва маоши кормандон, муҷаҳҳаз набудани театрҳои касбӣ аз лиҳози техникаю технологияи ҳозиразамон ва ғайра монеъа мешаванд.

10. Дар солҳои 90-уми асти XX ҳудуди ҷумҳуриро тарк намудани кормандони соҳа боиси косташавии санъати театри гардид.

11. Сафарҳои ҳунарии театрҳои ҷумҳурӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ барои муаррифӣ намудани фарҳанг, таърих ва тамаддуни халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

12. Фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ барои рушди маҳорати касбию эҷодии ҳайати кормандони театрҳои касбӣ хело саҳми босазо мегузоранд.

13. Барои табодули таҷрибаомӯзӣ ва рушди ҳамаҷонибаи санъати театрӣ чунин фестивал-озмунҳо мусоидат менамоянд.

14. Бо чандин ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаҳо ва қарордодҳои фарҳангӣ ба имзо расиданд, ки робитаҳои судманди театрҳои касбиро боз ҳам васеътар намуданд.

15. Фестивал-озмунҳо умуман барои рушди ҳамаҷонибаи театрҳо ва баланд бардоштани сифати кор, ҳамкориҳои судманд, эҷодиёти нав, ороиш ва расомӣ, дар сатҳи баланд баргузор намудани намоишномаҳо ва ғайра аз манфиат холӣ нестанд.

# БОБИ 2. РУШДИ ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МИЛЛИИ САНЪАТИ МУСИҚИИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

## 2.1. Ташаккул ва рушди мусиқии миллии халқи тоҷик дар даврони истиқлол

Бо ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ нисбатан беҳтар ва ҷолибтар гардидааст. Албатта, дар ин соҳа ҳам мушкилиҳо ва камбудиҳо дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҷой доштаанд.[1] Ба қатори чунин мушкилиҳо паст шудани маълумоти касбии мусиқӣ, пурра набудани оркестри симфонии Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, заминаи сусти моддӣ-техникӣ, нокифоя будани маблағгузории муасисаҳои мусиқии касбӣ, норасоии мутахассисони баландихтисос дохил мешаванд.

Махсусан боиси зикр аст, ки бо қабул гардидани як қатор фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти мусиқӣ тағйироти назаррас ба вуҷуд омадаанд. Соли 2000-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рушди "Шашмақом" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12-уми май, таҳти №294[2] интишор гардид. Ба туфайли ин дар ҷумҳурӣ мактаб - студияҳои бачагона, ансамблҳои мақомсароён кушода шуда, фестивалҳо, мизи мудаввар, симпозиумҳо доир ба Шашмақом[3] ташкил ва гузаронида шудаанд. Ҳамчунин омӯзиши бисёрҷонибаи "Шашмақом" ба роҳ монда шуда, пайдоиши он, рушд ва услуби иҷро кардани он масъалаҳои асосӣ ба шумор мерафтанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки "Шашмақом" асари безаволи ниёгони халқи тоҷик буда, таърихи беш аз ҳазорсола дорад[4]. Чунончи аз гузоришҳои

---

[1]История таджикского народа. Том VI (Новейшая история) Глава VI – Душанбе: «Империал Групп», 2011. С. 590-593., Музыкальная жизнь Таджикистана (1991-2011 гг.) выпуск 6. Отв. ред. Р.М. Масов.- Душанбе, 2018.- С. 224.

[2]Фармони Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон №294 // "Ҷумҳурият". 2000.-20 май

[3] Рисолаи шашмақом / Мусаҳҳеҳ: М. Навид. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 40 саҳ, Ҷамол Ш. Эҳёи "Шашмақом" дар канди ҷаҳон / Муҳар.: Н. Фозилов. Конибодом. -2007.-104 саҳ.

[4]Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асриҳои мёна. - Душанбе, 1983 . -С. 250.

сарчашмаҳои гуногуни хаттӣ бармеояд, ин жанри мусиқӣ дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон бо номҳои “Ҳаштмақом”, “Даҳмақом”, “Дувоздаҳмақом”, “Ҳафтдастгоҳ” маълум будааст. Дар охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII баъди такмили мазмун ин жанр номи “Шашмақом”-ро касб кардааст. Ин жанри мусиқӣ 252 шуъбаи созию овозӣ дорад. Тавассути ин жанри мусиқӣ ҳолатҳои рӯҳии инсон-шодию сурур, тантанаву шаҳомат, фарёду ҳасрат, садои дил, ишқи замину осмон, яъне муҳаббати орифона садо медиҳанд. Аз ин лиҳоз бештар тавассути “Шашмақом” асарҳои классикони адабиёти форсу тоҷик иҷро карда мешаванд[1]. Ба шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба “Шашмақом” рӯҳу мадори тоза бахшида шуд. Барои рушди “Шашмақом” дар саросари Тоҷикистон омили нави рушд ин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи инкишофи минбаъдаи санъати шашмақомхонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гардида буд. Моҳи майи соли 2003 Академияи мақом ва моҳи октябри соли 2005 мактаби мусиқии бачагонаи “Шашмақом” дар назди ин академия таъсис дода шуданд. Ҳунармандони Академияи мақом солҳои 2003-2007 кори басо мушкилу заҳматталабро анҷом доданд ва мақомҳои Рост, Наво, Бузрук, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқро ба тариқи силсила тайёр, аз бар намуда, ба мухлисони ин жанр пешниҳод намуданд. Мақоми Рост, ки дар Хонаи радио ва Кумитаи телевизион иҷро шуд, 23-24 июни соли 2004 бо ибтикори Институти Смитсонияни Вашингтон ва бунёди Оғохон дар Бишкек ба навор гирифта шуд. Навои мазкур моҳи марти соли 2006 дар Вашингтон сурат гирифта, консертҳои академия дар Вашингтон, Ню –Йорк ва Техас баргузор гардиданд.

Боиси зикр аст, ки доир ба масъалаҳои инкишофи афкори мусиқии халқи тоҷик дар замони шӯравӣ, махсусан, дар солҳои 50-60-уми асри XX ақидае вуҷуд доштааст, ки гӯё санъати мазкур дар сатҳи паст қарор доштааст. Ҳамин тариқ, бештар ба жанрҳои ғайрианъанавӣ ва мардумии

---

[1]Раҷабов А. Традиции классической музыкальной культуры эпохи Сасанидов. – Душанбе, 2005. –С. 178.

тоҷик, ба мисли балет, опера ва дигарҳо диққат дода шуда буд. Ба санъати мусиқии суннатии халқи тоҷик бошад, дар даврони шӯравӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.[1] Аз ин хотир пас аз ба даст овардани истиқлолият, махсусан, аз солҳои 2000-ум ба мусиқии анъанавии касбии тоҷик диққати ҷиддӣ дода мешуд. Зеро жанрҳои мусиқии фалак, шашмақом-ифтихори маданияти миллии тоҷикон мебошанд.

Барои рӯшан намудани масъала овардани далелҳои воқеӣ аз ҳаёти мусиқии кишвар дар ин ҷо зарур мешуморем. Чунончӣ дар эҳё ва рушди жанри мусиқии шашмақом тайи чанд соли охир мақомхонони мумтоз Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикстон Ҷӯрабек Муродов[2], О. Ашӯрова, овозхонҳо З. Сомеъҷонова, Н. Омонбоева, Х. Иброҳимов, Т. Ҷӯраев, Ҷ. Эргашов, С. Ҷӯраев, К. Ҳамдамов саҳм гузошта, ҳамчун мутахассисони варзидаи санъати мазкур ба ҳисоб мераванд.

Аз ҷониби Академияи мақом албоми “Чеҳраи беҳамтои маъшуқа” сабт гардид, ки соли 2006 ба ҷоизаи фахрии амрикоии “Грэмми” дар соҳаи мусиқӣ дар номинатсияи “Беҳтарин албоми мусиқии анъанавии ҷаҳонӣ[3]” пешниҳод шуда буд. “Соли 2009 “Энсиклопедияи Шашмақом” нашр шуд. Академияи мазкур дар хориҷи кишвар сафарҳои зиёди ҳунариро ташкил намуда, дар кишварҳои гуногуни Аврупо ва Осиё санъати анъанавии мусиқии тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Махсусан боиси зикр аст, ки дар солҳои истиқлолият жанри дигари мусиқӣ-фалак низ дубора эҳё карда шуда, рушд меёбад. Дар ҷумҳурӣ аз ҷониби фалаксароён озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ташкил ва гузаронида

---

[1]Нурджанов Н., Кабилова Б. Музыкальное искусство Памира. Книга пятая (на русскомяз, резюме на таджикском, английском яз., с нотами) - Бишкек 2015. ,294 с. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросимии тӯйии тоҷикон. - Душанбе, 1978. – 95 с.

[2]Шарипова М. Ҷӯрабек Муродов. / М. Шарипова. Хуҷанд, 2002. С.528.; Сурудҳои Ҷӯрабек Муродов дар ду қисм. - Хуҷанд. 2012,-608 с.; «100 песен Джурабека Муродова» (1982), «Олимаком» (1995, авторы М. Тохири, Ф. Каримов, Ш. Мухтор), «Джурабек Муродов» (2002, автор М. Шарифова), кинофильм «Наш хафиз» («Наш певец») (1979, реж. А. Кудусов), телефильм «Струны сердца» (1980, реж. Л. Налоева)

[3]Ташаббуси Оғохон дар соҳаи эҷодиёти мусиқии Осиёи Марказӣ URL: http:// www. Akdn. Org/ tadjikistan_ culture_ r. asp.

шудаанд.[1] Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон кафедраи алоҳидаи фалак таъсис дода шуд, ки ба эҳё ва рушди минбаъдаи жанри фалак таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҳамчунин баҳри боз ҳам равнақ додани жанри мусиқии фалак се симпозиуми байналмилалӣ ва фестивалҳо доир ба ин жанр баргузор гардиданд. 10-уми октябри соли 2007 рӯзи "Фалак" эълон шудааст.[2] Ҳамон сол аз ҷониби ҳунарпешаи мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатманд Холов дар Душанбе ва Кӯлоб мактабҳои фалак кушода шуданд.[3]

Ба ин ду жанрҳои анъанавии мусиқӣ конфронсҳо ва симпозиумҳо бахшида шуданд, ки дар ҷумҳурӣ баргузор гардида буданд. Масалан: Фестивал-симпозиуми байналмилалии "Шашмақом дар ибтидои асри XXI"[4] ва се фестивал-симпозиуми байналмилалии "Фалак"[5].

Ҳарчанд имрӯз ҳам ин суннат пойбарҷост, вале солҳои охир раванди рушди инкишофи ин санъати олӣ аз назарҳо дур мондааст. Шояд бештар ба мусиқии сабуки эстрада рӯ овардани ҷавонон ба ин боис шуда бошад. Аммо ин раванд набояд ҳеҷ гоҳ халқи тоҷикро аз суннатҳои асили ниёгон бегона созад. Ва бояд арзишҳои маънавии гузаштагони хешро эҳтиром намоему пос дорем.

Ба хотири эҳёву рушди санъати анъанавии миллӣ, аз ҷумла "Шашмақом" ва "Фалак", давлату ҳукумат ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Перомуни он қарорҳову супоришоти дахлдор қабул гардидаанд, ки аз болои онҳо

---

[1] Фалак ва масъалаҳои таърихӣ- назариявии мусиқии тоҷик(Маҷмӯи мақолот) Мур. Фароғат Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2009.-248 с.
[2]Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷиистон "Дар бораи рӯзи Фалак". 8 августи соли 2007-№299.
[3] Нурджанов Н., Кабилова Б. Музыкальное искусство Памира. Кинига четвертая (на руссском яз. Резюме на таджикском, английском яз, с нотами).- Бишкек 2014.,397 с.Фалак ва анъанаҳои бадеии мардумони Осиёи Марказӣ. /Маводи Симпозиуми байналмилалӣ. Мураттибон: А. Р. Ӯлмасов, Ф. А. Ҳакимов, Ҳакимов Н. Г.-Душанбе, 2004.-220 с., Чақалзода Қ. Фалаки Кӯлобӣ / Муҳаррир: С. Ғафор.- Душанбе боргоҳи сухан,2005. – 68 саҳ.
[4]Фестивал соли 2003 дар шаҳри Исфара гузашт.
[5]Фестивал-симпозиуми байналмилалии "Фалак".-Душанбе, 2004; Кӯлоб, 2006; Душанбе, 2009.

назорати қатъӣ ҷорӣ шудааст. Тағйироти чашмгире дар ин ҷода ба назар мерасанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишоф додани санъати асили миллии тоҷик дар робита бо Институти “Ҷомеаи кушода” – СОРОС ва маркази “Ҳамкорӣ ва тараққиёт” тасмим гирифт, ки аз 26 то 28 марти соли 2009 фестивал ва симпозиуми байналмилалии “Фалак”-ро доир намоянд. Дар ин фестивали байналмилалӣ фалаксароёни машҳури тоҷик Гулчеҳра Содиқова ва Давлатманд Холов, дастаи “Фалак”-и Дарвоз бо сарварии Абдулло Назриев, сарояндаҳои шинохта Мусаввар Минаков, Аслигул Искандарова, Сафар Муродов, Муродбек Насриддинов, Ҳошимовҳо ва дигарон ширкат варзидаанд. Боиси ифтихор аст, ки дар ин фестивал ва симпозиуми байналмилалии “Фалак” ҳунармандону олимон аз кишварҳои хориҷа ба монанди Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Чин, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Фаронса иштирок намудаанд. Чунин ниҳодҳо дар ҷодаи ташвиқу тарғиб ва рушди санъати анъанавӣ ё худ миллии қадимаи тоҷикон хидмати бузург карданд[1].

Дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ боз як воқеаи муҳиму хотирмон ба вуқуъ пайваст, яъне дар кишвар 24-26–уми майи соли 2002 Фестивали байналмилалии санъати тоҷик “Аржанг” бо ташаббуси Вазорати фарҳанг ва дастгирии молиявии Дафтари рушд ва ҳамкории Швейтсария баргузор гардид[2]. Дар ин фестивал аз тамоми гӯшаву канори кишвар навозандагон ва мутрибони варзидаи мусиқии халқӣ ва классикии тоҷик, инчунин ансамблҳои рақсӣ, рассомон, кашидадӯзон, устодони созандаи созҳои мусиқӣ, кандакорон, заргарон гирд омаданд ва ҳунару маҳорати худро нишон доданд.

Ҳангоми фаъолияти фестивали мазкур мизҳои мудаввар ташкил шуданд, ки масъалаҳои мубрами соҳаҳои фарҳангро баррасӣ намуда, дар

---
[1]Мӯсоев А. “Фалак” дар “Фалак” // Тоҷикистон № 3-4, 2008. С. 11.
[2]Назарова Л. Гуногунрангии фестивали “Аржанг.” /Л. Назарова // Народная газета.-2002, 12 июн. (русӣ)

баҳсҳо оҳангсозони моҳир, мусиқашиносон, рассомон, синамошиносон ва ходимони намоёни фарҳанги ҷумҳурӣ ширкат варзиданд. Аз ин баҳсҳо мушкилоти ҷудогонаи соҳаҳои мазкур айён гашта, мавриди таҳлилу баррасӣ ва пешниҳодоту тавсияҳо бахри ҳаллу фасли онҳо пешниҳод гардиданд. Ҳамин тариқ, мувофиқи тадқиқот ва таҳлилу баррасиҳо маълум мегардад, ки дар ин соҳа мушкилоти зерин ҷой дорад: норасоии мутахассисони баландихтисос, мавҷуд набудани таъминоти кофии техникии соҳаҳои фарҳанг, касбияти пасти кормандон, кам будани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳа ва ғайра. Қайд кардан ҷоиз аст, ки эҷодиёти санъати мусиқӣ то дараҷае ба карахтӣ дучор шудааст ва назари нав ба ин жанри санъат вуҷуд надорад.

Аз мулоҳизаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки умуман, фестивали "Аржанг", ки яке аз падидаҳои намоёни ҳаёти фарҳангии кишвар маҳсуб меёбад, боиси рушду нумӯи минбаъдаи намудҳои гуногуни санъат, аз ҷумла санъати мусиқӣ гардида буд.

Дар ҳаёти мусиқии Тоҷикистон яке аз падидаҳои муҳимми солҳои 1995 ва 1996 ин сафари ҳунарии дирежёри амрикоӣ, бунёдгузори оркестри "Лэндмаркс"-и Бостон Чарлз Ансбахер ба Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки дар ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ чанд маротиба баромад кардааст.[1] Дар консертҳои вай асарҳои Л. Бетховен-Симфонияи №3 ("Қаҳрамонӣ") ва №5; увертюра ба операи "Сартароши Севилӣ" -и Ҷ. Рассини; порчаҳо аз мусиқии таърихи "Вестсай" -и Л. Берстайн; Adagio барои асбобҳои торрии С. Барбер; асар барои хонанда ва оркестри синфонии – "Портрети Линкольн" –и А.Копленд, "Суруди гаҳвора барои оркестри созҳои тордор"-и Ҷ. Гершвин; "Рақси тиллои"- и Т. Шаҳидӣ овоз додаанд.[2]

Боиси тазаккур аст, ки чунин консертҳо хело кам гузаронида мешуданд. Онҳо бомуваффақият мегузаштанд, ки ин шаҳодат аз таваҷҷуҳи

---

[1]Московский симфонический оркестр. http: // moscow symphony. ru /ru /mso/conductors
[2]Музыка мира звучит в Душанбе // Вечерний Душанбе,- 1995, - 17 февраля; И. Сорокина. Дрижёр из США // Народная газета. – 1995,- 25 февраля; Американец в Таджикистане. Программа концерта из личного архива Н. Нурджонова, - 1996, март

зиёди шунавандаи тоҷик ба мусиқии академӣ мебошад. Махсусан, доир ба фаъолияти хори Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ қайд кардан ҷоиз аст, ки новобаста аз нарасидани кадрҳо ва ҷой доштани дигар мушкилот дар кору фаъолияти театри мазкур, ин коллектив сидқан заҳмат кашида, дастовардҳои зиёдеро соҳиб гашт.

Боиси ифтихор аст, ки дар соли 1993 як воқеаи муҳим рух дода буд, дар шаҳри бостонии Хуҷанд Академияи мусиқии[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Дар назди Академияи мусиқӣ Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ амал мекард, ки дар он олимони машҳури Тоҷикистон, ҷамоҳири Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия ва кишварҳои хориҷӣ дур тибқи шартнома кору фаъолият мекарданд.

Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон, номзади илмҳои санъатшиносӣ А. Абдурашидов дар бобати эҳё намудани мақомҳои классикии “Шашмақом” дар Тоҷикистон дар конфренсияҳо ва симпозиумҳои байналмилмилалӣ аз ҷиҳати илми асоснок кардани он хидмати шоиста кард. Чунончӣ, дар Фестивали байналмилалӣ, озмун ва сипозиум таҳти унвони умумии “Олами мақом” (Мир мугама), ки дар шаҳри Боку моҳи марти соли 2009 баргузор гардид, бо маъруза дар ин мавзӯъ баромад кард.[2] Соли 2003 бо пешниҳоди А. Абдурашидов ва бо дастгирии молиявии Оғохон доир ба эҳё намудани анъанаҳои эҷодиёти мусиқи дар Осиёи Марказӣ (АКМИ- Aga Khan Music Initiative) Академияи мақом таҳти робарии А. Абдурашидов созмон дода шуд.

Ҳайати муҳассилини ин академия 22-23 нафарро аз 14 то18 сола ва 8 аспирантро ташкил медод. Дар ин академия таърих ва назарияи мусиқӣ, таърихи динҳои ҷаҳонӣ, эҷодиёти классикӣ, забони форсӣ, низоми аруз, вокал, навохтани асбобҳои мусиқӣ меомӯзанд ва таълим мегиранд.

---

[1]Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №301 аз 23 июни соли 1993. « Дар бораи ташкили Академияи мусиқӣ дар шаҳри Хуҷанд» // Ҷумҳурият. – 1993, 25 июн.
[2]Абдурашидов А. Роҷеъ ба вазъи санъати Шашмақом дар асри XX ва паёмадҳои рушди он дар оғози қарни XXI. // Фарҳанги мусиқии тоҷик дар ибтидои асри XXI : авлавияти рушд. - Душанбе, 2010- 39 с.

Таълимгирандагони академия, устодон ва омӯзгорон дар сафарҳои ҳунарии мусиқии аз ҷониби АКМИ ташкилдодашуда ва консертиҳое, ки дар ҷумҳурӣ баргузор мегарданд, фаъолона ширкат меварзанд. Ба туфайли ин шашмақом дар кишварҳои Россия, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, Ангилия, Германия, Франсия, Белгия, Австрия, Венгрия, Ҳиндустон, Эрон ва як қатор мамлакатҳои араб, Чин муаррифӣ гардид.[1]

Ҳамчунин бо дастгирии фонди Оғохон дар Осиёи Марказӣ Академияи мақом таҳти унвони " Мақоми Рост" албом баровард. Ин фитта барои дарёфти ҷоизаи Грэми дар номинатсияи "Албоми беҳтарини мусиқии аъанавии ҷаҳонӣ"[2] пешниҳод карда шуда буд. Дертар соли 2005 дар назди академияи мазкур мактаби бачагонаи мусиқии шашмақом таъсис дода шуд, ки муҳассилини он бояд таҳсилро дар оянда дар ин академия идома диҳанд. Барои бачагон Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО дар шаҳри Париж, театри Гран – Опера ва дар Россия (моҳи октябри соли 2005) як имтиҳони эҷодӣ доир шуда буданд. Барои баромадҳои муваффақона ширкаткунандагони ин рӯзҳои фарҳангӣ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шуданд. Дар баробари ин намояндагони дигар жанрҳои санъати мусиқӣ овозхонони ҷавони машҳури мақомсаро – М. Абдушукурова ва О. Ашӯрова бо унвони фахрии Ҳунарманди хизматнишондодаи Тоҷикистон сарфароз гардиданд. Н. Амонбоева, З. Самиҷонова, Ҷ Эргашев ва Х. Додобоев бо медали "Хизмати шоиста" мукофотонида шуданд.[3] Соли 2007 бори аввал дар таърихи иҷрокунандагии мақом навозандагон ва овозхонони Академияи мақом, ҳамчунин донишҷӯёни он бахши вокалии Шашмақом-"Наср"-ро пай дар пай дар тӯли шаш рӯз иҷро мекарданд.[4]

---

[1]Азизи Ф.Традиционная профессиональная музыка Таджикистана: приоритеты, проблемы, ршения (годынезависмости) // Очерки истории и теории культуры таджикского народа. Т. 2.т - Душанбе, 2010. - С. 484.

[2]Деятельность по культуре в Таджикистане // http: // www. Akdn. Org/ Tajikistan- culture –r. asp/

[3]Набиев В. Саҳми ҷавонони эҷодкор дар рушди фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол // Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол. /В. Набиев. - Душанбе: Эҷод, 2006. - С.69.

[4]Донишномаи Шашмақом / Муаллифони асосӣ: А. Абдурашидов, Ф. Азизӣ, А. Раҷабов, Н. Ҳакимов.- Душанбе, 2009.-С. 16.

Соли 2008 аз шумори иҷрокунандагон-донишҷӯён ва аспирантони Академияи мақом боз барандагони Ҷоизаи байналмилалии мусиқии Грэмми гардиданд, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи амрикоии ширкатҳои сабти овоз моҳи марти соли 1958 ташкил шуда буд.

Дар вилояти Суғд бо дастгирии молиявии Хазинаи Оғохон соли 2001 аз ҷониби навозандаи мусиқӣ С. Худойбердиев Маркази фарҳанги мусиқии тоҷик "Ҳунар"[1] созмон дода шуд, ки дар он низ таълим бо низоми "устод-шогирд" пеш бурда мешавад. Дар маркази мазкур устохона барои тармиму таҷдиди асбобҳои мусиқӣ ҷой дорад.[2]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2000-2011 конфронсҳо, симпозиумҳо, мизҳои мудаввар бахшида ба масоили мусиқии анъанавӣ гузаронида шудаанд. Чунончи, Фестивал-симпозиуми байналмилалии "Шашмақом дар ибтидои қарни XXI" (Исфара, 2003),[3] семинарҳои "Шашмақом ва шаклҳои фаъолияти имрӯзии он" (Душанбе 2005).

Инчунин чорабиниҳои "Шашмақом ва ҷойгоҳи он дар низоми маорифи оғози асри XXI" (Душанбе, 2006),[4] Симпозиуми байналмилалии "Сурудҳои суннатии Суғди бостон" (Хуҷанд, 2008), ва Фестивал-симпозиуми байналмилалии "Шашмақом" бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва садсолагии шашмақомсаро Фазлиддин Шаҳобов[5], ки дар Душанбе дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ соли 2011 баргузор шуд, гузаронида шудаанд. Дар ин фестивал намояндагон аз Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва Чин ширкат варзиданд. Соли 2006 (дар доираи Нақшаи амал роҷеъ ба нигоҳ доштани Шашмақом) дар шаҳри Душанбе бо ибтикори Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ЮНЕСКО ва дастгирии Президенти

---

[1]Худойбердиев С. Мусиқии суннатии Суғди бостонӣ./ С. Худойбердиев // Хуҷанд, 2008.-16 с.
[2]Ҳамон ҷо.С. 3.
[3]В Исфаре звучит Шашмаком // ASIA- Plus. - 2003. - 29 мая; Бобоев А. Ҷаҳони тоҷикон дар Шашмақом аст // Садои мардум . 2003, 25 июн; Шашмақом ва диди нави тадқиқию иҷроӣ // Адабиёт ва санъат. 2009, 25июл.
[4]Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционого музыкального творчества таджиков: Автореф. Докт искусств. - Новосибирск, 2009. - С.50.
[5]Фестивал-симпозиуми байналмилалӣ// Адабиёт ва санъат. 2011, 12 май.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон Фестивали байналмилали мусиқии класикии шашмақом баргузор гашт.[1]

Аз соли 2007 сар карда то соли 2011 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Тоҷикистон бо дастгирии молиявии бахши тоҷикистонии Хазинаи Сорос ҳамасола Фестивали байналмилалии мусиқии “Баҳористон”-ро ташкил ва гузаронидаанд, ки дар он мусиқачиёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия ширкат меварзиданд[2].

Ҳамин тариқ, моҳи майи соли 2007 дар Душанбе нахустин Фестивали Осиёи Марказии санъати мусиқии касбии “Баҳористон” баргузор гардид. Мақсади асосии он муаррифӣ ва муттаҳид кардани қувваҳои эҷодӣ ва ташкили консерваторияҳои миллии Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон буд, ки то дар оянда дар минтақа санъати мусиқии касбӣ рушд ва такомул ёбад.

Ин ташаббуси бемисл буда, дар Осиёи Марказӣ бори нахуст амалӣ карда шуда буд.[3] Иштирокчиёни фестивал донишҷӯён ва устодони консерваторияҳои миллӣ буданд, ки дар давоми се рӯз консертҳо медоданд, мастер-классҳо ва бо ҷомеаи илмӣ-эҷодӣ вохӯриҳо мегузаронданд. Ҳамчунин аз ҷониби устодон ва муҳассилини муассисаҳои таълимии фарҳанг ва санъати шаҳри Душанбе табодули таҷриба ва навовариҳо доир ба масъалаҳои санъати мусиқии касбӣ дар марҳалаи муосир сурат гирифт. Гузаронидани чунин фестивал ташаббуси асосгузор ва ректори нахустини Консерваторияи миллии Тоҷкистон, оҳангсоз, Ходими хизматнишондодаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ, профессор Т Сатторов буд. Дар барномаи консертҳои фестивал мусиқии классикаи аврупоӣ, инчунин асарҳои оҳангсозони аз ҷумҳуриҳои ширкаткунанда садо медоданд.

---

[1]Баёзи шашмақом. Мураттибон. Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Аслиддин Низомӣ, Маҳмадёри Шариф. – Душанбе: Дониш, 2016. – 600 с., Бабаджанова М. Музыка Шашмаком- шедевр устного и немотериального наследия человечества // Вестник МИЦАИ 2007. №5, С.12.

[2]Ҳасанова М. Музыкальная жизнь Таджикистана (1991-2011) / М.Ҳасанова, - Душанбе, 2018.- С. 193.

[3]Донишномаи Шашмақом / Муаллифони асосӣ: А. Абдурашидов, Ф. Азизӣ, А. Раҷабов, Н. Ҳакимов. -Душанбе, 2009.-422 с.

Асарҳо барои ансамблҳои гунонгун пешниҳод шуданд: дуэтҳо, трио, квартетҳо, ҳамчунин барои вокалистҳою фортипианҳо.[1]

Ҳамагӣ дар доираи ин фестивал 4 мастер-класс, 9 консерт, мизи мудаввари ҷамъбастӣ, намоиши маводи гуногун дар мавзӯи “ Санъати мусиқии касбии муосири халқҳои Осиёи Марказӣ” (китобҳо, нотаҳо, фитаҳо, суратҳо, китобҳои дарсӣ ва ғ.), гузаронида шуд. Лоиҳаи фестивал аз ҷониби барномаи “Фарҳанг ва санъат”-и Институти “Ҷомеаи Кушод”-и Будапешт дар доираи озмуни “Барномаи тавассути ҳамкорӣ” дастгирӣ карда шуд, ки мақсадаш таҷрибаивазкунӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои умумӣ тавассути ҳамкорӣ буд.[2]

Фестивали дуюми байналмилалии “Баҳористон” моҳи майи соли 2008[3] баргузор гардид, ки иштирокчиёни он оркестрҳои камеравӣ буданд: аз Тоҷикистон оркестри камеравии “Гармони Мира”, роҳбари бадеӣ ва дирежёр, оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Толиб Шаҳидӣ; аз Қазоқистон оркестри камеравии Консерваторияи миллии Қазоқистон, роҳбари бадеӣ ва дирежёр П. Тарсевич; аз Қирғизистон- оркестри камеравии Президентии “Манас” роҳбари бадеӣ ва дирежёр, Ҳунарманди шоистаи Қирғизистон Эрнис Асаналиев, аз Федратсияи Россия- квартети тории Академияи давлатии фарҳанг ва санъати Челябинск, роҳбари бадеӣ, ҳунарманди шоистаи Россия, профессор, дирежёр А. Абдураҳмонов. Инчунин мусиқачиён-солистҳо, дирежёрҳо, олимон, педагогҳо, сарварони макотиби олии мусиқӣ ва коллективҳои эҷодӣ аз шаҳрҳои Алма-Ато, Бишкек, Тошкент, Екатиринбург, Новосибирск, Челябинск, Осло (Норвегия) ва Душанбе даъват карда шудаанд ва аз байни иштирокчиён-меҳмонони фестивал якчанд нафарро метавон ном бурд. Шкаруп Волерия – навозандаи пианино, Ҳунарманди шоистаи Руссия, профессори Консерваторияи давлатии Урал ба номи М.

---

[1] Карпова З. Рӯзҳои мусиқии шаҳр // Народная газета. -2007, 1 августа.

[2] http:// asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20070518/bakhoriston-soberet-tsvet-tsentralno-aziatskogo-iskusstva-v-dushanbe

[3] Фестивали “Баҳористон” // Адабиёт ва санъат. 2008, 10. май.

Мусургский, Б. Борис – доктори илмҳои санъатшносӣ, профессор, мудири кафедраи назария, таърихи мусиқӣ ва асбобҳои мусиқии Донишгоҳи давлатии Урал, М. Дрожжина – доктори илмҳои санъатшносӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти мусиқӣ ва маорифи Консерваторияи давлатии Новосибирск ба номи М. Глинка, Кристин Гровен Холмбо- профессори маҳорати вокалӣ ва хории Пажӯҳишгоҳи илмҳои мусиқии Донишгоҳи Осло (Норвегия), Далер Нозилов – ғижжакнавоз, ҳунарпешаи оркестри филармонии Новосибирск.

Дар доираи ин фестивал 8 консерт ва 5 мастер-класс гузаронида шудаанд: доир ба самти фортепианно (В. Шакарупа, Екатренбург); ғижжак (Э. Асаналиев, Бишкек); флейта (А. Абдураҳмонов, Челябинск); суруди хор (Кристин Гровен, Осло); таърихи мусиқии аврупоӣ (Б. Бародин, Екатренбург) ва мусиқии оҳангсозони Шарқ (М. Дрожжина Новосибирск).

Барномаи консертиро асарҳои мусиқии классикии аврупоии оҳангсозони Россия ва Осиёи Марказӣ ташкил медоданд. Иҷрокунандагони ин барномаҳо оркестрҳои камеравӣ, мусиқачиён– сарояндаҳо, кивинтетнавозон, квартетнавозон, дуэтсароён буданд. Дар консертҳо асарҳои оҳангсозони тоҷик Толиб Шаҳидӣ, Зиёдуллоҳ Шаҳидӣ, Талабхӯҷа Сатторов, Зарина Миршакар, Лола Толис, Фирӯз Баҳор, Яхиел Сабзанов, Амирбек Мӯсоев иҷро гардиданд.[1]

Қайд кардан ба маврид аст, ки гузаронидани ин фестивал имконият дод, ки захираҳои иҷрокунандагии санъати мусиқии ҷумҳуриҳои ширкаткунанда муайян карда шавад, ҳамкории минбаъдаи эҷодӣ боз ҳам мустаҳам шаванд ва дар ин замина бунёд намудани “Интероркестр” имконпазир шуд, ки он бори аввал дар консерти ниҳоии фестивал баромад намуд.

---

[1]Сатторов Т. С надеждой на будушее // Таджикская музыкальная культура начала 21 века: приоритеты развития. – Душанбе, 1999. - С. 15., Ҳасанова М. Музыкальная жизнь Таджикистана (1991-2011) / М.Ҳасанова, - Душанбе, 2018. - С. 187., Барномаи консертҳои фестивал, бойгонии шахси Нурджонова Н., 2008, май; Фестивали “Баҳористон”//Адабиёт ва санъат.-2008.-8 май; Назарова Л. Фестивали оркестрҳои ҷаҳонӣ: марафони мусиқӣ // Паёмномаи фарҳанг. 2009, №1.С. 17.

Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи фестивали “Баҳористон” мизи мудаввар “Самтҳои асоси ва проблемаҳои рушди санати мусиқии касбӣ дар Осиёи Марказӣ” баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои мухталифи илмӣ ва таҳсилоти мусиқӣ, фаъолияти консертӣ ва ҳамкориҳои эҷодӣ дар миёни консерваторияҳои Осиёи Марказӣ ва Россия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Фестивали сеюми байналмилалии “Баҳористон” таҳти унвони “PIANO FORTE” ба мусиқии фортепианно бахшида шуда буд ва аз 15 то19 майи соли 2009 гузаронида шуд. Дар фестивал навозандагон аз Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА ва Тоҷикистон ширкат варзиданд[1]. Иштирокчиёни асосии фестивал пианинанавозон – солистони консерваторияҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Россия маҳсуб меёфтанд, ки бо онҳо Консерваторияи миллии Тоҷикистон доир ба ҳамкорӣ шартномаҳо имзо намуд.

Боиси зикр аст, ки мавзӯи барномаи консертӣ барои иштирокчиёни фестивал озод буд, вале аз ҷониби консерватория барои иштирокчиён пешниҳод шуд, ки дар барномаи худ асарҳои оҳангсозони тоҷикро ворид созанд ва аз ин хотир дар консертҳои фестивал асарҳои Т. Шаҳидӣ, З. Шаҳидӣ, Т. Сатторов, Л. Толис, Ф. Баҳор садо доданд. Дар фестивал пианинанавози амрикоӣ Д. Коревар ширкат дошт, ки ҳанӯз соли 2008 бо дастгирӣ ва ташаббуси сафорати Амрико аз Консерваторияи миллии Тоҷикистон дидан кард ва машғулияти мастер-классро гузаронид.[2]

Дар ин айём вай дар фестивал бо барномаи консертии иборат аз асарҳои А.Копленд-Вариатсияи Фортепиани, Ф Ржевский - “Грустные воспоминания”(Хотираҳои ғамангез) (аз манзумаи Амрикои Шимолӣ), Ф. Шуберт- Суната-си-бимол мажор ва ҳамчунин транскрипсияҳои худӣ: И. Брамс- Д. Коревар баромад кард.

---

[1] Барномаи консертҳои фестивал «Бахористон», бойгонии шахси Нурдҷонов Н., 2009, 15-19 май
[2] Пианинонавози амркоӣ дар Душанбе// Адабиёт ва санъат.- 2008.-3 апр.

Вариатсия дар мавзӯи венгерӣ, асари 21, №2; Ф. Лист - Д. Коревар. “Орфей” (асари симфонии №4).[1] Хоҳиши созмондиҳандагони фестивалро ба инобат гирифта пианинанавоз ба барномаи худ асарҳои оҳангсозони тоҷик З. Шаҳидӣ -6 прелюдия (даромад, сарахбор) ва Д. Верди- Т. Шаҳидӣ- “Traviata Fantasy” дохил намуд. Соли 2010 фестивали дигар баргузор гашт, ки ба ҷашни 200-солагии оҳангсозони машҳур Ф. Шопен ва Р. Шуман бахшида шуда буд. Дар кори ин фестивал ректори Консерваторияи миллии Қазоқистон ба номи Курмангазӣ, Ҳунарпешаи халқии Қазоқистон Жания Аубакирова, профессори Консерваторияи миллии Қирғизистон Зайтуна Наринбаева, ректори Консерваторияи давлатии Урал ба номи М. Мусоргский, профессор Валерий Шкрупа, дотсентони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Дилбар Ҳакимова, Нигина Обидова ва дигарон иштирок кардаанд.[2] Соли 2011 Фестивали байналхалқии мусиқинавозони ҳамватан бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Ин фестивал таҳти сарпарастии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон мегузашт ва дар он 14 мусиқинавозони ҳамватан аз 9 кишвари дунё - ИМА, Олмон, Италия, Франсия, Исроил, Чин, Россия, Эрон, Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Барномаи фестивал аз 5 консерт, аз ҷумла гала-консерти ифтитоҳии фестивал ва ҳамчунин вохӯриҳои эҷодӣ бо мусиқинавозони ҳамватан ва мизи мудаввар иборат буд. Дар мизи мудаввар масъалаҳои ҳамкорӣ ва рушди санъати мусиқии Тоҷикистон дар марҳалаи муосир[3], аз ҷумла табодули маҳорат дар байни мусиқанавозони ҳамватан мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.[4]

---

[1] Барномаи консертҳои фестивал, 2009, 15-19мая.

[2] Барномаи консертҳои фестивал, 2010, 14-17 мая; Л. Назарова. Руҳияи эҷодиёти бузург дар хотираи наслҳо. // Памир. 2010. №4-6, Ҳасанова М. Музыкальная жизнь Таджикистана (1991-2011) / М.Ҳасанова, - Душанбе, 2018.- С. 187.

[3] Кабилова Б. Музыкальная культура Таджикистана в годы независимость. Научно – теоретическая конференция, посвяшенная 20 летию независимости Республика Таджикистан (Материалы конфренции) – Душанбе, 2011.- С. 21-22

[4] Программка концерта. 2011, 16 мая; Л. Назарова Таджикская музыка- локальное явление в мировом пространстве музыкальной культуры // Паёмномаи фарҳанг. 2012 г. №3 .С. 13.

Ба андешаи муаллиф арзёбии аҳамияти фестивали “Баҳористон” барои рушди фарҳанги мусиқии Тоҷикистон хело муҳим аст. Ин фестивал аҳамияти калони ҷамъиятиро касб намуд ва ба рушди, минбаъдаи санъати касбии мусиқии тоҷик таъсири мусбӣ расонид. Гузаронидани ин фестивал дар ҳамкорӣ бо ҷумҳуриҳои шарики он дар санъати мусиқӣ имконпазир гардид. Ба ғайр аз ин, дар байни мусиқанавозон аз нав робитае барқарор шуд, ки пас аз пош хӯрдани ИҶШС аз байн рафта буд. Мутаассифона, фестивали “Баҳористон” баъд аз соли 2011 дигар гузаронида нашуд.

Яке аз падидаҳои муҳим дар ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фестивали санъати тоҷик “Аржанг” мебошад, ки соли 2002[1] баргузор шуд ва дар он намудҳои гуногуни эҷодиёт, ба мисли эҷодиёти мардумӣ (кандакорӣ, ҳунармандӣ, заргарӣ, мусиқӣ), инчунин эҷодиёти муосири оҳангсозӣ ва рассомӣ. Барномаи фестивал аз намоишҳо, консертҳо, мизи мудаввар, вохӯриҳои эҷодӣ бо рассомон ва оҳангсозон иборат буд.

Солҳои 2004 ва 2009 дар шаҳри Душанбе ва соли 2006 дар шаҳри Кӯлоб фестивал-симпозиумҳои байналмилалии “Фалак” гузаронида шудаанд, ки дар онҳо санъатшиносон ва овозхонони маъруф аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон ширкат варзиданд. Аз нахустин фестивал ва симпозиуми байналмилалӣ дар мавзӯи: “Фалак” ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ”[2], ки соли 2004 дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон баргузор гардид, ёдовар шудан хеле ба маврид аст.

Ташкилкунандагони ин чорабинии мухим гурӯҳи эҷодӣ бо роҳбарии навозанда ва оҳангсози машҳури тоҷик А. Мусоев бо мусоидати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии шуъбаи тоҷикистонии Институти “Ҷамъити кушод” (Хазинаи Сорос, Маркази “Ҳамкорӣ ва рушд”) маҳсуб меёфтанд. Якчанд рӯз дар саҳнаи

---

[1]Нури вахдат – атрофи фестивали тоҷик “Аржанг”// Адабиёт ва санъат. 2002, 14 июн; “Аржанг” // ASIA-Pius.-2002.-23 май; Назарова Л. Гуногунранги фестивал “Аржанг” // Народная газета. 2002-12 июня.

[2] «Фалак» - анъана ва замони муосир // Шоми Душанбе. 2004. -2 апреля.

филармонияи давлатӣ тамошобинон имкон доштанд, ки бо анъанаҳои ҳунарии марбут ба минтақаҳои гуногуни санъати фалаки Тоҷикистон шиносоӣ пайдо кунанд.

Фестивал-симпозиуми "Фалак 2009", ки дар Душанбе баргузор гардид, дастаҳои мусиқиро аз Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва ҳамчунин аз Олмон, ИМА ва Россия сарҷам овард.[1] Симпозиумро иҷрокунандаи вазифаи муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон Ф. Азизӣ ифтитоҳ намуд, ки назари асосиашон тасвири мунтазами роҳҳои табдилёбии фалак аз жанри мардумӣ ба жанри касбӣ буд.

Ҷиҳатҳои назариявӣ ва эстетикии жанри фалак дар баромадҳо ва маърӯзаҳои профессор Л. Саката (ИМА), фарҳангшинос Ориёнфар (Афғонистон) ва мусиқашинос С. Каримова (Тоҷикистон) барраси гардиданд.

Дар ин ҷо овардани назару андешаҳои бархе аз коршиносону муҳаққиқон зарур мешуморем. Доктори илмҳои таърих, профессор А. Раҷабов дар баромади худ "Фалак ва мушкилиҳои омезиши он" доир ба масъалаҳои муҳимми дарки беҳамтоии фалак ва сайри таърихии он ибрози ақида намуд. Доктори илмҳои санъатшиносӣ, ходими илмии пешбари бахши назарияи мусиқии Институти давлатии санъати Россия Гюлткин Шамилли, ки дар Симпозиуми байналмилалии "Фалак 2009" иштирок кард, аз ҷумла изҳор намудааст: "Чӣ қадар ин ғайри оддӣ нанамояд, фалак ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фарҳанги мусиқии халқҳои Эронӣ мебошад, ки на танҳо ба ҷамъияти мусиқии васеи ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кам маълум аст, балки ба мутахассисони дигар низ, ки бо масъалаҳои донишҳои мусиқии шарқӣ машғуланд, кам маълум аст".[2]

Соли 2009 Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ фаъолияти худро пас аз таъмири пурра аз нав шурӯъ кард. 4 апрели соли 2009 консерти

---

[1]Шамилли Г. Фестиваль-симпозиум «Фалак-2009»: навстречу «Мелодии небес» // Музыка и время. 2010, №2 .С. 18-19.
[2]Шамилли Г. Фестиваль-симпозиум «Фалак-2009»: навстречу «Мелодии небес» // Музыка и время. 2010, №2. С. 18-19.

идона бахшида ба ин рӯйдод баргузор шуд. Дар барномаи консертӣ пораҳо аз операҳои “Туйи Фигаро” В. Мосарт, “Кармен Ж. Бизе ва “Трубадур” Ҷ. Верди садо доданд.[1]

Барои расонидани ёрӣ ба театр дирежёри итолиёвӣ Ҷ. Колелла даъват шуда ин консертро ба дараҷаи баланди касбият гузаронид. Ӯ тавонист кори оркестрро, ки ҳоло комил набуд, дуруст ба роҳ монад. Дар ин консерт ҳамчунин донишҷӯйии Консерваторияи миллии Тоҷикистон Ш. Усмонова, овозхон А. Тиман ва ҳамсаро Ҷ. Колелла баромад карданд. Агарчи устоди мусиқии италиявӣ ҳамагӣ як мавсим дар театр кор карда бошад ҳам колективи театр бо роҳбарии ӯ дастовардҳои зиёдеро соҳиб гардиданд.

Чунончи, ба туфайли серталабӣ ва меҳнати гарони сангини ӯ, муҳимтараш истедоди ӯ, касбияти сароядагон ва навозандагони оркестр хело беҳтар шуд. Ин боиси он гардид, ки консертҳои симфонӣ ва намоишҳои мусиқӣ бо қобилияти олии иҷроиш хело фарқ мекарданд. Ҷ. Колелла ба саҳнаи театр операҳои Ҷ. Вердӣ “Аида” ва Ҷ. Пуччини “Богема”-ро гузошта буд. Ба ғайр аз ин, ҳамон сол дар театр операҳои Ж. Бизе “Ҷуяндагони ҷавоҳирот” ва Ш. Сайфидинов “Рӯдакӣ” намоиш дода мешуданд.

Пас аз рафтани Ҷ. Колелла масъалаи дирежёрии оркестр ва ҷалб намудани дирежёри касбӣ, ки бе он ба саҳна гузоштани намоишҳо дар театр хело коста менамуданд, кори оркестр ба дараҷаи зарурӣ ба талабот ҷавобгӯ набуд. Соли 2010 дар саҳнаи театр операҳои гуногун ба маърази тамошо гузошта шуданд. Дар операи “Кармен” гӯё ки анъанаҳои деринаи сафарҳои ҳунарии солистонро эҳё намуда, қисми алоҳидаи асари бисёровозаро салисткаи Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Абайи Қазоқистон, Ходими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Қазоқистон барандаи ҷоизаи мусобиқаи байналмилалии вокалистони ба номи М. И. Глинка Сара Ишанова иҷро кард.[2]

[1] Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Парламенту страны 15 апреля 2008 г. // [Электронный ресурс] Режим доступа. http: // www. President.tj/ru/node/867
[2] «Кармен”- туҳфаи хуби наврӯзӣ // Адабиёт ва санъат. 2010, 1 апрел.

Соли 2011 шомҳои балет: гала-консерт бахшида ба ёдбуди М. Собирова баргузор гардиданд, ки дар онҳо рақосони рус – барандаи ҷоизаи мусобиқаи нахустини байналмилалии ҳунарпешаҳои балети ба номи М. Собирова Я. Казансева, ҳунарпешагон Ю. Сидорова, А. Пижов баромад карданд. Ҳамчунин шаби балет бо иштироки муҳассилини омӯзишгоҳи хореографии вилояти Перми Федератсияи Росия баргузор гашт.

Оркестри асбобҳои мусиқии миллӣ дар Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС сафарҳои ҳунарии зиёде дошт. Аммо танҳо баъд аз соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ барои ин дастаи ҳунарӣ сафарҳои ҳунарӣ ба хориҷи кишвар имконпазир гардиданд. Бори нахуст соли 2011 оркестр бо сарварии директори филармонияи давлатӣ М. Нуров, роҳбари бадеӣ А. Мусоев ва дирежёри асосӣ Д. Қурбонов ба ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар кард.[1] Дастаи ҳунарӣ дар ҷашни Наврӯз дар Теҳрон ширкат варзида, чор консерт нишон доданд. Дар барномаи консертии ин даста "Баҳори ман"-и оҳангсозон Я. Сабзанов ва З. Улмасов; "Рақси шарқӣ" А. Мусоев; шеъри П. Сулаймонӣ, мусиқии О. Ҳошим "Моҳи наврузӣ"; "Рапсодия" Б.Зейдман; оҳанги классикӣ "Гулу гулзорам"; "Builtin"-и С. Ҳамроев суруди халқии "Чархофалак" дар коркарди М. Муравин садо доданд.Ба ин тариқ, дар Созишномаи миёни вазоратҳои фарҳанги Федратсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар санаи 19-уми сентябри соли 1995 ба имзо расидааст, чунин оварда шудааст: "Тарафҳо тибқи қонунгузории миллӣ барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи санъати мусиқӣ, театрӣ, кинематография, санъатҳои ҳаваскорон ва эстрада, тарғиб намудани иншооти мероси таърихию фарҳангӣ шароити мусоидро фароҳам меоранд."[2]

Тибқи ин ҳуҷҷат Федратсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дуҷониба сафарҳои ҳунарии дастаҳои сарояндагӣ,рақсӣ, театрӣ, фолклорӣ

---

[1] Карим М. Созҳои сарҳадгузар // Мароми пойтахт. 2011, 20 апрел.

[2]Бойгонии ҷории вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷузвдони муносибатҳои шартномавӣ. С. 2-5.

ва сарояндагони ҷудогона ва фестивалҳоро ба роҳ мемонанд. Рӯзҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои дигар сурат гирифта ва гузаронидани чунин чорабиниҳо минбаъд идома меёбад.

Дар вақти Рӯзҳои фарҳангии Федратсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2004, ки оғози ботантанаи ин рӯзҳо дар шаҳри Душанбе, дар толори "Кохи Борбад" баргузор гардида буд[1], дар тӯли чанд рӯз гурӯҳҳои пешбари мусиқӣ ва сарояндагони ҷудогонаи Россия бо барномаҳои рангину ҷолиб баромад карданд.

Ба ғайр аз ин, консертҳои ансамбли рақсии "Русские сезоны», ("Мавсимҳои русӣ") гурӯҳҳои эстрадии "Отпетые мощенники" квартети, "Московская балалайка" ("Балалайкаи москвагӣ") баргузор гардида буданд, ки асоси репертуари онҳоро сурудҳои халқии русӣ ва навъҳои рақсҳои қадимаи "вале" ва "романе" ташкил медоданд. Ҳунармандони Россия дар дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ – Қурғонтеппа (Бохтар), Норак ва Турсунзода ҳам бо муваффақият ҳунарнамоӣ мекарданд. Бори дуюм Рӯзҳои фарҳанги Россия дар Тоҷикисттон дар моҳи октябри соли 2010 баргузор гардиданд.[2] Дар консертҳо пианинанавоз Ю Розум, сарояндаи Театри калони Москва С. Белокон, сарояндаи театри "Новая опера" С. Тарасов, аркестри асбобҳои халқии "Баян" ва ансамбли "Россия" ба номи Л. Зикина ҳунарнамоӣ карданд.Дар соли 2005 дар шарҳи Москва Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.[3] Беҳтарин саҳнаҳои пойитахт ва дигар шарҳҳои Россия дар ин рӯзҳо дар ихтиёри ҳунармандони Тоҷикистон гузошта шуда буданд.

Маросими ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар саҳнаи филиали Театри калон баргузор гардид. Дар ин ҷо сарояндагони Театри опера ва

[1]Шоми Душанбе.- 2004.-9 апрел; Ш. Аҳмадзода Армуғони санъати рус // Садои мардум. 2004, 10 апрел; Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Русия дар Тоҷикистон // Садои мардум. 2004, 15 апрел; Муносибатҳои халқҳо аз муносибати одамон вобаста аст // Народная газета. 2004, 14-уми апрел; Ахмедова Е. Консерти "Сурудҳои собиқ"-ро хуб пазирои карданд // ASIA-Pius.-2004, 15-уми апрел; И. Стрех. Пулҳои дӯстӣ // Народная газета. 2004, 15-уми май.
[2]Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон // Барномаи гузаронидани Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 то 11-уми октябри соли 2010.
[3]Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон // Барномаи гузаронидани Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия аз 6 то 8-уми октябри соли 2005.

балети ба номи С. Айнӣ А. Мирраҷабов, Р. Дуллоев, М. Достиев, инчунин ансамблҳои рақсии “Зебо” ва “Гулрез” ҳунарнамоӣ карданд. Дар сатҳи пойтахти ду кишвар дар соли 1997 Рӯзҳои фарҳангии Душанбе дар Москва бахшида ба 850-солагии шаҳри Москва баргузор гардидаанд.[1]

Дар соли 1998 Рӯзҳои фарҳанги Москва дар Душанбе баргузор гардида буданд. Дар пойтахт консертҳои Муслим Магамаев, Людмила Рюмина, Анастасия Юлиана, Олег Газмонов, Балетаи русӣ, ансанблҳои “Доктор Ватсон”, “Барабанчиҳо” баргузор гардиданд. Дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ намоишномаи “Гуд бай Амерка”-и Театри тамошобини ҷавони Москва намоиш дода шуд. Консерти сарояндагони Театри калон Т. Ерастова ва Ҳунарманди шоистаи Россия П. Глубокий бо муваффақият баргузор гардид.[2]

Соли 2004 дар Тоҷикистон бо тантана 80-солагии шаҳри Душанбе таҷлил гардида буд. Дар чаҳорчӯбаи барномаи фарҳангӣ, ки барои таҷлили солгарди пойтахт тартиб дода шуда буд, сафари ҳунарии Театри калон бо иштироки сарояндагони варзидаи опера ва балет ва оркестри симфонӣ таҳти роҳбарии Александр Титов сурат гирифт. Ҳунармандони Москва порчаҳо аз балетҳо ва опера манзури тамошобинон гардонда шуданд.[3] Тавре ки дар матбуот дарҷ гардид, мусиқии оҳангсозони рус ба сатҳи баланди касбии худ фарқ мекард, ки дар Театри академии опера ва балет ба номи С. Айнӣ кайҳо ба фаромӯшӣ супорида шудааст.[4] Соли 2007 дар Рӯзи байналмилалии мусиқӣ дар шаҳри Душанбе консерти яккаи пионинонавози филармонияи Москва, дорандаи ҷоизаҳои озмунҳои байналмилалӣ, ҷоизаи ҷавони “Триумф” Е. Мечетина баргузор гардид. Номбурда дар ин консерт сонатаҳои Ф. Шопен, С.Прокофев, инчунин асарҳои Т. Шаҳидӣ “Сонатҳои нав”, ки муаллиф онро ба С. Арзуманов,

---

[1]Барномаи консерт. Бойгонии шахси Н. Нурҷонов, март, 1997. Рӯзҳои фарҳанги Душанбе дар Москива // Ҷумҳурият. 1997. 12-уми апрел.

[2]Кушодашавии Рӯзҳои фарҳангии Москва дар Душанбе // Вчерний Душанбе. 1998, 21-уми март; В. Подвислова. Фаъолияти театр дар арафаи Наврӯз // бизнес и политика. 1998, 21-27.

[3]Театри калон дар Тоҷикистон // Народная газет. 2004, 7. Ноябр;Аҳсан, Россия! // ASIA-Pius. 2004. 25-уми ноябр.

[4]Назарова Л.Бозгашти тӯлонии робитаҳои қавӣ // Народная газета. 2004, 8-уми декабр.

пионинонавоз аз Тоҷикистон бахшидааст ва ангора- тасвирҳо барои фортепиана “Суфӣ ва Буддо”, “Бозии нард”-ро иҷро карда буд.[1]

Рӯзҳои 18-19–уми сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе Анҷумани 3-юми зиёиёни илму эҷодкори давлатҳои ИДМ баргузор гардид. Дар барномаи фарҳангии анҷумани мазкур пионинонавози машҳури ҷаҳонӣ Денис Матсуев бо Оркестри симфонии ҷавонони ИДМ таҳти роҳбарии Юрий Симонов баромад карда буд.[2] Дар барнома Увертюра ба “Эгмонт”-и Бетховен ва консерти дуюми фортепеанно С. Рахманинов навохта шуда буданд. Шунидани мусиқии академӣ дар иҷрои мусиқанавози машҳури ҷаҳон ба мисли Д. Матсуев барои шунавандагони тоҷик хело писандида буд. Аз ин рӯ, ин консерт яке аз ҳодисаҳои дурахшон дар ҳаёти мусиқии пойтахт ба ҳисоб меравад.

Аз ҳамкориҳои хориҷии ҳунармандони соҳа хотиррасон шуда, гуфтан ҷоиз аст, ки дар ин давра дар Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии кишварҳои дигар ҳам баргузор гардида буданд, ки дар барномаи худ мусиқии халқӣ ва касбиро пешниҳод карда буданд. Масалан, соли 2007 дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Белорус баргузор гардиданд. Чорабиниҳои фарҳангӣ дар толорҳои консертии “Кохи Ваҳдат”, “Кохи Ҷомӣ” баргузор гардиданд.[3]

Соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон гузаронида шуданд. Дар шаҳри Душанбе дар толори “Кохи Борбад” ҳамоиши ботантана бахшида ба оғози Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон дар Тоҷикистон ва консерти устодони санъати Қазоқистон баргузор гардиданд.

Инчунин намоиш бо номи “Мероси халқҳои бузург” кушода шуд, ки дар он санъат ва ҳунарҳои мардумии Қазоқистон ба маърази томошо гузошта шуданд. Дар консерт гурӯҳҳо ва ҳунармандони зерин ҳунарнамоӣ кардаанд: ансамбили рақсии “Салтанат”, гурӯҳи “Ултау”, сарояндагон: Э.

---

[1]Мансурхоҷаев М.Қудсияти мусиқии муҳаббат// Народная газета. 2007, 10-уми октябр; Екотерина Мичетина меҳмони мо// Адабиёт ва санъат. 2007, 4 октябр.
[2]Дебюти оркестри ҷавонон. www muzcentrum. ru. «Новости» 09. 2008.
[3]Мансурхоҷаев М. Сурудҳои белорусӣ дар Тоҷикистон садо медиҳанд // Народная газета. 2007, 8-уми август.

Карболина, Е. Шукуманов, А. Тоҷибоева, П. Назаров, ки зодаи Тоҷикистон буда, тарбияи ватан ба эҷодиёти ӯ бетаъсир намондааст.[1] Дар солҳои гуногун дар Тоҷикистон рӯзҳои фарҳанги Озарбойҷон, Туркманистон, Хитой, Ҳиндустон баргузор гардидаанд ва дар навбати худ дар ин кишварҳо ҳам Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд. Соли 2010 дар Душанбе, дар толори "Кохи Борбад", бахшида ба 65-солагии ғалаба бар Олмони фашистӣ Анҷумани байналмилалии мусиқӣ баргузор гардид. Дар консерт ҳунармандони Россия Л. Леменко, Варвара, Л. Кайкуле, С. Павлиашвили, Т. Повалий ва ансамбли "Сивара" ширкат варзидаанд.[2] Ба ин тариқ, рӯзҳои фарҳангӣ ва анҷуманҳои байналмилалии мусиқӣ на танҳо дар барқарор намудани робитаҳо ва анъанаҳои аз байнрафтаи миёни ҷумҳуриҳо нақши муҳим мебозанд, балки ҳодисаҳои аҳамиятнок дар ҳаёти мусиқии Тоҷикистон ҳам ба шумор меравconfigure. Ҳамин тавр, ду маротиба пайи ҳам дар солҳои 2010 ва 2011 дар Душанбе Анҷумани байналмилалии мусиқии "Осмони давлатҳои муштаракулманофеъ" гузаронида шуд, ки дар он сарояндагони ҷавони сурудҳои эстрадӣ аз кишварҳои ИДМ ҳунарнамоӣ кардаанд.[3]

Боиси зикр аст, ки Тоҷикистонро дар ин анҷуман ғолиби озмуни байналмилалии "Панҷ ситораи Интервидение", ки соли 2008 дар шаҳри Сочи гузаронида шуда буд, Т. Ниёзова намояндагӣ кард.[4]

Тибқи шартҳои озмуни мазкур озмун бояд дар кишвари ғолиб гузаронида шавад, вале бо сабаби он, ки дар Душанбе барои гузаронидани озмуни байналмилалии чунин сатҳ имкониятҳои техникӣ мавҷуд набуданд, тасмим гирифта шуд, ки дар ин ҷо анҷумани "Осмони давлатҳои муштаракулманофеъ" гузаронида шавад.[5]

---

[1]Мансурхоҷаев М. Санъати баланди Қазоқистон. // Народная газета. 2008, 29- Октябр.
[2]Фестивали байналмилалии мусиқӣ // Адабиёт ва санъат. 2010, 29 - апрел.
[3]Бандишоев Т, Ниёзова Т. Ман худам не, балки аз тамоми Тоҷикистон намояндагӣ кардам // Народная газет. 2008, 8-уми сентябр; Мустафоева Л. Таҳмина Ниёзова .- овози тиллои Тоҷикистон //Согдийская права. 2008, 9-уми сентябр.
[4]Тоҷидинов А. Анҷумани Осмони давлатҳои муштаракулманофеъ. // Вечерний Душанбе. 2011, 2-юми июл.
[5] Дубинина Л. Консерти Иосиф Кабзон дар Душанбе. // Народная газет. 2007, 28-уми ноябр.

Соли 2007 дар шаҳри Душанбе дар толори консертии “Кохи Борбад” консерти ҳунарманди мардумии ИҶШС Иосиф Кабзон баргузор гардид.

Бояд тазаккур дод, ки барномаи консертии ӯро сурудҳои солҳои ҷанг, романсҳо, сурудҳои оҳангсозони рус ва шӯравӣ ташкил медоданд. Дар худи Тоҷикистон фарҳанги мусиқии рус ҳеҷ вақт ба гӯшаи фаромӯшӣ дода нашудааст. Чунончи, дар назди Донишгоҳи славянии Русияю Тоҷикистон дар соли 1997 ансамбли фолклории “Славяне” таъсис ёфт, ки ташкилкунандагон ва роҳбарони бадеии он мутахассисони касбӣ Е. Кибо ва З. Султонов гардиданд. Ба барномаҳои он сурудҳои қариб ҳамаи халқҳои собиқ ИҶШС: русӣ, украинӣ, белорусӣ ва ғайра дохил карда мешаванд.

Сатҳи касбии ансамбли мазкур хело баланд аст ва ин ба он имкон медиҳад, ки дар консертҳои ҳукуматӣ бахшида ба пазироии шахсони давлатӣ дар Тоҷикистон, дар вохӯриҳои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Аврупо ва Осиё, таҷлили рӯзҳои Конститутсия ва Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кунад. Моҳи октябри соли 2007 ансамбли мазкур соҳиби ҷоизаи нахустин Анҷумани байналмилалии ҳамватанони хорҷии россиягӣ бо номи “Суруди русӣ”, ки дар шаҳри Москва гузаронида шуда буд, сарфароз гардид.[1] Дар шаҳри Хуҷанд ҳамасола гузаронидани анҷуман- озмуни “Суруди русӣ”, ки дар он дастаҳои ҳаваскорон ва ҳунармандони касбӣ ҳунарнамоӣ мекунанд, ба ҳукми анъана даромадааст.[2]

Дар даҳсолаҳои мавриди омӯзиши мо дар Тоҷикистон гузаронидани анҷуманҳои байналмилалии мусиқии ҷазз бо ҷалби мусиқачиён аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС вусъати хело калон пайдо кардааст.Чунончи, бо ибтикори Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии молиявии Дафтари швейтсариягӣ доир ба ҳамкорӣ ва рушд ва Маркази фарҳангии “Бохтар” анҷумани ҷазз

[1] Ҳасанова М. Ҳамкории фарҳангии Тоҷикистону Россия дар мисоли фарҳанги мусиқӣ солҳои (1991-2011) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2016, №3/1.С. 94.
[2] Подчоева М.”Суруди русӣ-иди маънавӣ.” // Сагдийская правда. 2009, 30-юми сентябр.

арпо гардид, ки дар он гурӯҳҳои ҳунарии ватанӣ “Авесто”, “Мизроб”, мусиқачиён А. Бақоев ва Ҷ. Халилов ширкат варзиданд.[1]

Дар рӯзҳои анҷуман намудҳои зиёди мусиқии ҷазз, аз қабили этно, фолк, фюжн, рок, классика ва ҳатто шашмақом садо медоданд.

Фарҳанги миллии худро дар доираи ҷазз, ба ғайр аз гурӯҳҳои тоҷикӣ боз гурӯҳи ҷазз-роки туркманӣ “Арванӣ” ва озарӣ “Caspian jazz Croup” нишон додаанд. Вале гурӯҳи “Чормағзҳои намакин” аз Қирғизистон ҳамосаи миллии худро хело возеҳ баён кард. Ансамбли ҷазии “Арсон” аз Ӯзбекистон, ки соли 1954 ташкил карда шудааст, на танҳо куҳантарин дастаи мусиқӣ дар ин анҷуман, балки дар тамоми Ӯзбекистон ба шумор меравад. Тайи солҳои мавҷудияти худ, ҳайати ин ансамбл чандин бор иваз шуд, вале ҳар як ҳайати нав мухлиси ҷаззи анъанавӣ боқӣ монд, гарчанде кӯшиш мекарданд, ки дар эҷодиёти ҷаззи худ баъзе тағйиротро ворид намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки аз соли 2007-ум сар карда ҳамасола дар шаҳри Хуҷанд бо ташаббуси мусиқишиноси машҳури тоҷик Н. Ҳакимов ва бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Анҷумани байналмиллалии телевизиони бачагонаи “Донак” гузаронида мешавад.[2] Иштирокчиёни ин анҷумани бачагона аз Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон буданд. Онҳо маҳорати худро дар сурудхонӣ, рақс ва навохтани асбобҳои гуногуни мусиқӣ нишон доданд. Дар байни номгӯӣ ҳунарҳо барои жанрҳои анъанавии мусиқӣ ҳам ҷойҳои муҳим ҷудо карда шуд. Дар хотимаи анҷуман ба ҳамаи иштирокчиёни он дипломҳо ва тухфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон робитаҳои фарҳангии он бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки бо он тоҷикон таъриху забон, адабиёт ва санъати муштарак доранд, хело вусъат ёфтанд.

---

[1]Барномаи консерт аз бойгонии ҷории Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. 2009, 30-юми апрел.

[2]Мустафоева. Л. “Донак” бачагонро аз кишварҳои ИДМ қабул кард. // Сагдийская правда. 2010, 22-юми декабр.

Акнун мухлисони санъати мусиқӣ имкон пайдо карданд, ки навозандагону сарояндагони эрониро дар худи Тоҷикистон шунаванд. Ҳамзамон бисёре аз ҳунармандони машҳури тоҷик ва омӯзгорони соҳаи санъат ба шаҳрҳои Эрон сафарҳои ҳунарӣ доштанд ва шаҳрвандони он кишварро бо санъати тоҷик ошно, инчунин аз таҷрибаи ғановати омӯзгорони худ ҳамкасбони эрониашонро баҳраманд намудаанд. Дар тӯли чанд сол пионинанавози машҳур, хатмкардаи Консерваторияи шаҳри Москва ба номи П. Чайковский Дилбар Ҳакимова дар Теҳрон зиндагӣ мекард ва ба фаъолияти навозандагию омӯзгорӣ машғул буд. Номбурда даҳо шогирдони эрониро тарбия кард, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мактаби мусиқии шӯравӣ ба мисли пештара дорои касбияти олӣ буда, таблиғгарони зиёд дорад. Дар нахустин Анҷумани байналмилалии мусиқии бойгонӣ "Оҳангҳои орган", ки дар соли 2011 баргузор гардид[1], органнавозон аз Россия –профессор, ректори Консерваторияи миллии Қазон, Ҳунарманди мардумии ФР Рубин Абдулин ва профессори Консерваторияи давлатии Москва, Ҳунарманди мардумии ФР Любов Шишханова дар ин анҷуман иштрок намуданд. Консертҳои муаллифии ҷашнии Т. Шаҳидӣ дар саҳнаҳои байналмилалӣ гузаронида мешуданд.[2]

Масалан, соли 2006 шаби эҷодии ӯ дар Толори консертии ба номи П. Чайковскийи шаҳри Москва баргузор гардида буд.[3] Дар консерт Оркестри давлатии симфонии ба номи Е. Светланов, дирежёр А. Слукий, сарояндагон- Хибла Герзмова, Екатрина Мечетина иштирок ва ҳунарнамоӣ карданд. Нахустнамоишҳои асарҳои ӯ дар анҷуманҳои байналмилалии мусиқии муосир "Тирамоҳи Москва", "Аз авангард то рӯзгори мо" дар Санкт-Петербург, инчунин дар ИМА, Австрия, Олмон, Ҷопон, Эрон ва дар ҷумҳуриҳои ИДМ баргузор гардида буданд.

---

[1]Ашуров. Ш. Дар Душанбе симпозими "Муассисоти тақсимоти олии фарҳанг ва санъат дар фазои тақсимоти ҷаҳонӣ" мегузарад.// Азия-Плюс. 2011, 6-уми октябр.
[2]Оҳангсозон ва мусиқанавозони Тоҷикистон: Маълумотнома.- Душанбе, 2011. - С. 259.
[3]Абдуҷабборов А. Каприччио. - Душанбе, Деваштич, 2004.-138 с., Мусиқии Т. Шаҳидӣ дар толори консертии ба номи П. Чайковский садо дод // Народная газет. 2006, 14-уми июн.

Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки баъзе аз оҳангсозони тоҷик дар хориҷ аз кишвар зиндагию фаъолият мекунанд, вале дар ин сурат ҳам онҳо ҳамчун оҳангсозони тоҷик боқӣ мемонанд. Мутаассифона, на бо ҳамаи онҳо робитаҳои эҷодӣ барқарор шудаст. Дар анҷумани “Баҳористон”, ки дар соли 2011 гузаронида шуда ва ба мусиқачиён - ҳамватанони мо бахшида шуда буд, на ҳамаи он нафароне, ки тарки ватан карда буданд, тавонистанд дар он ширкат варзанд ва ҳамдиёронашонро бо эҷодиёти худ ошно намоянд. Аз ҷумла , нафароне, ки ба хориҷи кишвар муҳоҷират кардаанд, метавон Фирӯз Баҳорро ном бурд, ки аз соли 1996 дар кишвари Олмон зиндагию фаъолият доранд.

Вай муваффақона консертҳоро мегузаронад ва ба фаъолияти эҷодӣ машғул аст. Аз миёни асарҳои ӯ, ки дар хориҷ аз ватанаш эҷод кардааст, метавон, операи “Умари Хайём” (1993 - 1998), “Das Licht” (2001) барои хори омехта бо орган дар асоси матнҳои Инҷил ном бурд.[1] Оҳангсоз Алишер Латифзода дар ҳоли ҳозир дар ИМА истиқомат мекунад. Вай бомуваффақият фаъолияти оҳангсозиашро идома дода, оҳангҳои навро эҷод карда истодааст. Ин оҳангсоз аз тахаюли пурғановати эҷодӣ ва ҳамаи воситаи техникии мусиқии муосир бархӯрдор мебошад, ба эҷоди асарҳои мусиқӣ дар жанрҳои гуногун рағбати зиёд дорад.

Мусиқии ӯ асосан, хусусияти барномавӣ дорад. Аз миёни асарҳои ӯ метавон, “Толеранс” барои дирежёр, асбобҳои мусиқӣ, навори магнитафон ва барои ҳама (2002), барои фортепиано ва оркестри камеравӣ (соли 2003) ном бурд.[2]

Боиси зикр аст, ки оҳангсозу дирежёр, пионинанавоз, хатмкардаи Консерваторияи Москва Б. Юсупов дар Исроил муваффақона ба эҷодкорӣ машғул аст. Ҳангоми сафарҳои ҳунарӣ ба кишварҳои. ҷаҳон вай бо эҷодиёти худ санъати тоҷикро муаррифӣ ва тарғиб менамояд. Аз ҷумлаи асарҳои ҷолиби ӯ метавон, инҳоро ном бурд: “Танавор” барои най,

[1]Оҳангсозон ва мусиқанавозони Тоҷикистон: Маълумотнома. - Душанбе, 2011.- С. 45.
[2]Оҳангсозон ва мусиқанавозони Тоҷикистон: Маълумотнома. - Душанбе, 2011. - С. 43.

оркестри камеравӣ (1993-1994), “Нола” барои найҳои гуногун ва оркестри асбобҳои тордор (1997), Консерт барои тромбон, оркестри симфонӣ бо номи “Дашт” (2000), консерт барои алт бо оркестр (2003), “Ҳақиқат” барои кларнета, скрипка, влиончел, фортепиано ва тарелкаҳо.[1] Оҳангсоз, пионинанавоз ва дирежёр – ҳар се дар шахсияти як нафар тавъам омаданд ва ӯ имкониятҳои ҳамаи асбобҳои мусиқиро хуб медонад ва аз онҳо дар эҷоди асарҳояш моҳирона истифода мебарад.

Ногуфта намонад, ки семинари байналмилалии илмӣ дар мавзӯи “Фарҳанги мусиқии тоҷик дар ибтидои асри XXI афзалиятҳои рушд”, ки дар соли 1999 баргузор гардида буд, дар таъсиси Консерваторияи миллӣ дар Душанбе, Академияи мақом ва мибаъд дар рушди жанрҳои анъанавии мусиқии тоҷик, аз ҷумла шашмақом ва фалак нақши ҳалкунанда дорад. Дар кори семинар, ки онро Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи байналмилалии Борбад, Маркази байналмилалии фарҳанги халқҳои Шарқ (раиси он А. Раҷабов) ва филиали тоҷикистонии Институти “Ҷамъияти кушод” (Хазинаи Сорос) ташкил карда буданд, муҳаққиқони варзида аз Россия, Ӯзбекистон, Фаронса ва Тоҷикистон иштирок карданд.

Дар семинар масъалаҳои таърихи фарҳанги мусиқии тоҷикӣ, вазъияти ҳозираи мусиқии суннатӣ ва касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ва аз ҳама муҳим ва асосӣ дар фаъолияти семинари мазкур ин буд, ки дар он камбудиҳои ҷойдошта ва ҳолати ногувор дар ҳамаи соҳаҳои фарҳанги мусиқӣ, аз ҷумла, дар таҳсилоти соҳаи мусиқӣ ҷиддан ба миён гузошта шуданд ва барои ҳалли ин мушкилот тавсияҳо пешниҳод карда шуданд. Инчунин дар бораи ҷалб намудани таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаи ҷумҳурӣ ба зарурати таъсиси консерватория, доир ба тағйир додани муносибат ба мусиқӣ, бахусус,ба мусиқии анъанавии касбӣ ва амсоли инҳо дар ин семинар сухан рафт.

Ҳамчунин боиси зикр аст, ки дар солҳои охир тайёр намудани кадрҳои касбии соҳаи мусиқӣ берун аз ҷумҳурӣ аз нав ба роҳ монда шуд. Чунончи,

[1]Оҳангсозон ва мусиқанавозони Тоҷикистон: Маълумотнома. - Душанбе, 2011. - С. 43.

бо консерваторияҳои шаҳрҳои Екатеринбург ва Новосибирск доир ба таълими кадрҳои мусиқӣ аз Тоҷикистон шартномаҳо имзо шудаанд. Дар давраи ҳозира дар муасисаҳои таълимӣ ҷавонони болаёқат аз Тоҷикистон дар шуъбаҳои оҳангсозӣ, назарияи мусиқӣ ва навозандагӣ таҳсил карда истодаанд. Қобили зикр аст, ки дар Шӯрои диссертасионии Консерваторияи шаҳри Новосбирск соли 2009 Ф. Азизӣ рисолаи докторӣ ва дар Шӯрои диссертасионии Академияи мусиқии Россия ба номи Гнесинҳо А. Галиахметова рисолаи номзадиро бомуваффақият ҳимоя карданд. Дар давраи ҳозира берун аз қаламрави Тоҷикистон бисёре аз навозандагони асбобҳои гуногуни мусиқӣ, мусиқашиносон ва ходимони дигари фарҳанг фаъолияти касбии худро давом дода истодаанд ва натиҷаҳои хело хуб ҳам ба даст овардаанд. Чунончӣ, доктори илмҳои санъатшиноси, профессори Консерваторияи давлатии шаҳри Новосибирск ба номи М. И. Глинка, мусиқишинос М. Дрожжина дар давраи ҳозира дар консерваторияи мазкур кор карда истодааст.

Рисолаи номзадии ӯ дар мавзӯи “Полифония (бисёровозӣ) дар асарҳои мусиқии оҳангсозони Тоҷикистон"[1] дар Тоҷикистон таълиф шуда буд. Кори дигари таҳқиқотии ӯ бо номи “ Мактабҳои ҷавони оҳангсозии миллии Шарқ ҳамчун падидаи санъати мусиқии асри XX” замоне арзи ҳастӣ карда буд, ки муаллиф алакай аз Тоҷикистон рафта буд.

Ин монография ба омӯзиши падидаи мактабҳои ҷавони оҳангсозии миллии Шарқ дар сатҳи консептуалӣ бахшида шудааст. Ташаккули ин падидаи маҷмӯ ва бисёрсатҳ яке аз роҳҳои нисбатан равшан вусъатёбанда ва дорои мушкилоти рушди эҷодиёти оҳангсозӣ дар асри XX ба шумор меравад. Барои муаллифе, ки тақдири чор наслашон ба минтақаҳои шарқи собиқ ИҶШС алоқаманд буд, зикри мушкилоти мактабҳои оҳангсозӣ аз доираи манфиати холиси илмии касбӣ берун мемонданд. Вале ба ин солҳои таҳсил ва фаъолияти педагогӣ (М. Дрожжина дар он вакт дар Донишкадаи

---

[1]Азизӣ Ф. Мақом ва фалак ҳамчун падидаи эҷодиёти мусиқии суннатии тоҷикон: диссерт.- доктори санъатшиносӣ, -Новосбирск.-2009.

давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул буд), суҳбат бо одамони эҷодкор наҷиб, будубош дар муҳити овозии фарҳанги милии ғайриаврупоӣ ва билохира, кӯшиши дарки моҳияти ҳодисаҳо ва тағйироти бавуҷудомада сабаб шудаанд.[1] Шавқу рағбати М. Дрожжина ба мусиқии тоҷикӣ то ҳозир ҳам дар фаъолияти илмии ӯ, инчунин дар корҳои шогирдони сершумораш ҷойгоҳи хоса дорад. Чунончи, дар соли 2016 яке аз шогирдонаш – Полина Тончук дар мавзӯи “Фуга”[2] ҳамчун консепти умумии бадеӣ (дар мисоли силсилаи “Расмҳои рӯйи атлас”-и Ф. Баҳор) рисолаи номзадиашро бомуваффақият ҳимоя кард.[3] Номзади илми санъатшиносӣ, мусиқашинос – мутахассиси соҳаи сольфеджио Татяна Литвинова, ки ӯ ҳам фаъолияти меҳнатиашро дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода оғоз карда буд, дар давраи ҳозира ба ҳайси мутахасис – педагоги пешбар дар мактаби махсуси мусиқии назди Консерваторияи шаҳри Санкт-Птербург ба номи Н. Римский – Корсаков фаъолият менамояд. Дар асари ӯ “Селфеджио темберӣ”[4] (тембр обуранги садо; яке аз хусусиятҳои хоси овози мусиқӣ) нигоҳи хоси муаллиф ба масъалаи таълими ин фан инъикос ёфтааст.

Дар ин ҷо бояд илова кард, ки бори нахуст дар педагогикаи мусиқӣ Литвинова Т. А. методикаи бемисли инкишофи шунавоии тембериро таҳия кардааст, ки дар дастури таълимии “Селфеджио тембрӣ” ( қисми 1-дар асоси маводи мусиқии созӣ, қисми II - дар асоси маводи мусиқии овозӣ) инъикос ёфтааст. Доктори илмҳои санъатшиносӣ В. Юнусова дар кафедраи мусиқии Шарқи ДДСТ ба номи М. Турсунзода аз соли 1982 то соли 1991 ба таълим машғул буд. Дар давраи ҳозира номбурда профессори

---

[1]Галиахметова А. Хусусиятҳои молии ритмика дар миниатюраҳои скрипкавии оҳангсозони муосири Тоҷикистон: диссерт. номзади санъатшиносӣ, Москва.-2011.
[2] Дрожжина М. Бисёровозӣ (плифония) дар асарҳои созии оҳангсозони Тоҷикистон: автореф. диссерт номзади санъатшиносӣ .-1990.
[3] Мактабҳои ҷавони оҳангсозии миллии Шарқ ҳамчун падидаи санъати мусиқии асри XX.- Новосибирский, 2004.-С.4.
[4] Литвинова Т.Солфеджиои темберӣ. Дастури таълими барои инкишофи шунавоии темберӣ СПб: Союз худ, 2013. 140с.

Консерваторияи шаҳри Москва ба номи П. И. Чайковский мебошад. Соли 1995 рисолаи докториашро дар мавзӯи “Раванди эҷодӣ дар мусиқии классикии Шарқ” дифо намуд. Ба ҳайси иштирокчӣ ва роҳбар қариб дар 50 экспидитсияи мусиқию этнографӣ дар ҷумҳуриҳои Кавказ ва Осиёи Миёна ширкат варзид. Чандин бор бо маърӯза дар конфренсияҳои байналмилалии илмӣ баромад кардааст. Номзади илми санъатшиносӣ Э Гейзер баробари анҷоми дигар корҳои марбут ба тарғиби санъати тоҷик дар кишвари Олмон, конференсияи илмиеро таҳти унвони “Дар бораи робитаҳои таърихи дар фарҳанг ва санъати Олмон ва Тоҷикистон” ташкил кард, ки он дар моҳи июли соли 2005 баргузор гардид ва худаш дар ин конфренсия дар мавзӯи “Дар бораи робитаҳо миёни фарҳангҳои мусиқии Шарқ ва Аврупо” маърӯза кард.

Аз далелҳои боло бармеояд, ки дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг барои ривоҷу равнақи афкори мусиқии тоҷик чӣ дар дохил ва чӣ берун аз ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд.

Ба андешаи муаллиф дар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг, оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намуданд. Чорабиниҳои асосии фарҳангӣ: фестивал-озмунҳо, консертҳо ва сафарҳои ҳунарии дастаҳо ва ансамблҳои мусиқӣ муаррифгари афкори мусиқии миллии тоҷик маҳсуб меёбанд. Ҳамин тариқ, дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар дар самти равнақи афкори мусиқӣ ва тақвияти тахасуси мутрибон, эҷодиёти асарҳои мусиқӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд.

## 2.2. Омилҳои пешрафти мусиқии халқи тоҷик

Дар солҳои 90-уми асри XX мусиқии касбии тоҷик давраи мушкилро аз сар гузаронида, ходимони фарҳанг ва санъати мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ногувор ба сар мебурданд.[1] Онҳо наметавонистанд, ки ба касби дигар шуғл варзанд ва маҷбуран ҷумҳуриро тарк карданд. Аз аъзои Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон дувоздаҳ нафар муҳоҷират карданд.[2]

Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ мусиқинавозони касбӣ низ хело кам монданд ва иҷро намудани асарҳои оҳангсозон қариб ғайри имкон буд. Дар ин вазъият эҷодиёти оҳангсозӣ қариб аз миён мерафт. Бо вуҷуди он, ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда Ходими хидматнишондодаи санъати Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи ба номи А. Александров, профессор Абдуфаттоҳ Одинаев фаъолияти эҷодии худро давом медиҳад. Аз ҷониби ӯ дар солҳои 90-ум кантатаи “Аҳура Маздо” (1991), асари симфонии “Мавригӣ” (1993); оҳангҳо барои тенор, сопрано, хор ва оркестр барои шеърҳои шоирон Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Фаррухӣ, инчунин аз матнҳои паҳлавӣ ва авастоӣ истифода карда, кантатаҳо эҷод кардааст. Соли 1995 А. Одинаев барои флейта ва оркестри камеравӣ мақоми “Ироқи Дарвоз”- ро навиштааст.

Ҳамчунин дар ҷумҳурӣ оҳангсозон бештар дар жанри консерт эҷодиёти худро меофариданд. Ин оҳангҳо барои созҳои миллӣ навишта шуда буданд. Соли 1991 Т. Сатторов барои оркестр ва рубоб-бас консерт менависад, ки хело ҷолиб буда, истифодаи сози халқӣ дар оркестр чизи нав буд. Т. Сатторов аз байни оҳангсозони тоҷик аввалин шуда барои оркестри торӣ, арфа ва ғайра консерт менависад.

Вай дар ҳамин солҳо Консертҳои фортепианӣ ва ғиҷакӣ, Консерт-каприччио барои саксофон ва оркестри камеравӣ (1991-1999) эҷод

---

[1]Юлдашева М. Тенденции развитиямузыкального воспитания и оброзования в Таджикистане. – Душанбе, 1992. – С. 161.

[2]Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол / Муҳаррири масъул: В. М. Набиев. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 232 с., Ҳақназар Ш. Садои дили ромишгар. -Душанбе: Матбуот. 2005. – 55 саҳ.

кардааст. Маҳорати баланди эҷодӣ ва асарҳои эҷодкардааш Т. Шаҳидиро дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳур карданд.

Таъкиди он нукта лозим аст, ки вазъияти соҳаи саъати мусиқӣ дар соли 1999 онқадар хуб набуд, вале дастаҳои ҳунарӣ ва Филармонияи давлатии Тоҷикистон бо як ҳисси ватандӯстӣ, меҳру муҳабат ба фарҳанг ва касбияти худ ҳамеша талош менамудаанд. Дар ин вазъи ногувор ҳунармандон ба шароитҳои мавҷуда нигоҳ накарда, дар чорабиниҳои дар сатҳи ҷумҳурӣ ва берун аз он, баргузор гардида аз қабили рӯзи матбуоти Тоҷикистон ва Артиши миллӣ, иди занон, озмуни “Модари сол”, таҷлили Наврӯзи Аҷам, иди ғалаба, ҳаракати Ваҳдати миллӣ, таҷлили 1100-солагии Давлати Сомониён ва дигар чорабиниҳои ҷашнӣ фаъолона иштирок намудаанд. Ҳамчунин ҳамкории эҷодии ҳунармандон ва дастаҳои ҳунарӣ бо оҳангсозони ҷумҳурӣ идома ёфта дар ин давра асарҳои навҷӯёнаи К. Яҳёзода “Тоҷикистон” барои яккахон ва квортети торӣ, К. Ҳалимов “Оли Сомон”, барои ансамбли “Чаман”, “Дунёи ман , дунёи ту” барои ансамбли “Ҷавонӣ”, “Гулзор равам” барои ансамбли “Ганҷина” эҷод шуда, ба барномаҳои ҳунарӣ дохил карда шуданд ва ин ҳамкориҳо ҳоло ҳам идома доранд[1].

20-уми майи соли 1999 бори нахуст Оркестри асбобҳои халқӣ дар толори Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ таҳти роҳбарии сардрижёри он Ҳасанҷон Пиров барои тамошобинон консерт пешкаш намуд, ки дар барномаи консертӣ чанде аз ҳофизони шинохтаи ҷумҳурӣ ба монанди М. Эргашова, С. Билолов, Ҳ. Мӯминова, Б. Абдуллоев, Ш. Ҳошимова, З. Ризоева ва дигарон баромад кардаанд.

Соли 1999 дар ҳайати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ансамблҳои эстрадии “Гулшан”, ансамбли рақсии “Зебо”, ансамбли рақсии “Ҷаҳоноро” фаъолият менамуданд.

---

[1]Ҳисоботи солонаи Муассисаи давлатии “Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев” барои соли 2014

Ин нуктаро бояд арз кард, ки онҳо дар давоми сол 28 чорабинии калони фарҳангӣ нишон доданд, ки муҳимтаринашон ба муносибати таҷлили 1100 - солагии Далати Сомониён бо номи “Нури зиндагӣ” дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор гардида буд. Дар баробари дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳо санъаткорони Студияи бачагонаи рақсии “Зебо” дар фестивали байналхалмилалии “Кӯдакони дунё” дар шаҳри Истамбули Туркия ширкат карда, назокати санъати миллии халқи тоҷикро нишон додаанд. Ҳамчунин ансамбли рақсии “Ҷаҳоноро”бо даъвати Ҷамъияти саҳҳомии “Бодом” ба вилояти Суғд сафарҳои ҳунарӣ дошт ва он ҷо як силсила консертҳоро манзури тамошобинон гардонд. Ансамбли “Лола” ба ифтихори 1100-солагии Давлати Сомониён бо роҳбарии Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Мастона Эргашева ба вилояти Хатлон сафарҳои ҳунарӣ ташкил кард.

Дар ин ҷо гуфтан ҷоиз аст, ки соли 2006 дар ҷумҳурӣ 90 муассисаи таълимии мусиқӣ амал мекард (2 мактаби олӣ, 6 коллеҷ, 2 мактаб – интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ва 80 мактаби ибтидоии мусиқӣ). Дар ин муассисаҳо 13 ҳазор нафар таҳсил мекарданд. Консерти ҳисоботии Консерваторияи миллии Тоҷикистон, коллеҷҳои ҷумҳуриявӣ дар сатҳи баланди касбӣ доир гардиданд[1]. 20 нафар хатмкардаи Коллеҷи санъат ба номи А. Бобоқулов барои таҳсил ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон роҳхат гирифтанд. 6 нафар хатмкунандагони Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографӣ ба гурӯҳҳои рақсии Театри давлатии ба номи С. Айнӣ дохил шудаанд. Бахшида ба 1025-солагии мутафаккири бузурги тоҷик А. Сино дар мавзӯи “Абуалӣ ибни Сино ва мусиқӣ” конфронс баргузор гардид. Бо ташаббуси Иниститути “Ҷомеаи кушода” дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии илмӣ-амалии “Масъалаҳои эҳё ва рушди фарҳанги бадеии мардум” баргузор гардид. Дар кори конфронс

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005. // Баҳори Аҷам – 2006, 14 январ.

донишмандони Ҷумҳурии Исломи Эрон, Афғонистон, шарҳои Хуҷанду Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ ширкат доштанд.

Дар солҳои 2007-2008 дар ҷумҳурӣ 91 муассисаҳои фарҳанг ва санъат -2 мактаби олӣ - Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Консерваторияи милии Тоҷикистон, 6 коллеҷи фарҳанг ва санъат, 2 мактаб- интернати махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ, 37 мактаби ибтдоии санъат, 36 мактаби ибтдоии мусиқӣ фаъолият мекарданд.[1]

Бахшида ба 10 солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ моҳи июн даври аввали фестивали ансамблҳои оилавӣ зери унвони "Гули мақсуд" баргузор шуд, дар он 75 ансамбли оилавӣ ширкат варзиданд. Даври дуюми ин фестивал бо иштироки 13 ансамбли ғолиб аз ноҳияҳои гунонгуни ҷумҳурӣ ҷамъбаст гардид. Фаъолияти ин фестивал аз ҷониби шабакаҳои ТВТ ва ТВС пахш шуд ва беҳтаринҳо аз ҷониби вазорат бо тухфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Нуктаи мазкурро бояд қайд кард, ки дар соҳаи фарҳанг ва санъти мусиқӣ пешравиҳо ба вуҷуд омада, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, эҷодӣ ва санъати мусиқӣ беҳтар гардид. Чунончи дар солҳои 2008-2009 аҳли эҷоди санъати мусиқӣ, аз ҷумла Флармонияи давлатии ба номи А. Ҷураев 72 барномаи консертӣ барои 22 ҳазор нафар тамошобинон пешниҳод кардааст. Сафарҳои ансамблҳои ҳунарии Флармонияи давлатии ба номи А. Ҷӯраев дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар сурат гирифтанд. Ҳунармандони Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертӣ 46 намоишҳои консертиро барои тамошобинон пешниҳод намуданд. Кормандони МДСҲ "Базморо" дар корҳои ташкил ва гузаронидани Фестивали IV санъати давлатҳои узви СҲШ саҳми босазо гузоштанд. Дар шаҳри Хуҷанд бо ибтикори оркестри симфонӣ- эстрадии "Базморо" консерт нишон дода шуд, ҳамчунин консертҳои гурӯҳи "Шаҳзод" дар ноҳияи Ёвон баргузор шуданд.

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дарсоли 2008,- Душанбе: "Матбуот". 2008.- С. 89.

Ҳамзамон моҳи сентябри соли 2008 бахшида ба 10-солагии фаъолияти Дафтари шеветсариягӣ оид ба Рушд дар Тоҷикистон кормандони МДСҲ “Базморо” се барномаи консертиро баргузор намуданд, ки дар онҳо оркестри эстрадӣ-симфонӣ ва овозхонони машҳур Далер Назаров, Шабнами Сурайё ширкат доштанд.[1]

Тибқи маълумотҳои омории ҳамин солҳо аз ВМКБ ҳамагӣ 3 нафар, аз водии Рашт бошад ягон довталаб ба Консерваторияи милии Тоҷикистон ҳуҷҷат пешниҳод накардааст. Дар мактаб –интернати махсуси мусиқии ба номи М. Атоев ҳамаи синфхонаҳои таълими назарияи мусиқӣ ва таълими умумӣ аз таъмир баровардa шудаанд. Яке аз мушкилиҳои муассисаҳои таълимии фарҳанг ва санъат ин норасоии китобҳои дарсии соҳаи мусиқӣ ба забони давлатӣ ва кам будани луғатномаҳо дар фонди китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёфт.

Такиди он нукта лозим аст, ки дар кору фаъолияти муасисаҳои фарҳангии мусиқӣ баъзе мушкилиҳо ба чашм мерасиданд. Нарасидани техникаҳои ҳозиразамони саҳнавии тақвиятдиҳандаи овоз, равшанидиҳанда ва ғайра ба назар мерасид. Толори консертии Филармонияи давлатии Тоҷикистон пурра ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набуд, ки ин боиси дар сатҳи паст гузаронидани консертҳо ва кам шудани теъдоди тамошобинон мегардид. Дар фаъолияти муасиссаҳои таълимии фарҳангию мусиқӣ нарасидани китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ, махсусан дар соҳаи мусиқӣ, созҳои миллии ба талаботи соҳаи мусиқии касбӣ – кларнет, фагот, най ва ғайра ба чашм мерасид. Дар ҷумҳурӣ лабораторияи санҷиши созҳои мусиқӣ вуҷуд надошт, мутахассиси ҷургари фортепиано камчин буд.

Овардани маълумотҳо доир ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи дурнамои рушд барои санъати мусиқӣ, зарур мешуморем, ки дар солҳои 2008-2014 нақша-чорабиниҳоеро

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. - Душанбе: “Матбуот”, 2009.- С.90.

таҳия намудааст, ки анҷоми корҳои зеринро дар назар дошта буд: таъмини колективҳои мусиқӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, омӯзишгоҳҳои мусиқӣ бо асбобҳои мусиқии замонавӣ, техникаи овозӣ, дастрас намудани нотаҳои классикаи ҷаҳонӣ ва оҳангсозони тоҷик. Ба ғайр аз ин дар нақша-чорабиниҳои мазкур анҷоми чунин корҳо ба нақша гирифта шудаанд:

1. гузаронидани мактабҳои ибтидоии мусиқӣ ва мактабҳои санъат ба тобеияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ;
2. таҳия ва нашри маҷмӯаҳои мусиқӣ;
3. таҳия ва амалӣ намудани барномаи давлатии ба ҷумҳурӣ даъват намудани мутахасисони баландихтисоси соҳаи санъати мусиқӣ аз дигар кишварҳо;
4. омода намудан ва гузаронидани фестивали байналмилали сарояндагони опера;
5. гузаронидани озмуни байналмилалии балет ба номи М. Собирова;
6. гузаронидани фестивали байналхалқии сурудҳои эстрадӣ;
7. гузаронидани фестивали ҷумҳуриявии ҷавонони эҷодкор.

Ҳамин тариқ, нақша-чорабиниҳои мазкур бахри густариш додани фазои санъати мусиқии касбии тоҷик дар даврони истиқлолият аҳамияти калон дошт. Ин чорабиниҳо ва ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардиданд, ки санъати мусиқӣ рушд ёбад ва ба дастовардҳои эҷодӣ ноил гардад.

Дар соли 2008 дар Консерваторияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивали якуми байналмилалии оркестрҳои камеравӣ бо иштироки намояндагони Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон баргузор гардид. Толори калони консертии консерватория, ки дорои 250 ҷойи нишаст мебошад, барои гузаронидани он чорабини интихоб шуд. Ин муассисаи санъати мусиқӣ барои 17 ихтисос пас аз гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ иҷозатнома гирифт. Дар Консерваторияи шаҳри Маскав шаби эҷодии оҳангсози барҷаста, профессор Толиб Шаҳидӣ

бомуваффақият баргузор гардид. Дар Фаронса ҳунарнамоии мудири кафедраи мутрибони анъанавӣ А. Абдурашидов ва донишҷӯён Ҷ. Эргашев, Ш. Усмонова баргузр гашт. Дар ҳамин сол Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқуловро 25 донишҷӯ хатм карда, 9 нафар ба Консерваторияи миллӣ дохил шуданд. 10 нафари дигар барои кор дар мактабҳои мусиқии ноҳияҳои худ сафарбар гардидаанд ва ду нафар ба мактабҳои хориҷи кишвар дохил шудаанд.

Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи М. Атоевро 15 нафар хатм намуданд, ки аз онҳо 9 нафарашон барои таҳсил ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва 1 нафар ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода қабул шуданд, 1 нафар ба Консерваторияи давлатии Екатренбург аз рӯи ихтисоси фортепиано ба таҳсил фиристонида шуд.

Аз 5 нафар хатмкунандаи мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи З. Шаҳидӣ 3 нафар ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон қабул шуданд.

Коллеҷи санъати Хуҷанд ба номи С. Ҳофизро 49 нафар хатм кард, ки аз онҳо 4 нафар ба Консерваторияи милии Тоҷикистон дохил шуда, 3 нафар барои таҳсил ба Россия ва Қазоқистон рафта аз рӯйи ихтисосҳои фортипиано, гобойнавозӣ таҳсилро идома доданд. Дар соли 2008 ба муассисаҳои таълимии тобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 1060 нафар қабул шудааст, ки аз онҳо 914 нафар шуъбаи рӯзона ва 160 нафар ба шуъбаи ғоибона дохил шудаанд[1].

Гуфтан лозим аст, ки соли 2011 ҳайати эҷодии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев 149 маротиба барои беш аз 46 ҳазор тамошобинон барномаҳои консертиро бо иштироки ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон нишон додааст. Дар барномаи консертии иди байналмилалии “Наврӯз”, Фестивал симпозиуми байналмилалии “Шашмақом” ва дигар

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. - Душанбе: “Матбуот”, 2008. - С.80.

чорабиниҳои ҷашнӣ 114 ҳунарпеша иштирок намудаанд. Аз ҷониби Оркестри созҳои миллӣ 14 асари нав ва 62 суруду оҳанг ба мухлисон пешниҳод гардидаанд. Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертӣ 52 барномаи консертиро баргузор намуда ба 34 ҳазор тамошобин пешкаш намудааст. 33 ҳазор сомонӣ барои харидорӣ кардани асарҳои нави мусиқӣ ва либосҳои саҳнавӣ масраф гардидааст[1].

Ансамбили давлатии рақсии "Лола" ба номи Ғ. Валаматзода дар ноҳияи Рашт чор барномаи консертӣ барои кормандони НОБ-и "Роғун" ду барнома ва 20 барнома дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ намоиш додааст. Ин ансамбл бо барномаи ҳунарӣ дар доираи саммити сарони давлатҳои узви СҲШ дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳри Урумчӣ ширкат варзидааст.

Ансамбли "Базморо" дар шаҳру ноҳияҳои Хатлону Суғд барномаҳои консертиро баргузор намуд. Ҳамчунин дар баргузории Фестивалҳои байналмилалии "Парасту-2011"[2], "Наврӯз-2011", "Навои арғунун", симпозиуми 5-уми байналмилалии "Мактабҳои олии фарҳангу санъат дар фазои маърифати ҷаҳонӣ" ва ғайраҳо саҳми арзандаи худро гузошт. Дар солҳои 2011-2012 28 асари драммавӣ ва 34 асари мусиқӣ дар Шӯрои бадеӣ баррасӣ шуда, аз муаллифон харидорӣ гардиданд.

Бояд тазаккур дод, ки муассисаҳои эҷодӣ- консертӣ дар соли 2014 фаъолияти худро дар сатҳи баланд ба роҳ мондаанд. Ҳайати эҷодии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев дар чорабиниҳои зиёди ҷамъиятиву сиёсӣ барномаҳои рангини консертиро нишон додааст. Эҷодкорони ин муассисаи мусиқӣ дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва шаҳри Москави Россия иборат аз 35 суруд, 22 оҳанг, 10 рақс репертуари ҳунарӣ ташкил дода бо 60 барномаи консертӣ барои 41000 тамошобинон баромад намуданд.

Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодӣ ба беш аз 30 000 тамошобин 96 барномаи консертиро пешниҳод намудааст. Аз 42 асари пешниҳодшуда 30

---

[1]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011. - Душанбе: "Матбуот", 2010.- С.50.
[2]Фестивал-озмуни театрҳои касбии "Парасту – 2011" // Тоҷикистон. 2011, 28 март.

суруду оҳанги нави мусиқиву рақсӣ ба репертуар ворид шудаанд. Гурӯҳҳои иттиҳодияи мазкур ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва Суғд сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Дар ин давра ансамбили “Зебо” таҳти роҳбарии ҳунарпешаи халқии ИҶШС Зебо Аминзода барқарор карда шуд.

Аҳли эҷоди ансамбли “Сомон” барномаи нави консертиро таҳия намуда дар вилояти Хатлон сафари ҳунарӣ доштанд. Ансамбли давлатии хидматнишондодаи рақсии “Лола” ба номи Ғ. Валаматзода 21 ракс, 18 оҳанги наврo ба репертуар ворид намуда, 14 барномаи консертиро пешкаши мухлисон гардонид[1].

Тибқи маълумоти омории солҳои 2014-2015 дар ин солҳо 23 ансамбли тарона ва ракс, 12 ансамбли шашмақомхон, 6 филармонияи халқӣ фаъолият менамуданд.[2] Дар муассисаҳои фарҳангӣ 6865 нафар корманд фаъолият доштанд, ки 1694 нафарашон маълумоти олӣ доштанд. Вазорати фарҳанг дар охири сол 10 асари драммавӣ ва 37 асари мусиқиро харидорӣ намуд, ки аксари онҳо саҳнавӣ гардонида шуда буданд.

Боиси зикр аст, ки фаъолияти муассисаҳои консертӣ дар солҳои 2015-2016 тибқи ҳисоботи Вазорати фарҳаги Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баррасӣ карда шудааст: Аҳли эҷоди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев соли 2015 дар зиёда аз 90 чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намудааст. Бо сафарҳои ҳунарӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 11 маротиба ҳунарнамоӣ кардааст. Ҳамин тариқ муассисаи мусиқии мазкур 75 суруд, 15 оҳанг эҷод намуда, 10 рақси наврo таҳия кардааст. Дар тӯли соли 2015 аз ҷониби Оркестри созҳои миллӣ 8 асари мусиқӣ сабт гардидааст. Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертӣ дар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъол буда, дар фестивалҳои байналмилалӣ ширкат варзида ва 14 сафари ҳунарӣ анҷом дода, 92 барномаро ба беш аз 25 000 тамошобин пешкаш намудааст. Ансамбли “Сомон” бошад, дар шаҳру ноҳияҳои

---

[1]Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2015 // Баҳори Аҷам. 2006, 11 ноябр

[2]Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2015.- Душанбе: “Матбуот”, 2014.- С. 22.

кишвар 8 сафари ҳунариро анҷом дод. Ансамбли давлатии рақсии”Лола” ба номи Ғ. Валаматзода низ дар аксари чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намуд.

Боиси қайд аст, ки муассисаи ҳунарии давлатии “Базморо” дар чорабинӣ ба ифтихори пойтахти фарҳангии ИДМ эълон гардидани шаҳри Кӯлоб баргузоргардида саҳмгузорӣ намуд. Дар Фестивали байналмилалии созҳои зарбӣ дар шаҳри Мусқат (Уммон) ва дар ҷашни Наврӯз дар Қувайт ширкат варзиданд.

Мо чунин мепиндорем, ки сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан барои рушду нумӯи фарҳанги мамлакат равона гардида, маҳз тавассути зина ба зина дар амал татбиқ гардидани он фаъолияти муассисаҳои фарҳангии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ беҳтар ва дар ин замина маънавиёти ҷомеа баландтар гардид.

Ба андешаи муаллиф имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор дар самти татбиқи вазифаҳои азими стратегии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷомеа роҳ мепаймояд. Вобаста ба ин мақоми муассисаҳои фарҳангӣ ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғиби маҷмӯи донишҳои инсонӣ дар бунёди ҷомеаи нав беш аз пеш меафзояд. Мақсад аз баргузории Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Андалеб” намоиш додани дастовардҳои ҳунарию фарҳангӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда,баҳри дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ барпо гардидани он бояд тамоми муассисаву ташкилот, идораву корхонаҳо, инчунин ашхоси алоҳида саҳмгузор бошанд.

Соли 2000 бахшида ба ҷашнҳои 1100-солагии бузургдошти Давлати Сомониён ва 8-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон фестивал-озмуни умумиҷумҳуриявии “Андалеб” дар тамоми ноҳияҳо ва вилоятҳои мамлакат баргузор гардид. Ин чорабинии муҳимми фарҳангӣ дар рӯҳияи ифтихор аз мероси ниёгон, меҳанпарастӣ, ватандорӣ, донистани таърихи

миллат ва талош баҳри бунёд намудани давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ ба вуқӯъ омад.

Боиси зикр аст, ки фестивал-озмуни “Андалеб-2000” аз чорабиниҳои пешина бо он фарқ мекард, ки дар рафти он саросар консертҳо, намоишномаҳои театрӣ дар фазо ва рӯҳияи меҳанпарастӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ватандорию ватанхоҳӣ мураттаб мешуданд. Ин озмун дар ҷумҳурӣ дар се давра баргузор гашт. Даври якум дар ҳамаи 62 ноҳияи кишвар гузаронида шуд. Даври дуюум дар маркази вилояту водиҳо баргузор карда шуд, ки даҳо истеъдодҳои навро ба саҳна баровардаанд. Даври сеюм бошад, дар арафаи ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён бо иштироки беш аз 1,5 млн[1] нафар дар шаҳри Душанбе баргузор гардад. Ин фестивал ба чандин истеъдодҳои нав роҳи эҷодиро кушода, онҳоро ба тамоми тамошобинони ҷумҳурӣ муаррифӣ намуд.

Яке аз дастовардҳои фестивал-озмуни “Андалеб” он буд, ки 12 намоиши ҳунарӣ ба барномаҳои консертии ҷашнвораи ҷумҳуриявӣ ба ҳайси беҳтарин намишҳои фарҳангӣ ва санъатӣ пазируфта шудаанд.

Ба андешаи мо фестивал-озмуни “Андалеб” барои эҷод кардани арзишҳои нави маънавӣ мутобиқи ваҳдати миллӣ, айёми истиқлолият, болоравии сатҳи фарҳангии мардум, беҳбудии фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, дарёфти асарҳои арзанда ва кашфи истеъдодҳои нав ташкил карда шудааст. Даври аввали Фестивал-озмуни “Андалеб”-2001 дар вилояту водиҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд гузашт. Ба ин озмуни истедоду ҳунар аз ҳамаи минтақаҳои мамлакат беҳтарин ҳунармандон гирд омадаанд. Барномаи фестивал аз 16-бахш, яъне намоиши ҳунарҳои халқӣ, суруди умумӣ, навозиш, навозиши якка, латифа, суруди анъанавӣ, байтбарак, суруду рақсҳои халқҳои Тоҷикистон, суитаи умумӣ ва ғайраҳо иборат буд.

---

[1]Оиди фаъолияти (1999) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоду дархостҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2000-ум. - Душанбе, 2000.- С.13-14.

Ба ғайр аз ин, доварони озмун ба ободу зебо намудани муассисаҳои таълимии мусиқӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, таъмин намудани онҳо бо сару либоси саҳнавӣ, асбобҳои мусиқӣ, техникӣ диққати махсус зоҳир намудаанд.

Ҳамчунин ба пурра намудани китобхонаҳо бо адабиёти зарурӣ, иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг", зебову озода намудани хиёбонҳо, нигоҳ доштани ёдгориҳои асосии таърихии кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд.

Дар рафти баргузорӣ ва гузаронидани озмуни "Андалеб-2001" дар ҷумҳурӣ истеъдодҳои нав маълум карда шуданд, ки дар ансамблҳои гуногун ва самтҳои гуногуни санъат ҳунарнамоӣ мекарданд. Бояд гуфт, ки фестивал-озмуни телевизионии "Андалеб-2001" бо дастгирӣ ва кӯшишу ғайрати роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шаҳру навоҳии кишвар ташкил карда шуда, он ба як маъракаи бузурги фарҳангӣ табдил ёфта буд. Ин ҳама боиси пешрафти кори муассисаҳои фарҳангии тамоми вилоятҳо ва ноҳияю шаҳрҳои кишвар гардид.[1]

Соли 2004 дар шаҳри Кӯлоб расо як моҳ мусобиқаи ҷумҳуриявии осори мардумӣ "Андалеб-2004" ташкил карда шуд, ки дар ин фестивал 15 ноҳияи ҷумҳурӣ ширкат варзидаанд. Дар рафти кори озмун на танҳо мусобиқаҳои фарҳангӣ, санъатӣ, балки намоишҳои ҳунарҳои мардуми тоҷик ташкил карда шуданд. Ҳамин тариқ, барои мукаммал намудани тасаввуроти мардум нисбат ба мероси ғании миллати тоҷик ва дарёфт намудани чеҳраҳои нави фарҳанги мусиқӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ин падидаи шоён хело саривақтӣ буда, аҳамияти бузурги таърихӣ-фарҳангӣ дошт. Фестивали "Андалеб-2004" ба тамоми мардумони минтақаҳои Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки дар саҳнаи бузург бо ҳам мутаҳид шуда, баробар сатҳи фарҳангии худро ба кулли тамошобинон, мутахассисон, доварон матраҳ намоянд. Фестивал дар ду навбат сурат

---

[1]Орипов Ш. Парвози нави «Парасту" бо навои Андалеб. / Ш. Орипов. // Тоҷикистон 2001, № 5. С. 31.

гирифт. Шахсоне, ки дар даври якум ғолиб омаданд, ба даври дуюм гузашта, дар мусобиқаи шадид барои ба даст овардани ҷоиза ҳунарнамоӣ мекарданд.

Махсусан лозим ба баён аст, ки доварон дар муайян намудани ғолибони озмун масъулияти калонро ба дӯш доштанд ва дар натичаи муносибатҳои масъулиятнокии онҳо ба вазифаи худ ҳамаи ширкаткунандагони фестивал-озмуни “Андалеб -2004” ба фаъолияти худ баҳои сазовор гирифтанд. Ҳамаи ноҳияҳои кишвар бахри дар сатҳи лозимӣ гузаронидани чунин чорабиниҳои фарҳангӣ, ки минбаъд баргузор хоҳанд шуд, ба таври ҷиддӣ назар карда, дар ин самт корҳои зиёди эҷодӣ, барқароркунӣ, нигоҳдории санъат ва фарҳанги миллӣ анҷом доданд.

Қобили зикр аст, ки аз рафти фаъолияти фестивал-озмун маълум гардид, ки на ҳамаи дастаҳои ҳунарӣ ба таври бояду шояд тамрин намудаанд ва аксарияти мудирони шуъбаҳои фарҳанг барномаи дастаҳои ҳунариро тамошо ва кори онҳоро таҳлилу баҳогузорӣ накардаанд. Инчунин муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои вилоятҳо бо дастаҳои ҳаваскорон корҳои доимиро доир ба фаъолияти эҷодӣ, саҳнавӣ, ҳунарнамоӣ, ороиши онҳоро ба роҳ намондаанд. Аз ин лиҳоз доварон ба баъзе дастаҳои ҳунарӣ эродҳои ҷиддӣ гирифтаанд ва бахри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта маслиҳатҳои муфиди касбӣ доданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Андалеб” ба ҳукми анъана даромада, ҳамасола дар Тоҷикистон баргузор мегардад ва ҳангоми фаъолияти он ҳар чи бештар чеҳраҳои нави соҳаҳои гуногуни фарҳанг ва ҳунар пайдо мешаванд, ки мероси ғании ниёгон эҳё ва барқарор шуда, гуногунии фарҳанги мардуми тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

Қобили зикр аст, ки дар давоми сол чандин фестивал-озмунҳои гуногун чи дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он баргузор гардида, дар онҳо баромадҳои зиёде ба намоиш гузошта шудаанд. Яке аз ин фестивал-озмунҳо “Суруди Сомониён” мебошад, ки ба 1100-солагии давлати

Сомониён бахшида шуда ва дар шаҳру вилоятҳо ин фестивал-озмуни мазкур гузаронида шуд. Лекин аз сабаби нокифоя будани маблағ даври дуюми фестивал - озмуни мазкур гузаронида нашуд. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар озмуни байналмилалии “Садои Осиё”, ки дар шаҳри Алма-Ато шуда гузашт, дар озмуни байналмилалии мусиқии эстрадӣ дар шаҳри Ош, дар фестивали байналмилалии мусиқии “Шарқ тароналарӣ” дар консерти эстрадии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бахшида ба интихоби Президенти Ҷумҳурии Узбекистон беҳтарин ҳунармандони гурӯҳҳои эстрадӣ мисли Ҳ. Ҳайдар, Д. Қурбонова, гурӯҳи “Авесто” ва дигаронро фиристодааст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ба тамоми ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 нигоҳ накарда, намояндагони санъати мусиқӣ ба касбу кори худ хиёнат накарда, онро равнақ додаанд. Онҳо ба навиштани мусиқӣ дар ҳамаи жанрҳою самтҳои маълум таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асарҳо меофариданд. Асарҳои мусиқии онҳо тавассути радио, телевизион, дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ва дигар майдончаҳои мусиқӣ пахш ва шунавонида шудаанд. Аз ин рӯ мо бо эътимоди комил гуфта метавонем, ки ҳаёти мусиқӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳам қатъ нагардид[1].

Албатта, як замон ҳаёти мусиқӣ аз равнақ бозмонд, вале ҳеҷ гоҳ аз байн нарафт. Дар нигоҳ доштану ривоҷу равнақ додани санъати мусиқии касбии тоҷик бешак саҳми ходимони санъати мусиқӣ хело калон ва назаррас мебошад. Дар соли 2016 бо иқдоми бузург дар тӯли сол ҳайати Оркестри симфонии Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ пурра гардида, оркестри созҳои миллии ба номи А. Ҳамдамови Филармонияи давлатии Тоҷикистон, ансамблҳои “Зебо,” “Лола”, ансамбли эстрадии “Гулшан” аз нав барқарор гардиданд ва консертҳои тозаэҷодро баргузор намуданд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки истеъдодҳои ҷавонони соҳаи мусиқии касбӣ дар ҳайати нави Оркестри симфонии назди Дастгоҳи

---

[1]Абдулҳафизи Қ. Ҷило дар оинаи зиндагӣ. // Тоҷикистон – 2010, 23 апрел.

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта шуданд. Инчунин маҳфилҳои эҷодии Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Умар Зиёев ва Арбоби ҳунари Тоҷикистон, профессор, оҳангсоз Қудратулло Яҳёев баргузор гардидаанд.

Мо чунин мепиндорем далелу воқеаҳои таърихии кишвари соҳибистиқлоламон нишон медиҳанд, ки халқи санъатдӯсти мо ба ҳамаи мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ нигоҳ накарда баҳри ҳифз, нигоҳдорӣ ва равнақу ривоҷи санъати мусиқии касбии халқӣ кӯшишу ғайрат намудааст. Фарзандони фарзонаи миллат дар ҷодаи санъати мусиқии касбии тоҷик нагузоштанд чароғи ҳунари волои мусиқӣ дар замони бухрони сиёсию иқтисодӣ хомӯш шавад.

Зикри нуктаи мазкур муҳим аст, ки аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлолият корҳои зиёди ташкилӣ-амалӣ сурат гирифтанд. Ба чунин чорабиниҳои бузурги дорои аҳамияти таърихӣ-фарҳангӣ Фестивал-озмунҳои эҷодиёти халқ “Суруди Сомониён”, “Садои Осиё”, “Андалеб” ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки ба ҷалби ҳайати васеи ҳаваскорон ва ҳунармандони ҷумҳурӣ мусоидат карданд. Фестивалҳои байналмилалии “Парасту-2011[1]”, “Наврӯз-2011”, “Навои арғунун”, Симпозиуми 5-уми баналмилалии “Мактабҳои олии фарҳангу санъат дар фазои маърифати ҷаҳонӣ” ва ғайраҳо дар рушди санъати мусиқӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд. Ин буд, ки фаъолияти касбии ансамблҳои мусиқии “Сомон”, “Зебо”, “Чаманоро”, “Лола” ҷоннок карда шуда, дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он даҳҳо консертҳои эҷодӣ пешкаши тамошобинон гардонда шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки муассисаҳои таълимии мусиқии кишвар дар солҳои истиқлолият корҳои таълимӣ ва омодакунии кадрҳои

[1]“Парасту – значит ласточка”. // Народная газета, 24 апрел, 2013.

соҳибтахасусро боз ҳам инкишоф додаанд. Теъдоди муҳассилини ин муассисаҳо сол аз сол зиёд мешаванд[1].

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи маводи мухталиф доир ба масъала нишон дод, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санъати мусиқии касбии тоҷик диққати махсус зоҳир карда шудааст. Халқи санъатдӯсти тоҷик ба ҳамаи мушкилиҳои зиндагӣ нигоҳ накарда баҳри ҳифз, нигоҳдорӣ ва равнақу ривоҷ додани санъати мусиқии касбӣ кӯшишу ғайрат намудааст. Коршиносон ва санъаткорони санъати мусиқии касбии тоҷик нагузоштанд, ки чароғи ҳунари волои мусиқӣ дар фазои буҳрони сиёсию иқтисодӣ хомӯш шавад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлолият корҳои зиёди ташкилӣ-амалӣ гузаронида шуданд. Ба чунин чорабиниҳои бузурги дорои аҳамияти таърихӣ ва фарҳангӣ фестивал-озмунҳои эҷодиёти халқ шомиланд. Инчунин дар солҳои истиқлолият пас аз солҳои 90-ум ва оғози солҳои 2000-ум теъдоди ансамблҳои мусиқӣ зиёд гардида, барои фаъолияти онҳо ва таъминоти техникии онҳо ҳар чи бештар шароитҳои хуб муҳайё гардиданд. Фаъолияти касбии ансамблҳои мусиқӣ ҷоннок карда шуда, дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он даҳҳо консертҳои эҷодӣ ба маърази тамошо гузошта шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки муассисаҳои таълимии мусиқии кишвар дар солҳои истиқлолият корҳои таълимӣ ва омодакунии кадрҳои соҳибтахассусро боз ҳам инкишоф додаанд. Теъдоди муҳассилини ин муассисаҳо сол аз сол зиёд мешавад.

Бо вуҷуди ин дар самти мазкур мушкилиҳои зерин ҷой доранд:

1. Норасоии мутахассисони варзида дар баъзе соҳаҳои мусиқии касбии тоҷик;
2. Нокифоя будани таъминоти моддӣ –техникии муассисаҳои таълимии мусиқӣ ва ансамблҳои мусиқии касбӣ.

---

[1] Дастовардҳои фарҳангӣ // Баҳори Аҷам. 2006, 10 январ.

Ба андешаи муаллиф дар марҳилаи нави рушди давлату давлатдории тоҷикон таваҷҷуҳи бештар ба эҳё ва нигоҳдорию густариши афкори мусиқии халқи тоҷик зоҳир карда шудааст. Гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг барои ривоҷу равнақи афкори мусиқии тоҷик чи дар дохил ва чи берун аз ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Мероси ғании моддӣ ва маънавии санъати мусиқии тоҷик имкон дод, ки дар марҳилаи нави рушди ҷомеа ҳамаи жанрҳои мусиқӣ дар кишвар баробар рушд кунанд. Махсусан, жанрҳои классикии санъати мусиқии халқи тоҷик бештар дар маркази диққати аҳли ҳунар, эҷод ва кормандони фарҳанги кишвар қарор доштанд. Дар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намудаанд. Чорабиниҳои асосии фарҳангии муаррифгари афкори мусиқии миллии тоҷик фестивал-озмунҳо, консертҳо ва сафарҳои ҳунарии дастаҳо ва ансамблҳои мусиқӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тариқ, дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар дар самти равнақи афкори мусиқӣ ва тақвияти касбии мутрибон, эҷодиёти асарҳои мусиқӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд.

# БОБИ 3. ДИГАРГУНИҲО ВА НАЗАРИ НАВ ДАР СИНАМОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## 3.1. Вазъи умумии санъати синамои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар солҳои 1991-2016

Санъати синамо дар тарбияи маънавӣ ва ташаккули фарҳанги мардум мақоми хоса дорад ва чун санъати муосир минбари ташвиқот маҳсуб меёбад, ки тавассути он ақидаҳо ва назарҳои меҳанпарастона, инсондӯстона тарғиб карда мешаванд. Доир ба мавқеъ ва манзалати синамо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон қайд намудаанд: “Синамо чун ҷузъи асосии фарҳанги ҷомеа воситаи асосии тарғиб ва паҳнкунии идеологияи давлатӣ дар байни ҷомеа маҳсуб меёбад ва ягон намуди дигари санъат онро иваз карда наметавонад.”[1]

Бояд зикр кард, ки синаморо барои он санъати асосӣ мешуморанд, ки он хосияти оммавӣ дорад. Аз ин рӯ, ба ин соҳа бояд ҳар чи бештар диққат дода, аз он ба таври зарурӣ истифода кардан лозим аст. Дар замони шӯравӣ ба санъати синамо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд ва аз ин рӯ, он як аслиҳаи нерӯманди ташвиқоту тарғибот ба шумор мерафт. Бунёдгузори Ҳокимияти Шӯравӣ В.И. Ленин гуфта буд: “аз ҳамаи санъатҳо барои мо муҳимтаринашон синамо мебошад”[2] Синамои миллии тоҷик дар давраи Шӯравӣ, соли 1929 ба вуҷуд омад. Ҳамин сол бо саъю кӯшиши Василий Кузин, Артём Шевич, Николай Гезулин нахустин (кадр) қисмҳои синамои тоҷик бо унвони “Омадани аввалин поезд ба Душанбе” ба навор гирифта шуданд ва 16 октябр ба тамошобинон пешниҳод шуданд.[3] Таъйиноти техникии синамо пурқувват ва замонавӣ буда, ба талабот ҷавобгӯ буд. Филмҳои бадеии «Кисмати шоир», «Рустам ва Сӯҳроб», «Ашк ва шамшер»,

---

[1]Арабова Ш. “Таърихи кинематографияи тоҷик.” - Душанбе, 2014.- С. 201-217.
Воситзода М. Кинотеатрҳо кай эҳё мегарданд? / М. Воситзода. // Ҷумҳурият. 2012, 3 мая.
[2]Ахроров А. Санъати синамо. / А. Ахроров. - Душанбе: Ирфон, 1974. - С.5.
[3]Ахроров А. Дар ҳамон ҷо.С.56.

«Вохӯри дар дараи марг», «Дохунда», «Марги судхӯр» ва даҳҳо филмҳои дигари бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, таърихӣ ва детективӣ ба навор гирифта шудаанд.

Боиси зикр аст, ки филмҳои дар замони шӯравӣ ба навор гирифташуда имрӯз ҳам мавқеашонро аз даст надодаанд ва дар тарбияи меҳанпарастии насли наврас саҳми назаррасе доранд. Аксарияти филмҳои офаридашуда, ки дар байни тамошобинон маҳбубият пайдо кардаанд ва ба тамошобин ғизои маънавӣ медиҳанд, ба асарҳои адибони тоҷик - С.Айнӣ, С.Улуғзода, М.Турсунзода, П.Толис, Ф.Мухаммадиев, Т.Зулфиқоров ва дигарон мансубанд ва хусусияти тарбиявӣ доранд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар замони шӯравӣ Кумитаи киноматографияи назди Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон бо сохторҳояш-киностудияҳои “Тоҷикфилм” “Тоҷиккинотехника”, “Тоҷиккинопрокат” амал мекард. Танҳо дар киностудияи “Тоҷикфилм” 600 корманди эҷодӣ ва техникӣ дар се баст кору фаъолият мекарданд. Дар яке аз баромадҳояш раиси Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон Сафар Ҳақдодов роҷеъ ба рушди синамои тоҷик аз солҳои 80-ум то 90-уми қарни XX изҳор кард, ки: “Давраи аз ҳама сермасъултарини “Тоҷикфилм” солҳои 80-90 уми садаи XX буданд”, зеро аз ҳисоби буҷети Кумитаи киноматографияи ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон ҳамасола 4-5 филмҳои бадеӣ, 4 филми телевизионӣ, то 20-25 филми ҳуҷҷатӣ, 1-2 филми тасвирӣ (аниматсионӣ) ба навор гирифта шудаанд. Бо супориши Вазорати маориф то 4 филми таълимӣ ва бо супоришҳои дигар вазорату мақомоти ҶШС Тоҷикистон то 4-5 филм офарида шудаанд. Зиёда аз 50 филмҳои истеҳсоли шӯравӣ ва хориҷӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва дубляж карда шудаанд, ки 25% тамоми маҳсулоти бозори синамои ҶШС Тоҷикистонро ташкил медод.”[1] Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки солҳои 1980-1990 –ум синамои тоҷик ба марҳалаи нави рушд ворид шуд ва мунаққиди синамо Р. Дорайсвами дар мақолааш ин давраро “гулгулшукуфии синамои тоҷикӣ”[2] номидааст.

[1]Сангова Х. Синамо: дирӯз ва имрӯз. / Х. Сангова. // Ҷумҳурият. 2015, 15 октябр.
[2] Doraiswamy R. Tadjik dawn. / R. Doraiswamy. // Cinemaya. 1992, №13. 143.

Бояд ёдовар шуд, ки пештар саноати синамои Тоҷикистон ба саноати синамои Иттиҳоди Шӯравӣ такя мекард. Баъд аз барҳам хӯрдани давлати шӯравӣ синамои тоҷик оҳиста-оҳиста аз раванди рушд боз монд. Истеҳсоли мавод барои навор ва умуман, таҳияи филмҳои зарурӣ қатъ гардид. Маркази ягонаи истеҳсол ва ба бозори синамо пешниҳод намудани филмҳо аз байн рафт.

Бояд қайд намуд, ки ба кишвари мо зарур омад, ки бозори синамои худро ташкил диҳад, ки тамошобинро ба кинотеатр ҷалб кунад, то ки имконият пайдо кунад, ки ғизои маънавӣ гирад. Мо чунин мепиндорем, ки барои истеҳсоли синамо зарур аст, ки хароҷотро бо даромади иловагӣ пӯшонда, филми навро истеҳсол кард. Ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи санъати синамо таъсири сахти маънавӣ расонид.

Дар ин ҷо таъкиди он нукта лозим аст, ки дар даҳсолаи аввали истиқлолият ба барқароркунии киноматография аз ҷониби давлат маблағгузорӣ оғоз мешавад ва устодону мутахассисони ин соҳа дубора ба кору фаъолияти худ машғул гардиданд. Киноматографистони моҳир ба кишвар баргашта, ба навогирию истеҳсоли филмҳои нав пардохтанд. Аммо, мутаассифона, заминаи истеҳсолотӣ қариб вуҷуд надошт ва онҳо асосан навогиранда, камераҳо ва дигар техникаю таҷҳизоти заруриро бо худ меоварданд.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ синамои тоҷик бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид, ки ба он чандин омилҳо таъсир мерасонданд. Ба андешаи муаллиф ин, пеш аз ҳама қатъ гардидани маблағгузории марказии Кумитаи киноматографияи ИҶШС ва иқтидори заифи воситаҳои дохилии ҷойдошта, оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат ва оқибатҳои манфии он, суст шудани асосҳои қувваи кории мутахассисони синамои тоҷик, қатъ гардидани муносибатҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ доир ба офаридани филмҳо, воридоти мавод барои навори синамо аз корхонаҳои шаҳри Қазони ҶМШС Тотористон,

корхонаи Шосткински ҶШС Украина, дигар мавод барои навори филмҳо аз Москва ва дигар корхонаҳо маҳсуб меёбанд.[1]

Қатъ гардидани табодули озоди филмҳо байни кишварҳо соҳаи киноматографияи Тоҷикистонро ба вазъи бuҳронӣ дучор кард. Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992 - 1997 ба рушди минбаъдаи санъати синамо таъсири манфӣ расонидаанд. Ин соҳа ва ҳамчунин соҳаҳои дигари хоҷагии халқи мамлакат рӯ ба таназзул ниҳоданд.

Ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ аксари мутахассисоне, ки дар киностудияҳо кору фаъолият мекарданд, кишварро тарк намуда, дар мамлакатҳои дигар фаъолияти касбии худро идома доданд. Бештари наворбардорон, коргардонҳо, рассомон ва ҳунарпешагони “Тоҷикфилм” касбу кори худро монда ба машғулиятҳои дигар шуғл меварзиданд. Як гурӯҳи дигари ҳунарпешагон ба монанди Ҷ. Усмонов, Б. Худойназаров, В. Аҳадов, Р. Аҳадов, М. Юсупова, М. Қосимова аз ҳудуди ҷумҳурӣ баромада дар Украина, Фаронса ва Олмон фаъолияти кории худро идома медиҳанд.[2] Бо назардошти ин авзоъ “Тоҷикфилм” маҷбур шуд,ки воҳиди кормандони худро аз 550 нафар ихтисор карда то 130 нафар расонад. Кам шудани миқдори кормандони баландихтисос, ки дар муддати зиёда аз 10-15 сол омода мекарданд, ба соҳа зарбаи сахт расонд.

Гуфтан лозим аст, ки ба ҳамаи мушкилоти дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ҷойдошта нигоҳ накарда, коргардонҳои тоҷик бо имкониятҳои мавҷуда филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатиро ба навор гирифта ба тамошобинон пешниҳод намуданд. Вобаста ба мушкилоти иқтисодии киноматографияи тоҷик дар солҳои 1991-2000 кормандони соҳа истифода кардани видеоформатро вусъат доданд. Дар ин давра филмҳои силсилавӣ: «Тӯҳмат», (1992), А.Тураев ва «Қасоси пайғомбар», Ю. Юсупов ба навор гирифта шудаанд. Аз сабаби кам маблағгузорӣ шудани соҳа ва бо мақсади

---

[1]История таджикского народа. Том VI (Новейшая история) Глава VI – Душанбе: «Империал Групп», 2011. - С. 588-590.
[2]Фарзонаи Ф. Синамо ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад. /Ф. Фарзона. // Ҷумҳурият. 2014, 3 янв.

сарфаи воситаҳои мавҷуда наворгирии филмҳои калонҳаҷм дар киностудияи “Тоҷикфилм” қатъ мегардад. Ба қавли мутахассиси соҳа С. Азизова, дар солҳои 1997-1998 қарор қабул карда шуд, ки силсилафилмҳои видеоии иборат аз 6-8 қисм ба навор гирифта шаванд. Аммо баъди наворгирии ду филм «Ва ман ба пешвози бахт меравам» аз сабаби нарасидани маблағ қатъ гардид.[1] Ҳамин тариқ, аз сабаби буҳрони иқтисодии солҳои 1990-2000 ба навор гирифтани филмҳои кӯтоҳҳаҷм, ки сарфи камтари маблағро талаб мекарданд анъана шуда буд. Филмҳое, ки дар Тоҷикистон офарида шудаанд, бештар дар мавзӯъҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши ҷиноят ва ҷинояткорӣ эҷод шудаанд. Вале аз сабаби мавҷуд набудани маблағи кофӣ соҳа ба таври лозима инкишоф ёфта наметавонист.

Мо чунин мепиндорем сабаби дигар дар он аст, ки мутахассисони соҳа синамои тоҷикро ба ду қисм ҷудо намуданд. Яъне филмҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон офарида мешуданд ва филмҳое, ки хориҷ аз кишвар ба навор гирифта шудаанд. Дар кори ба навор гирифтани филмҳо ба забоҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ мутахассисон аз тамоми ҳудудҳои ИҶШС ширкат меварзиданд.

Қайд кардан зарур аст, ки баъди ташаккул ёфтани давлатҳои нави соҳибистиқлол вазъи кори соҳа ба тамом тағйир ёфта буд. Доир ба муносибат ва мавқеи ин ё он асару сюжаи пешниҳодшуда ба синамои кишварҳои мустақил баҳсҳо ба миён омаданд. Кӯшишҳои ба доираи манфиату мавқеи давлатӣ ворид намудани синамо норозигиҳо ва баҳсҳои зиёдеро ба бор меоварданд. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар синамогарони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ масъаларо роҷеъ ба мероси синамои шӯравӣ ҳаллу фасл мекарданд. Масалан, бойгонии умумииттифоқии синамо «Госфилмофонд» - бойгонии калонтарини филмҳо, ба шумор мерафт, ки дар хазинаи он филмҳои дар тӯли зиёда аз

[1]Азизова С. Таджикский кинематограф на рубеже XX и XXI веков. //Республика Таджикистан в годы независимости (1991-2011). Сб. материалов республиканской научной конференции (Душанбе, 28 октября 2011 г.). - Душанбе: РТСУ, 2012. С.126.

ним асри аз ҷониби киностудияҳои миллӣ офариашуда нигоҳ дошта мешуданд. Баъди соҳибистиқлол шуданаш ҳар як давлат ҳуқуқ дошт, ки бозгардонидани филмҳои худро талаб намояд. 25-26-уми августи соли 1993 дар «Госфилмофонд» -и Федератсияи Россия намояндагони он кишварҳое, гирд омада буданд, ки филмҳояшон дар ин бойгонӣ нигоҳ дошта мешуданд. Ҳамоиш қарор кард, ки коллексияи «Госфилмофонд» ғанимати фарҳангии арзишманде ҳаст, ки моҳияти ҷаҳониро касб кардааст. Хазинаи мазкур уҳдадор шуд, ки ба тамоми кормандони эҷодӣ, муаррихон, кормандони соҳаи синамо, донишҷуёни макотиби олии кишварҳои аъзо ва шарик барои истифодабарӣ аз коллексия шароити мусоид фароҳам хоҳанд овард. Аз ҷониби Тоҷикистон дар ин ҳамоиш директори кинстудияи “Тоҷикфилм” Р. Иноятова ширкат дошт.[1]

Зикри масъалаи дигари муҳиме зарур аст, ки кинематографистони собиқ ИҶШС ҳаллу фасл мекарданд, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф буд. Қайд шуда буд, ки ҳангоми ба маърази тамошо гузоштани ин ё он филм тавассути шабакаи телевизиони давлатӣ, шабакаҳои Россия ба муаллиф ҳаққи муаллифӣ пардохт мекунанд.

21-уми сентябри соли 1993 бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ дар Иссиққул (Қирғизистон) намояндагони 14 кишвари собиқ ИҶШС ҷамъ омада буданд ва дар ин ҳамоиш Ҳуҷҷати аудиовизуалии кишварҳои Авруосиёро ба имзо расонданд. Тоҷикистонро дар ин ҳамоиш директори киностудияи “Тоҷикфилм” Р. Иноятова ва котиби Иттиҳодияи киноматографистони Тоҷикистон А. Тӯраев намояндагӣ мекарданд.

Соли 1995 синамои ҷаҳонӣ 100-солагии ташаккулёбии киноматогирафияро ҷашн гирифт. Ин чорабини боиси муттаҳид шудани киноматографистони ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ мегардад.

Бо ин мақсад 9 декабри соли 1994 дар ҳамоиши сарони давлатҳои ИДМ барномаи муштараки чорабиниҳо доир ба киноматографияи миллӣ

---

[1]Текущий архив СК РТ. Решение Совещания представителей кинематографических организаций государств, чьи материалы хранятся в коллекции Госфильмофонда СССР. Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). М., 1997. С. 32-33.

вобаста ба 100-солагии синамои ҷаҳонӣ қабул карда шуд. Комиссияи ташкилӣ роҷеъ ба гузаронидани чорабиниҳо созмон дода шуд, ки ба ҳайати он директори “Тоҷиккино” С. Раҳимова ва раиси Иттиҳодияи киноматографистони Тоҷикистон А. Тӯраев шомил гардиданд. Барномаи муштараки чорабиниҳои киноматографияи миллӣ доир ба таҷлили 100-солагии синамои ҷаҳонӣ тасмим гирифт, ки ҳамасола дар пойтахтҳои кишварҳои аъзои ИДМ фестивали “Филмфест” ва семинарҳои 10-рӯзаи ҳарсоларо дар яке аз давлатҳои ИДМ барои киноматографистони ҷавон баргузор менамоянд.[1] Иттиҳодияи киноматографистон дар солҳои 90-уми асри XX на танҳо барои киноматографистони ҷавон семенарҳоро ташкил карда буд, балки беҳтарин корҳо ва нақшаҳои киноматографистони ҷавонро дар фестивалҳои синамои ғарбӣ пешниҳод кард.

Дар соли 1997 бо дастгирии конфедератсияи мазкур аз тариқи барномаи «Nipkow-program» коргардон Бахтиёр Худойназаров барои такмили таҷриба ба шаҳри Берлин Ҷумҳурии Федеролии Олмон фиристонида шуд.[2]

Зикр кардан ба маврид аст, ки Конфедертсияҳои Иттиҳоди киноматографистон ба тарғиби киноматографияи давлатҳои мустақил шурӯъ кард. Бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои муштаракулманофеъ аз 9 декабри соли 1994 форуми киноматографистони давлатҳои ИДМ, Латвия , Литва, Эстония ба нақша-чорабиниҳои ҳамкориҳои давлатҳои ИДМ дар соҳаи фарҳанг то соли 2011 дохил карда шуданд.

Дар ин форум дастовардҳои соҳаи киноматография нишон дода шуданд.[3] Бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ аз 19 январи соли 1996 дар бораи ташкил намудани кинофестивали байналмилалии кишварҳои

---

[1]Текущий архив СК РТ. «Фонд 100-летия мирового кино» от 9 декабря 1994 г.; Программа совместных мероприятий национальных кинематографий в связи со 100-летием мирового кино. /Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). М., 1997. С.39-43.
[2]Текущий Архив СК РТ. Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). -М.,1997. С.87-88.
[3] Текущий Архив СК РТ. Форум национальных кинематографий стран СНГ и Балтии. /Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). - М.,1997. С. 21-83.

ИДМ кинофестивалҳои умумииттифоқӣ, ки дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо навбат гузаронида мешуданд, аз нав барқарор шуданд. Чи тавре, ки дар ҳуҷҷатҳо қайд шуда буд, мақсади фестивал дар амал тадбиқ кардани ақидаҳои асосии муттаҳидшавӣ дар соҳаи киномотография ва ҷалби бештари тамошобинон ба толорҳои синамо мебошад. Кинофестивали нахустини кишварҳои ИДМ соли 1998 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, фестивали дуюми синамо соли 1999 дар шаҳри Боку (Ҷумҳурии Озарбойҷон) ва сеюм дар шаҳри Ош (Ҷумҳурии Қирғизистон) гузаронида шудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҷанги шаҳрвандӣ, ки барои истеҳсоли филмҳо ба кинофотографистон ҷумҳурӣ имконият надод, рушди синамои тоҷик асосан аз фаъолияти Конфедратсияҳои Иттифоқи кинематографистони ИДМ ва ширкат дар барномаҳо, фестивалҳои он вобастагӣ дошт. Намоиши расмҳои беҳтарини киностудияи “Тоҷикфилм” дар доираи Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Москва аз 27-ум то 30-юми марти соли 1997 баргузор гардид.[1]

Дар навбати худ соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳангии Москва доир гаштанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоро боз ҳам мустаҳкамтар менамуданд. Соли 1998 Рузҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардиданд. Соли 1999 бошад дар шаҳри Москва фестивали филмҳои тоҷикӣ дар даҳсолаи охир офаридашуда, дар доираи барномаи “Гуфтугӯи фарҳангҳо”-и ба 70-умин солгарди киностудияи “Тоҷикфилм” бахшидашуда доир шуд. Дар барномаи фестивали мазкур филмҳои ҳуҷҷатии «Душанбе – шаҳри ман» (1998), “Сафари хизматӣ”- и М.Юсупова (1998 ) ва филми бадеи “Парвози Занбӯз”-и Д.Ҷ. Усмонов (1998 ) ба маъразӣ тамошо гузошта шуда буданд. Фаъолияти якҷоя ва ширкат дар чорабиниҳои Конфедератсияи Иттиҳодияи кинематографистони ИДМ ва кишварҳои соҳили Балтика ба рушди минбаъдаи синамои тоҷик дар солҳои 1990-2000 таъсири мусбии

[1] Текущий архив СК РТ. Отчет о работе Конфедерации в 1999 г. Копия приглашения. - Л.1.

худро расонид. Ба туфайли Конфедератсия филмҳои киноматорафистони ҷавони тоҷик ба бозори ҷаҳонии синамо роҳ ёфтанд.

Дар матни фаъолияти Конфедератсияи Иттиҳоди киноматографистон доир ба муттаҳид сохтани кинематографияҳои миллӣ, умумияти равандҳои синамо дар кишварҳои навтаъсис мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Барои мисол, Абикеева қайд намудааст,ки давраи барои такмил ва тағйирёбии синамои Осиёи Марказӣ соли 1998, ҳамчун соли оғози гардиши куллии киноматография дар ин кишварҳо ба фарҳанги анъанавӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон ин давра ба соли 1997 рост омад, яъне ҷанги шаҳрвандӣ анҷом ёфт ва истеҳсоли филмҳо дар Тоҷикистон аз солҳои 1998-1999 аз нав шурӯъ шуд.

Барои ба низом даровардани ин соҳа барои таҳия ва қабул кардани санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқӣ зарурат ба миён омад. Дар давраи истиқлолият санадҳои зерин қабул карда шуданд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг",[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи синамои тоҷик"[2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунарҳои бадеии мардумӣ"[4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳифзи ҳуқуқҳои он"[5], Барномаҳои давлатӣ: "Барномаи рушди синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010"[6],"Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015,[7]"Барномаи рушди синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

---

[1]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе,1997. №23-24.- С.352.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2004. №12.- С.694.
[3]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2009. № 553. - 5 октябр.
[4] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2003. №43, 1- август.
[5] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2009. №12.
[6] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи рушди синамо барои солҳои 2006-2010".- Душанбе, 2005. №362, 4 -октябр.
[7] Қарори Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015".- Душанбе, 2007. №443, 23 октябр.

2011-2015”[1]ва ғайраҳо. Ҳамин тариқ дар кишвар заминаи қонунгузории соҳаи синамо дар сатҳи байналмилалӣ ба вуҷуд омад.

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки ибтидо аз соли 2005 давра ба давра истеҳсоли филмҳои бадеӣ дар киностудияи “Тоҷикфилм” эҳё ва барқарор шуд. Дар ин давра қадамҳои нахустини худро дар ин соҳа У. Мирзоширинов бо филми “Бути муҳаббат” (соли 2004), Д. Раҳматов бо филми “Овора” ( соли2005), С. Қодирӣ бо филми “Маҳдӣ” (соли 2006 ) ва дигарон гузошта будаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои истиқлолият синамои тоҷик ба инъикос намудани воқеаҳои рӯз, сабабҳо ва асосҳои ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандӣ диққат медоданд, ки бар сари миллати тоҷик дар охири садаи XX омада буданд. Филмҳои “Дар орзуи падар”,“Марги бегуноҳ”,“Нишони зиндагӣ” аз рӯи асарҳои Нависандаи халқии Тоҷикистон К. Мирзоев ба навор гирифта шуданд.

Фоҷиаҳои дар филмҳо нишондодашуда аз рӯи ҳодисаҳои ҳақиқӣ гирифта шуданд, ки ба андешаи мо яке аз роҳҳои ҷалби бештари мухлисон ва тамошобинони синамо ба шумор меравад. Онҳо дар бораи хотираҳо ва мушоҳидаҳои нависанда доир ба ҳодисаҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-1997 ва ҳаёти вазнини халқи тоҷик нақл мекунанд. Филмҳои: “Муаллим”, “Оинаи беҷило”, “Ормонҳо”, “Паймон”, “Умеди охирон”, “Овора”, “Тири тақдир”, “Чашмаи мурод”, “Нишонаи зиндагӣ”, “Убури сангин”, “Қассос”, “Гиреҳ дар гулӯ”, “Баъд аз ғуруб”, ки дар ин солҳо ба навор гирифта шудаанд, дар бораи ҳаёти мардум дар солҳои Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳикоят мекунанд. Филмҳои дар ин давра офаридашуда мавзӯъҳои ҷанги шаҳрвандӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва афзоиши ҷинояткориро фаро гирифтанд. Яке аз хусусиятҳои хоси ҳаёти замони соҳибистиқлолӣ дар филми коргардон Носир Саидов “Муаллим” нишон дода шудааст. Аз рӯи филми бадеии “Муаллим” мушоҳида кардан

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Барномаи рушди синамо барои солҳои 2011-2015” - Душанбе, 2010. № 572, 30- октябр.

мумкин аст, ки чӣ тавр дар ин замон мавқеи ҷамъиятии омӯзгор паст мешавад ва дар симои муаллим манзалати мактаб ва маориф коста мегардад.

Ин филм баҳси идеологиеро ифшо мекунад, ки аз замони ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ маншаъ мегирифт. Муқобилияти муаллим ва мулло яке аз мисолҳои ин баҳси образнок мебошад, ки дар филм бештар нишон дода шудааст ва дар деҳоту рустоҳои тоҷик бештар ба чашм мерасад. Муллои деҳа аз мавқеи худ ва фишангҳои маъмурии мақомоти маҳалии идоракунӣ истифода карда, мардумро бо рӯзи маъшар тарсонида, ташвиқоту тарғиботи худро паҳн мекард. Ба ҳудуди мактаб наздик омада на танҳо ба гузаронидани машғулиятҳо халал мерасонд, балки муаллимро маҷбур мекард, ки роҳи муҳоҷиратро пеш гирад, ки ин роҳи фирор аз ҳаёти ҳақиқӣ буд. Намоиши филми Носир Саидов "Муаллим" дар толори Кохи Ҷомӣ 15 сентябри соли 2014 баргузор гардид. Дар вақти тамошои филм ҳаёти аслии тамоми табақаҳои ҷомеа, аз ҷумла танқиди муллоҳои чалласавод, баробарии гендерӣ, самимият ва софдилии ҳамсоягон, эҳтироми волидайн ба чашм мерасанд. Ҳамаи ин воқеиятҳо ба таври касбӣ ва рӯи рост нишон дода мешавад. Пас аз чандин даҳсолаҳо дар экрани синамо боз чеҳраи Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Марат Орифовро чандин тамошобинон диданд, ки дар вақташ нақши Рӯдакӣ ва Синоро иҷро мекард. Дар ин филм ӯ нақши омӯзгори солхӯрда ва хастаро дар маҷрои пасту баланди ҳаёт иҷро мекард.[1] Лозим ба ёдоварист, ки коргардон дар интихоби ҳунармандон маҳорат ва касбияти баландро нишон додааст ва ба ҳамаи ҷиҳатҳои маҳорати касбии ҳунармандӣ, аз ҷумла хислат, масъулиятшиносӣ, ҳаракат, қиёфабозӣ, мимика, нуқтаи назар, истифодабарии техникаи муосири наворгирӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Ба андешаи муаллиф, сарфи назар аз баъзе дастовардҳо, дар умум дар солҳои истиқлолият синамои тоҷик назар ба синамои дигар кишварҳои

[1]Сафар Д. Ана филму мана филм! / Д. Сафар. // Адабиёт ва санъат. 2014, 25 сентябр.

Осиёи Марказӣ қафо монд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 иброз намуд: «Дар ин росто синамои тоҷик ба рушди ҷиддӣ ниёз дошта, филмҳои ҳозиразамони мустанаду бадеӣ, ки гузаштаву имрӯзаро воқеъбинона инъикос намоянд, масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаро тасвир созанд ва ахлоқи ҳамидаву анъанаҳои неки халқамонро тарғиб кунанд, кам ба назар мерасанд».[1] Таҳияи филм ин як меҳнати дастаҷамъонаи гурӯҳи эҷодӣ мебошад, ки бе маблағгузориҳои калон ва иштироки сохторҳои давлатӣ инкишоф ёфта наметавонад.

Аз ин рӯ, ба мақомоти масъули ин соҳа, ба монанди Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радиошунавоӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ зарур аст, ки бо мақсади ташвиқу тарғиби идеяҳои миллӣ, тарбияи эстетикӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангии мардуми тоҷик доир ба эҷоди асарҳои нави саҳнавӣ ва сенарияҳои таърихӣ барои филмҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Мо чунин мепиндорем, ки Ба ин соҳаи тақдирсози фарҳанг дар ҷомеа бо назардошти таҷрибаи ҷаҳони муосир бояд назар кард. На танҳо доир ба эҷоду наворгирии филм бояд андеша кунем, балки барои ба томошо пешниҳод кардани филмҳо, сохтани кинотеатрҳо, шароитҳо муҳайё сохтан зарур аст. Барои баррасии масъалаи рушди синамо ва дурнамои он зарур аст, ки аз неру ва қобилияту истеъдоди мутахассисони касбӣ ва ҷавон истифода намуд. Ғайр аз ин назорати сахт аз болои пахш ва нишон додани филмҳои истеҳсоли хориҷӣ, ки барои фарҳанг ва тамаддуни мо бегонаанд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Асарҳои барҷастаи миллиро эҷод ва навиштан зарур аст, ки ҳаёт ва арзиши маънавии мардумро нишон дода тавонанд ва ҷойи филмҳои хориҷиро ишғол кунанд. Дар ҷаҳони муосир , ки ҳар рӯз хатарҳои нав ба нав эҷод мешаванд,барои тақвият бахшидан ба муаррифии фарҳанги миллӣ, устувории сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаррифӣ кардани худи мардуми тоҷик синамо мақоми арзандаеро ишғол

---
[1]Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Садои мардум. 2015, 23 январ.

карда метавонад. Боварӣ дорем, ки шахсони масъули ин соҳа дигар ҳаққи маънавӣ надоранд, ки дар бобати рушди синамо беэътиноӣ зоҳир кунанд зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин соҳаи муҳимми фарҳанг амру супоришҳои дақиқ ва қатъӣ дода буд.

Чи тавре, ки қайд шуда буд, ба мақсади дастгирии рушди синамо соли 2005 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи рушди синамо барои солҳои 2006-2010”[1] –ро қабул кард.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар асоси ин барномаи қабулшуда бо мақсади пеш бурдани ин соҳа ва аз ҷумла рушд ва бозсозии сохтори эҷодӣ, такмили заминаи техники, ворид намудани техника ва технологияи муосир, гузариш аз наворгирии филмҳо дар кинолентаҳо, созмон додани иттиҳодияҳо ва гурӯҳҳои эҷодӣ ба нақша гирифта шудаанд. Ба мисли Иттиҳодияи эҷодии филмҳои бадеӣ, Иттиҳодияи эҷодии филмҳои ҳуҷҷатӣ, Иттиҳодияи эҷодии киножурнали “Тоҷикистон”, Иттиҳодияи эҷодии дубляжи филмҳо фаъолият мекарданд, ки аз буҷети давлатӣ барои хароҷоти онҳо 3 552 100 сомонӣ ҷудо карда шуд. Дар тӯли чор сол Киностудияи давлатии “Тоҷикфилм” ҳамагӣ 10 филми бадеӣ, аз ҷумла “Овора”, “Тири тақдир”, “Чашмаи мурод”, 17 филми ҳуҷҷатиро истеҳсол кард. Ҳамчунин 29 филми калонҳаҷм ва хурдҳаҷм ба забони тоҷикӣ тарҷума ва баргардонида шуданд.

Мутаассифона танҳо қисми таҷҳизот ва асбобҳои барои тақвияти заминаи моддию техникии киностудия таъиншуда насб гардида, қисми эҷодии барнома – тартиб додани сенария ва ба наворгирии филмҳо, харидории пурраи техника ва таҷҳизот иҷро нагардидааст.[2] Тибқи ақидаи мутахассиси соҳа Шавкат Муҳаммадиев “Сабаби иҷро нагардидани барнома дар он аст, ки маблағи аз ҷониби барнома пешбинишуда дар ҳаҷми пурра маблағгузорӣ карда нашуд ва то 1- уми майи соли 2010-ум ба

---

[1]Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаи рушди синамо барои солҳои 2006-2010.- Душанбе, 2005. №362, 4 -октябр.

[2] Фарзонаи Ф. Синамо ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад. /Ф. Фарзона. // Ҷумхурият. 2014, 3 январ.

суратҳисоби киностудияи “Тоҷикфилм” 1 788 875 сомонӣ ворид гашт, ки ҳамагӣ 50% маблағи пешбинишударо ташкил медод. Сабаби дигари иҷро нагардидани барнома дар он аст, ки масъалаҳои асосии соҳа аз нуқтаи назари касбӣ ва дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳаматарафа таҳқиқ нашуданд.[1]

Қайд кардан лозим аст, ки аз рӯи барномаи давлатӣ доир ба рушди синамо дар солҳои 2006-2010 таҷҳизот харидорӣ карда шуд, филмҳои бадеӣ дар наворҳои видеоӣ сабт шудаанд. Дар ин барнома нишон дода шудааст, ки барои ба тамошобин пешниҳод кардани филмҳо тамоми шароитҳо муҳайё карда шаванд.

Сухан дар бораи барқароркунии шабакаи толорҳои синамо дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру навоҳӣ меравад. Аз ҷумла таъмири чанд толорҳои синамо ба нақша гирифта шуда буд. Вале дар айни замон баъзе толори синамо дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Чунончи, директори Муассисаи давлатии синамо ва видеои вилояти Суғд Маҳмудҷон Аҳмадов дар ин бора иброз медорад “Дар замони шӯравӣ дар ҳудуди вилоят 22 толори давлатии синамо фаъолият мекард, ки имрӯз ҳамагӣ чор толори синамо дар шаҳри Конибодом, ноҳияҳои Спитамен, Ашт ва Бобоҷон Ғафуров боқи мондаанд, ки ба аҳолӣ бо нархи паст ва ҳатто ройгон хидмат мерасонанд”. Аз як ҷиҳат биноҳо ва техникаи намоишдиҳии филмҳо кӯҳна шудаанд ва аз тарафи дигар аҳолӣ алакай аз техникаи муосир – DVD, CD, MP3, мавҷгиракҳои радифӣ истифода мебарад, ки ин ба фаъолияти толорҳои синамо таъсири манфии худро мерасонад. Ба ғайр аз ин, баъзе толорҳои синамо аз суратҳисоби “Тоҷиккино” ба тобеияти идораҳо ва шуъбаҳои фарҳангу маориф гузаштаанд.[2]

Таъкиди он нукта лозим аст, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 доир

---

[1] Фарзонаи Ф. дар ҳамон ҷо. 2014, 3 январ.
[2] Воситзода М. Кинотеатрҳо кай эҳё мешаванд? / В. Муҳайё. // Ҷумҳурият. 2012, 3 - май.

ба рушди синамо назарҳои умедбахш баён шуданд. Ин ба даврае рост омад, ки “Барномаи рушди синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015”[1] қабул гардида, дар ҳаёт татбиқ карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба синамои тоҷик ба маврид қайд намудааст, ки “Синамои тоҷик ба рушди ҷиддӣ ниёз дорад”. Дар ин бора ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба дида баромадани сатҳ ва ҳолати иҷро шудани “Барномаи рушди синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” ва инчунин шароитҳои истеҳсол ва ба наворгирии филмҳои нав, омодакунии мутахассисон барои ин соҳа ва ҷудо намудани маблағҳои махсус супориш дода шуд.[2]

Бо мақсади дар ҳаёт татбиқ намудани супориши Сардори давлат дар ҷумҳури Шӯрои давлатии рушди киноматография ташкил карда шуд, ки 13-уми августи соли 2015 нахустин ҷаласаи худро таҳти раисии ҷонишини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Марҳабо Ҷабборӣ гузаронид. Аъзои ин шӯро масъалаи роҷеъ ба иҷро нагардидани “Барномаи рушди синамои тоҷик барои солҳои 2011-2015”-ро дида баромада ба мушкилоти соҳаи синамо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.[3] Раиси Иттифоқи киноматографистони Тоҷикистон Сафар Ҳақдодов қайд намуд, ки “То ин замон ҳам барнома то соли 2010 қабул гардид, аммо он ҳатто 70-80% иҷро нагардид. Акнун ин барнома қабул шудааст, ки дар ин сол анҷом меёбад.

Агар рафти иҷроиши барномаро таҳлил кунем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин барнома аз пешина бомуваффақияттар буд, аммо 100% иҷро шудани он ҳоло аниқ нест. Танҳо як қисми барнома доир ба таъмини киностудияи “Тоҷикфилм” бо таҷҳизоти техникӣ, ки аз ҷониби барнома пешбинӣ шуда буд, “Тоҷикфилм” иҷро намуд”.[4] Буҷаи киностудия дар соли 2005 ҳаҷми 300 000 доллари америкоиро ташкил дод, ки айни замон ба 2

---

[1]Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Барномаи рушди синамо дарҶумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” – Душанбе, 2010. № 572, 30 октябр.
[2]Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Садои мардум. 2015, 24 январ.
[3]Сангова Х.Синамо: дирӯз ва имрӯз. / Х. Сангова. // Ҷумҳурият. 2015, 15 - октябр.
[4]Шахнозаи М. Барнома иҷро нагардид. /М. Шахноза. // Ҷумҳурият. 2015, 26 - мая.

млн доллар баробар аст.[1] Аз рӯи гуфтаҳои С. Ҳақдодов- раиси Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон, дар айни замон киноматографияи тоҷик имкон дорад, ки бештар аз 4-5 филми бадеӣ, 20 филми ҳуҷҷатӣ, беш аз 1-3 филми аниматсионӣ ва чанд филмҳои кутоҳҳаҷм истеҳсол кунад. Ин рақам дар мадди аввал, бо назардошти амалигардонии пурраи барнома, ки асоси рушди синамои миллӣ ва рушди бозори дохилӣ ва шуҳрати дубораи синамои тоҷик мебошад, он қадар бузург наменамояд.[2] Таҳқиқот нишон доданд, ки дар барнома назар ба имкониятҳои мо корҳои бештаре ба нақша гирифта шудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар банди 8-уми барномаи мазкур пешбинӣ шудааст, ки дар давраи солҳои 2011-2015 26 филми бадеӣ, 65 филми ҳуҷҷатӣ, 16 филми ҳаҷвӣ, 13 филм барои кӯдакон аз ҷониби "Тоҷикфилм" истеҳсол мешаванд ва 126 филм тарҷума, 135 филм дубляж карда мешаванд. Таъмир ва барқароркунии пурраи 58 кинотеатри Корхонаи воҳиди давлатии синамо ва видео, ки дар тавозуни "Тоҷиккино" қарор доранд, пешбинӣ шудааст.[3] Аммо раиси Иттифоқи киноматографистони Тоҷикистон Сафар Ҳақдодов иброз медорад, ки дар вақти сафарҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар мушоҳида накардаст, ки ягон кинотеатр таъмир ё барқарор шуда бошад. Доир ба таассуроти худаш ҳангоми сафар ба шаҳри Конибодоми вилояти Суғд мегӯяд, ки "Мо ба шаҳри Конибодом дар бораи Комил Ёрматов филм оварда, мехостем онро дар кинотетри ба номи Комил Ёрматов нишон диҳем. Кинотеатр дар ҳоли вайроншавӣ қарор дошт. Маҷбур шудем, ки филмро дар дигар ҷой нишон диҳем"[4]

Дар шаҳри Душанбе 3 кинотеатр, дар шаҳри Қурғонтеппа 1 кинотеатр, дар шаҳри Хуҷанд 1 кинотеатр ва 1 Маркази ҷавонон ба номи Лоиқ Шерали амал мекунанд. Дар шаҳри Хоруғ дар вақташ 10 кинотеатр

---

[1]Салими Аюбзод. Синамои тоҷик ва "миллионерҳои хомуш"-и Тоҷикистон. / С. Аюбзод. // Ҷумҳурият. 2015, 5 -январ.

[2]Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди синамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. Душанбе, 2010. № 572, 30 октябр.

[3]Воситзода М.Кинотеатрҳо кай эҳё мегарданд? / М. Воситзода. //Ҷумҳурият. 2012, 3 - мая.

[4]Салими Аюбзод. Синамои тоҷик ва "миллионерҳои хомуш"-и Тоҷикистон (Таджикское кино и "молчаливые миллионеры" Таджикистана). / С. Аюбзод. //Ҷумҳурият. 2015, 5- январ.

фаъолият мекарданд, ҳоло бошад ягонтоаш вуҷуд надорад. Кинотеатри ба номи А. Лоҳутӣ дар шаҳри Қурғонтеппа ба иҷора дода шудааст ва дар он фаъолияти соҳибкорӣ ба роҳ монда шудааст. Пештар як қисми даромади кинотеатрҳо барои рушди синамо масраф мешуд. Ҳар ҳафта се рӯз ба кинотетр филмҳои навро меоварданд. Дар давраи истиқлолият ҳамаи кинотеатрҳо мақеи худро аз даст доданд.

Миқдори тамошобинон низ кам мешаванд. Агар соли 1999 ба 216 кинотеатр 122 ҳазор тамошобин омада бошанд, соли 2009 ба 67 кинотеатрҳои амалкунанда 58 ҳазор тамошобин омадаасту халос. Дар айни замон ба тамошои филм дар толорҳои синамо ҷалб намудани тамошобинон хеле душвор аст, зеро филмҳои навбаромад худашон ба хонаҳояшон тавассути ДВД ва ё дигар воситаҳои USB ворид мешаванд.

Истеҳсолкунандагони филмҳои тоҷикӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоде муроҷиат намуданд, ки барои воридоти фиттаҳои нави синамо ба фоидаи синамои миллӣ як навъи андоз ҷорӣ карда шавад,вале мутаассифона ин пешниҳод қабул нагардид[1].

Бояд гуфт, ки дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ биноҳои нави замонавӣ сохта ва бунёд мегарданд, ки дар ошёнаҳои онҳо мағозаҳо ва нуқтаҳои мухталифи фӯрушу савдо ташкил карда мешаванд. Нағз мешуд, ки агар ҳангоми сохтмони хонаҳо дар лоиҳаи он толори фарҳанг ва истироҳат пешбинӣ карда мешуд ва дар он одамон метавонистанд вақти худро бо фароғат гузаронанд. Аз тамошои барномаҳои муфид як ҷаҳон ғизои маънавӣ гиранд. Таҷрибаи дигар кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар айни замон бояд толорҳои на он қадар калон сохта шаванд, ки шабонарузӣ фаъолият карда тавонанд. Агар ин пешниҳод ва назар дастгирии худро меёфт, шояд то дараҷае баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо дар ин соҳа ҳалли худро меёфтанд.

---

[1]Салими Аюбзод. Синамои тоҷик ва “миллионерҳои хомуш”-и Тоҷикистон. / С. Аюбзод. // Ҷумҳурият. 2015, 5 - январ.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1500 нуқтаҳои паҳнкунӣ, фурӯш ва сабту нусхабардорӣ, прокати видеокасетаҳо ва фиттаҳо фаъолият мекунанд.

Ба андешаи мо ин фазои кинотеатрро иваз карда наметавонад. Тамошои видеокассета кори хуб аст, аммо тамошои якҷоя, муҳокимаи сюжаҳои синамо ин тамоман дигар эҳсосу дарки синамо аст. Барои ин, ки агар як филми бадеӣ ё филми тасвирӣ, ки ба тамошобинони хурдсоли синни томактабӣ пешбинӣ шудааст ва дар кинотеатр нишон дода шавад, дар вақти муҳокима пас аз тамошокунӣ, ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ мекунад ва олами таассурот, фикру ақида, хотира низ такмил ва инкишоф хоҳанд ёфт. Ин роҳ ва усули беҳтарини рушди шахсият, тарбияи наврасон ва ҷавонон мебошад. Кинотеатр моликияти ҷамъиятии одами бофарҳанг ва бомаърифат маҳсуб меёбад. Дар шароити тамаддуни ҷаҳонӣ, агар мо аз ӯҳдаи барқарор кардани кинотеатрҳо набароем ва филмҳои пешқадамро ба маърааз нагузорем, ки таблиғкунандаи ҳаёти солим мебошанд, пас таълимоти бегона фазои холии иттилоотиро пур мекунад, филмҳои бадахлоқона тафаккури насли ҷавонро пурра вайрон мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки норасоии мутахассисони лаёқатманд як мушкилии дигари ин соҳа мебошад. Омода кардани мутахассисони соҳа барои Муассисаи давлатии синамо ва видео - “Тоҷиккино” ва студияи давлатии “Тоҷикфилм” дар “Барномаи рушди синамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2015” пешбинӣ шуда буд. Дар асоси банди 3 барномаи мазкур омодакунии кадрҳои соҳа яке аз вазифаҳои муҳим аст, вале ин қисми барнома пурра иҷро нагардидааст. Дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода махсус шубъаи соҳаи синамо кушода шуд, ки то ҳол ин мушкилотро ҳаллу фасл карда наметавонад.

Ба қавли раиси Иттифоқи киноматографистони Тоҷикистон Сафар Ҳақдодов маҳдудият танҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ба соҳа имкон

намедиҳад, ки ба сатҳи ҷаҳонии рушд бароянд.[1] Барои ин зарур аст, ки ҷавонони лаёқатмандро ба беҳтарин мактабҳои хориҷи кишвар ва аз лиҳози кинематография пешрафта бо шарти бозгашт ба ватан раҳсипор кард. Ба мутахассисони оянда таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои пешрафта дар соҳаи синамо ба мисли Донишкадаи давлатии киноматографияи Федератсияи Россия (шаҳри Москва), Донишкадаи муҳандисони синамои Федератсияи Россия (шаҳри Санкт-Птербург), донишкадаҳо ва академияҳои Фаронса, Англия, Италия мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Ба андешаи мо тайёр намудани мутахассисони соҳаи синамо дар кишварҳои номбаршуда аз он ҷиҳат хуб аст, ки дар онҳо барои довталабони ин соҳаи муҳим ҳамаи шароитҳоро муҳайё мекунанд, то ки аз рӯзҳои аввали таълим то хатми муассисаи таълимӣ пайваста дар наворгирии филмҳо иштирок кунанд. Ҳамчунин дар наворгирӣ ва ба маърази тамошо гузоштани филмҳо дастгирӣ ва маблағгузории зиёде ба чашм мерасад.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 16 мактаби синамо ба Ассотсиасияи мактабҳои синамо дохил мешавад. Инҳо Академияи миллии ба номи Т. Жургенови Ҷумҳурии Қазоқистон, Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги ба номи С. Герасимови Федератсияи Россия, Донишкадаи санъати Мимар Синани Туркия, Донишгоҳи давлатии Озарбойҷон, Донишкадаи давлатии театр ва синамои Ҷумҳурии Арманистон, Донишкадаи муштараки туркӣ - қирғизи ба номи Манас, Академияи давлатии санъати Белоруссия, Мактаби синамои шаҳри Ню-Йорк, ки натиҷаи чашмрас доранд, мебошад. Ҳамаи мушкилоти синамои ватанӣ танҳо бо кӯмаку дастгирии давлат ҳаллу фасл шуда метавонад.

---

[1]Таджикское кино - 2013. Год надежд и трудностей от 29 декабря 2013 г. - http:// rus. ozodi .org/ content/ article/25215374.html (дата обращения 01.01.2014).

Аз ин рӯ бо квотаи давлатӣ ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонони лаёқатманд баъд аз хатми мактаби миёна дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бозгашти онҳо, таъмини ҷойи кор ва маоши мувофиқ яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳа маҳсуб меёбад. Дастоварди бузурги синамои тоҷик дар даврони истиқлолият ин муҳайё намудани шароит барои иштирок дар фестивал-озмунҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани шарафи синамои тоҷик дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Коргардонҳои миллӣ ба ҳамаи мушкилиҳои соҳа нигоҳ накарда бо таҳияи филмҳои мухталиф тавонистанд, ки дар фестивалҳои байналмилалии синамо комёбиҳои зиёдеро ба даст оранд ва мақому манзалати миллатро баланд бардоранд.

Дар сохтори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тоҷикфилм” ва “Тоҷиккино” дар соҳаи синамо фаъолият намуда, сиёсати давлатро пеш мебаранд.

Боиси зикр аст, ки дар солҳои 2012 -2016 аз буҷаи давлат барои “Тоҷикфилм” маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шуд. Бо ин миқдор маблағҳои буҷаавӣ 50 филми нав, аз ҷумла 12 филми ҳунарӣ, 9 филми кӯтоҳметраи ҳунарӣ, 1 филми кӯдакона ва 6 филми тасвириро истеҳсол карда ба тамошобинон пешкаш намуд. Аммо бояд гуфт, ки сол то сол афзудани маблағгузорӣ ба таври комил ҳамаи мушкилоти соҳаро ҳаллу фасл карда наметавонад. Зеро тамошобинони ҳозира дар шароити нави рушди технологияҳои иноватсионӣ талаботи нав ба нав пешниҳод мекунанд ва истеҳсоли ин гуна филмҳо маблағи бештарро тақозо мекунад.

Мо чунин мепиндорем, ки яке аз мушкилоти дигари соҳа кам шудани теъдоди тамошобинон дар кинотеатрҳо мебошад. Сабаби ин пешрафти илму техника, шабакаҳои интернетӣ ва интернет-технологияҳо мебошанд. Ба ин нигоҳ накарда дар захираи кинои тоҷик беш аз 1069 нусха филмҳои гуногун мавҷуданд, ки як қисмашон ба хазинаи тиллоии “Тоҷиккино” шомиланд, аммо барои нигоҳдории онҳо мушкилот ҷой доранд. Кинотеатрҳои шаҳри Душанбе, ки дар тавозуни “Тоҷиккино” қарор доранд, ба таъмири асосӣ ва ҷорӣ эҳтиёҷ доранд. Дар омода намудани

кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо мо чунин мушкилоти зеринро мушоҳида намудем:

- норасоии миқдори муайяни мутахассисон дар сохтори “Тоҷикфилм”, аз қабили филмноманавис, коргардон, садобардор, танзимгари синамо ва садо, наворбардор, пардозгар ва рассом;
- омода намудани кадрҳо дар дохил ва хориҷи кишвар;
- то ҳол омода кардани кадрҳои баландихтисос ва истеҳсоли филмҳои дар сатҳи бозори синамо рақобатпазир ба роҳ монда нашудааст.

Таҳқиқ ва таҳлили маводи гуногуни ҳисоботӣ, матбуоти даврӣ, адабиёти илмӣ моро ба чунин хулоса овард, ки дар соҳаи синамои тоҷик дар даврони солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкилиҳои зерин ҷой доштанд:

- норасоии техника ва технологияҳои муосири истеҳсол ва ба наворгирии филмҳо, яъне заминаи сусти моддӣ-техникӣ;
- кофӣ набудани маблағгузорӣ ва воситаҳои молиявӣ барои рушди соҳаи синамо;
- дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани зерсохтори саноати синамо;
- рақобатпазир набудани истеҳсоли филмҳо ва ба талаботи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқат накардани онҳо;
- ҳавасмандгардонии сусти моддӣ-маънавии мутахассисони соҳа ва нарасидани кадрҳои баландихтисос дар саноати синамо ва ғайра.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки санъати синамои тоҷик дар давраи истиқлолият ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардидааст. Дар ин росто мушкилиҳои зиёдеро паси сар намуда, мутахассисони соҳа бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда аз даҳсолаи аввали соҳибихтиёрӣ ба филмофарӣ пардохтанд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ба низом даровардани фаъолияти бомарому самараноки санъати синамои тоҷик чанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва тасдиқ карда шудаанд. Ҳамчунин

чорабиниҳои зарурии ташкилӣ-тарғиботии синамо дар кишвар ба роҳ монда шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки мутахасисони соҳа дар филмофарӣ бештар ба асарҳои миллӣ, таърихӣ ва тамоюлҳои фарҳанги халқамон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва дар ин самт бисёр корҳои наҷиб баҳри ташвиқи арзишҳои асосии миллӣ анҷом дода мешаванд.

## 3.2. Ҳамкориҳои синамогарони тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ

Синамои тоҷик ҳамчун соҳаи асосии фарҳанг бе ҳамкориҳои зич бо синамогарони кишварҳои хориҷӣ дар фазои муосири рушди санъати кино ва технологияҳои муосири ба наворгирию намоишдиҳӣ (дар толорҳои синамоӣ 3D-4D, HD, CD, DVD, YOU TUBE) ва ғайраҳо тараққӣ карда наметавонад. Дар Тоҷикистон истеҳсолкунандаи асосии филмҳо танҳо киностудияи давлатии “Тоҷикфилм” нест. Дар вилоятҳои Кӯҳистони Бадахшон, Суғд ва Хатлон студияҳои давлатӣ ва телевизионӣ фаъолият мекунанд, ки ин монополияро дар соҳаи истеҳсоли кино аз байн бурдаанд. Ин студияҳо новобаста аз мушкилоти ба даст овардани иҷозатнома имконияти истеҳсоли филмҳои гуногунро доранд, ки инъикоскунандаи масъалаҳои мубраму умда ва доғи ҷомеа мебошанд. Вале бояд гуфт, ки бештари филмҳо хусусияти фармоишӣ ва тиҷоратӣ дошта, масъалаҳои мубрами рӯзи ҷомеаро кам ё барғалат нишон медиҳанд.

Ҳамкории синамогарони тоҷик бештар дар рӯзҳои гузаронидани фестивалҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Дар вақти баргузории ин синамобазм ҳамасола аз 15-20 кишвари дунё 30-40[1] синамогарон ба Тоҷикистон ташриф меоранд. Ҳангоми вохӯриҳо ва иҷрои барномаҳои синамобазм дар байни синамогарони кишварҳо қарордодҳои шифоҳӣ ва

[1]Раҳимов С. Нури парда. Главная научная редакция Таджикской Национальной Энциклопедии. –Душанбе, 2004. - С. 16-19. Маърӯзаи ҳисоботии раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон Ҳақдодов С.М. барои анҷумани XI, бо таҳлили фарогири авзои кинои тоҷик дар солҳои 2011 - 2015. - Душанбе, 2016.- С. 37.

расмӣ доир ба ҳамкориҳои минбаъда ба инҷо расонида мешаванд. Ҳамин тариқ фазои ҳамкориҳои байналмилалии эҷодӣ, истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифат, мазмун ва мавқеи синамои тоҷик дар шароити нав ба вуҷуд оварда мешавад. Ин гуна ҳамкориҳо ва чорабиниҳо барои синамогарони тоҷик имкон фароҳам меоранд, ки филмҳои худро ба доираи васеи тамошобинон пешниҳод ва муаррифӣ кунанд. Филми бадеии кӯтоҳаҷми коргардон Бахтиёр Худойназаров “Братан” “Бародар”, ки соли 1991 ба навор гирифта шудааст, сазовори ҷоизаи байналмилалии кинофестивале, ки дар Олмон баргузор гардида буд ва соҳиби ҷоиза “Барои беҳтарин филм” дар Кинофестивали байналмилалии Турин дониста шуд.[1]

Гуфтан ҷоиз аст, ки моҳи августи соли 1991 дар шаҳри Душанбе нахустин кинофестивали байналмилалӣ зери унвони “Ҳамсояҳо”доир гардид. Дар он кинематографистони кишварҳои Эрон, Покистон, Россия, Афғонистон ва дигар кишварҳо ширкат варзиданд, ки дар он филми афғонии “Пирамард” соҳиби ҷоиза гардид. Ҳамин тариқ, дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳамкориҳои киноматографистони тоҷику афғон ба марҳилаи нави худ расиданд ва мазмуну хусусияти дӯстонаро касб карданд. Ин муносибатҳо дар фазои нави идеологӣ ба роҳ монда шуданд ва ҷонибҳо ба истеҳсоли муштараки филмҳо пардохта, ҳаёти кинематографии худро рангин ва ғанӣ гардониданд. Чунончи, собиқ аъзои парлумони Афғонистон Саломи Сангӣ бо ҳамкории Сафарбек Солиев филми “Наврӯз”-ро офариданд. Бо кӯмаки киноматографистони тоҷик Ҷавоншер Ҳайдарӣ филми худро доир ба қисмати овозхони машҳури афғон Аҳмад Зоҳир ба навор гирифт.

Аз 25 ноябр то 4 декабри соли 1991 дар Душанбе Даҳаи филмҳои эронӣ баргузор гардид, ки дар он филмҳои беҳтарин синамогарони Эрон мавриди тамошо ва баҳогузории коршиносон ва тамошобинони тоҷик гардиданд.

---

[1]Некқадамов Т. Бозтоби чеҳраҳои дурахшони кино / муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2019 - С. 104-105.

Бояд гуфт, ки синамои Эрон назар ба синамои тоҷик хело пеш рафтааст. Аз ин рӯ дар марҳилаи ҳозираи ҳамкориҳои синамогарони тоҷику эронӣ саҳми киноматографистони Эрон назаррас мебошад.

Таъкиди он нукта муҳим аст, ки кишвари Эрон ба синамои тоҷик рӯ оварда, аз 1 то 11-уми феврали соли 1993 дар Теҳрон синамобазми ёздаҳуми байналмилалии "Фаҷр"-ро баргузор намуд, ки дар он дар бахши "Аз маҳфузоти бойгонӣ"-и синамои ҷаҳонӣ филмҳои Б. Кимёгаров ва дар бахши "Синамо баъд аз 70 сол дар Осиёи Марказӣ" филмҳои Д. Худоназаров ва В. Аҳадов нишон дода шудаанд[1]. Соли 1996 синамогари машҳури Эрон Муҳсин Махмалбоф ба Тоҷикистон омад, ки ӯ яке аз ташаббускорони ҳамкориҳои синамои тоҷику эронӣ буд. М. Махмалбоф назару ақидаҳои мустақил доир ба ҷамъият, демократия ва санъат дорад. Дар Тоҷикистон вазъияти баъди ҷангиро дида, М. Махмалбоф бо тамоми нерӯ кӯшиш мекард, ки қувваи эҷодии синамогарони тоҷикро эҳё кунад. Ҳамин тариқ ҳамкориҳои синамогарони тоҷику эронӣ дар доираи синамобазми "Дидор" ба роҳ монда шудаанд, ки яке аз арзишҳои ин фестивал он буд, ки барои синамои форсизабонон як фазои кушодеро фароҳам овард. М. Махмалбоф дар ҳайёти кинематографияи Тоҷикистон фаъолона иштирок карда, филмҳои синамогарони ҷавонро тамошо мекард ва дар муҳокимаю баҳогузории онҳо фаъол буд. Дар мактаби синамои назди ҶСШК "Киносервис" доир ба кинодраматургия коргардони мазкур лексия мехондааст.

Бояд ёдовар шуд, ки худи ӯ дар Тоҷикистон бо иштироки синамогарон ва ҳунармандони тоҷик ба филмофарӣ машғул буд. Маҳсули меҳнати ӯ филмҳои "Сукут" (1997), "Муҳаббат ва фалсафа" (2005), "Одам аз барф омад" (2007)[2] маҳсуб меёбанд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки таъсири синамои Эрон ба синамои Тоҷикистон бештар мебошад.

[1] 11 th Fajr International Film Festival. The cataloge. – Tehran, 1993.
[2] Раҳимов С. "Сукут"-и гӯё. // Фонус. Душанбе, 2001, №1. С. 130-137; Раҳимов С. Давраи тоҷикистонии Муҳсини Махмалбоф // Садои Шарқ, 2012, №7. С. 8.

Филми «Қош бо қош», ки соли 1993 ба навор гирифта шудааст, дар кинофестивали Венетсия соҳиби ҷоизаи “Шери нуқрагӣ” гардидааст. Филми “Шик” бо ҷоизаи махсуси ҳайати ҳакамон “Барои саҳми беҳтарини бадеӣ” дар Токио (соли 2003) мукофотонида шудааст. Филми коргардон Бахтиёр Худойназаров дар соли 2000 дар кинофестивали Филибург таҳти унвони “Падари моҳтобӣ” ва соли 2012 дар кинофестивали байналмилалии Рим филми “Дар интизори баҳр” дар кушодашавии ин фестивал ба маърази тамошо гузошта шудаанд[1].

Фестивали байналмилалии «Дидор» аз соли 2004 дар шаҳри Душанбе гузаронида мешавад. Мақсад аз амалисозии ин ташаббус, аз як тараф ҳамчун кишвари мустақил, доштани фестивали байналмилалии худ мебошад, аз тарафи дигар ба тамошобин пешниҳод кардани филмҳои касбӣ, бо ахбори синамои ҷаҳонӣ, услубҳои нав ва методҳои истеҳсоли кинофилмҳо, ташвиқу тарғиби филмҳои аслӣ, бо кинофилмҳои кишварҳои ИДМ ошно намудани онҳо мебошад. Дар байни давлатҳои ИДМ, Афғонистон, Эрон ташвиқ намудани синамои миллӣ дар баробари филмҳои ҷаҳонӣ низ яке аз мақсадҳои асосии фестивал буд. Ҷониби Афғонистон дар барномаи ин кинофестивал ба сифати ҳамкори доимӣ дар гузаронидани Фестивали байналмилалии синамо -“Дидор” ширкат меварзид. Дар барномаи он филмҳои нави кинематографистони афғон пайваста ба маърази тамошо гузошта шуданд. Тамошобинони тоҷик дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, пайваста бо филмҳои беҳтарини афғонӣ ошноӣ пайдо мекарданд. Дар даҳ соли охири истиқлолияти давлатӣ тамошобинони Тоҷикистон имконият доштанд, ки филмҳои коргардонҳои Афғонистон, Сиддиқ Бармак “Усома”, “Ҷанги афюн”, Аттиқ Раҳим “Замин ва хокистар”, Ҳумоюн Мурувват “Себ аз биҳишт”, Муҳаммад Ҳайдарӣ “Шабнам”, Басири Сангӣ “Роҳи бебозгашт”, Акрам Бармак “Бачаи кобулӣ” Ҳумоюн Поиз “Қурбонӣ”[2] ва дигаронро тамошо кунанд.

---

[1]Энциклопедия кино Таджикистана. Краткая история Таджикистана. - Душанбе, 2012. - С. 6- 38.
[2]Энциклопедия кино Таджикистана. – Авторы - составители Г. Эльбаум, С. Рахимов. - Душанбе: «ЭР – граф», 2012. - С. 261.

Боиси зикр аст, ки яке аз аломатҳои ривоҷ ёфтани робита ва ҳамкориҳои кинематографистони тоҷику афғон он мебошад, ки синамогари машҳури Афғонистон Сиддиқ Бармак ба ҳайси аъзои хориҷӣ дар Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар тӯли 11 соли кору фаъолияти кинофестивали «Дидор», ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегардид, бештар аз 500 корҳои коргардонҳои ватанӣ ва хориҷӣ нишон дода шуда, соҳиби ҷоизаҳои мухталиф шуда буданд.

Ба андешаи муаллиф кинофестивали «Дидор» барои мутахассисон ва ҳунармандони ин соҳа як нури умед буд, зеро он ҳамчун усули беҳтарину самарабахш ҷалб намудани тамошобин ба толорҳои синамо ва тамошои филмҳои касбӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин ширкати коргардонҳои тоҷик бо филмҳои эҷодкардаашон дар кинофестивалҳои байналмилалӣ шаъну шарафи мардуми тоҷикро боз ҳам баланд мебардорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 2004 ҳамчун соли синамо ёд карда мешавад. Маҳз дар ҳамин сол бо кӯмаку дастгирии Агентии швейсарӣ доир ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) дар шаҳри Душанбе нахустин кинофестивали байналмилалӣ зери унвони «Дидор» ташкил ва гузаронида шуд. Фестивал дар рӯзҳои таҷлили 75-солагии синамои тоҷик ва 80-солагии шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Соли 2010 аз рӯи сенарияи Сафар Ҳақдодов коргардон Носир Саидов филми “Қиёми рӯз[1]”-ро ба навор гирифт, ки дар кинофестивалҳои байналмилалӣ дар кишварҳои Белгия, Олмон, Ҳолландия, Ҳиндустон, Эрон, Тоҷикистон намоиш дода шуд ва соҳиби чандин ҷоизаҳо гардид. Чанде қабл дар шаҳри Пусани Кореяи Ҷанубӣ кинофестивали байналмилалӣ доир шуд, ки дар он филми Н. Саидов бо номи “Оинаи беҷило” ба тамошобинон пешкаш шуда буд. Ин филмро барои иштирок дар синамобазми байналмилалӣ дар шаҳри Ченнаи Ҳиндустон даъват

[1]Ахроров А. Таджикское кино (1969 – 1974). - Душанбе: Дониш, 2010. 112 с.

карданд. Умуман, дар ин ҷашнвора 299 филм аз 70 кишвари дунё пешниҳод карда шуданд[1].

Соли 2011 котиби Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон С. Раҳимов ба шаҳрҳои Кобул ва Бишкек сафари хидматӣ анҷом дод. Ӯ аз 1 то 7 сентябр ба ҳайси аъзои доварони байналмилалӣ дар Фестивали синамои аввалини ҳифзи ҳуқуқи башар даъват шуда буд. С. Раҳимов дар ҷараёни ин сафар бо маъмурияти ин фестивал мулоқот дошт ва ҳамкориҳои судманди онро бо синамобазми "Дидор" ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монд. Дар Бишкек бо кӯшиши ӯ барои синамобазми "Дидор - 5" филмҳои ғолиби кишварҳои ИДМ интихоб карда шуданд. Дар чаҳорчӯбаи ин робитаҳои хориҷӣ барномаи ҷумҳуриявии "Акси садои Дидор" ҳамкории худро бо синамогарони хориҷӣ афзун гардонид. Тобистони соли 2011 дар шаҳри Душанбе дар Хонаи синамо, Рӯзҳои синамои Афғонистон ва сипас бо ташаббуси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон ва сафоратхонаи Қирғизистон Рӯзҳои синамои Қирғизистон гузаронида шуд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамин сол филми муштараки истеҳсоли Швейтсария, Фаронса, Ҳоландия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, коргардон С. Исмоилова ва филмноманавис У. Содиқов, зери унвони "Чил рӯзи хомӯшӣ"[1] дар кишвари мо ба навор гирифта шуд. Рӯзҳои 24-25 декабр бо ташаббуси ИСТ ва сафоратхонаи Ҷопон Рӯзҳои синамои Ҷопон баргузор гашт.

Кинофестивали байналмилалии «Дидор» дар соли 2012 аз 16 то 20-уми октябр баргузор гардид. 24 нафар коргардонҳои ҷаҳон тавонистанд ба тамошобинони санъати волои синамо филмҳои худро дар шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа муаррифӣ намоянд. Дар фестивал 21 филми коргардонҳо аз 24 кишвари дунё бо ширкати кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Россия, Муғулистон, Озарбойҷон, Мали, ИМА ба маърази

---

[1]Фарзонаи Ф. Дастовардҳои кинои тоҷик. // Ҷумҳурият. 2014, 1 январ.
[1]Маърӯзаи ҳисоботии раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон Ҳақдодов С. М. барои анҷумани XI, бо таҳлили фарогири авзои кинои тоҷик дар солҳои 2011 -2015.- Душанбе, 2016.- С. 41.

тамошобинон пешниҳод карда шуданад. Барои иштирок дар ин фестивал ба Тоҷикистон аз 30 кишвари дунё мутахасисони соҳаи синамо ташриф овярданд.

Дар кинофестивали байналмилалии «Дидор» дар соли 2012 ба маърази тамошо филмҳои калонҳаҷм гузошта шуданд, аз ҷумла «Саҳробача», коргардонҳо Шамил Алиев ва Ёвар Оғли (Озарбойҷон), «Санги сабур»[2], коргардон Атик Раҳимӣ (Афғонистон-Франсия), «Сафеди намакин», коргардон Кетти Мачавариани (Гурҷистон), «Буғз», коргардон Ризо Домиршиён (Эрон), «Борони аввали баҳор», коргардонҳо Ерлан Нурмуҳамбетов ва Сано Сендзю (Қазоқистон- Ҷопон), «Малика Назик», коргардон Эркин Садиев (Қирғизистон), «Бӯи об», коргардон Мунхзул Чулуунбаат (Муғулистон), «Осмони дигар», коргардон Дмитрий Мамулия (Россия), «Зиндагии дермонда», коргардон Аюб Шаҳобиддинов (Ӯзбекистон), «Чарх», коргардон Шаҳзода Раҷабова (Тоҷикистон)[1].

Гуфтан зарур аст, ки Дар озмуни кинофестивали байналмилалии филмҳои кутоҳҳаҷм филмҳои зерин ширкат варзиданд: «Роҳнамо», коргардон Фариз Аҳмадов (Озарбойҷон), «Насима» - навиштаҳо аз хотираҳои духтари муҳоҷир», коргардон Саҳро Каримӣ (Афғонистон-Словакия), «Туи, ки сарзаминат ин ҷо нест», коргардон Муҳаммад Ҳасани (Афғонистон), «Сарборӣ кардани зиндагии худ», коргардон Арутюн (Арманистон), «Ин ҳамаро ки офарид?», коргардон Юрий Чирковский (Гурҷистон), «Пухта, сӯхта, хом», коргардон Шахроа Мукрӣ (Эрон), «Халта», коргардон Бегалӣ Шибикеев (Қазоқистон), «Мӯсо: баҳр дар ботин», коргардон Эмил Атагелдиев (Қирғизистон), «Барои чӣ?», коргардон Баттулг Сувид (Муғулистон), «Баҳри ҳавасҳо», коргардон Шота Гамисония (Россия), «Хорсаро», коргардон Руми Шоазимов (Тоҷикистон), «Назар», коргардон Умед Ҳамдамов (Ӯзбекистон) ба маърази тамошобинон пешниҳод шудаанд. Мавҷуд будани шароити лозима барои

[2] Атоева Р. “Документальное кино в фокусе.” -Душанбе, 2011. 184 с.
[1] “Энсиклопедия кино Таджикистана” - Душанбе: “Эрграф”, 2012. 396 с.

истеҳсол ва намоиши филмҳо дар театрҳо хело муҳим аст. Агар таҷҳизоти муосир барои кинофилмҳо мавҷуд бошад ва инфросохтор вуҷуд надошта бошад, соҳаи синамо пешрафт нахоҳад кард. Ин қонуни иқтисодиёти бозор аст. Дар давраи ҳозира дастгирии кадрҳои ҷавон хело муҳим аст. Муҳим аст, ки одамон омӯзанд.

Дар баробари ин, аксари ҷавонон аллакай ба муаррифии филмҳо шурӯъ кардаанд. Онҳо мекӯшанд, ки истеъдоду маҳорати худро сайқал диҳанд ва филмҳои миллиро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд.

Яке аз меҳмонони баландмартабаи Фестивали байналмилалии кинематографистони ИДМ ва кишварҳои Балтика раиси Конфедратсияи Иттифоққои киноматографистони ИДМ Р. М. Ибрагимбеков маҳсуб меёфт. Ӯ бо шахсони масъули Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла сарвазири кишвар, раиси Кумитаи телевизион ва радиошунавонӣ, раиси Иттифоқи киноматографистони Тоҷикистон ва киностудияи "Тоҷикфилм" вохӯриҳо гузаронидааст. Ӯ ба фестивали синамоии "Дидор" дар минтақаи Осиёи Марказӣ баҳои баланд дод[1].

Соли 2013 дар кинофестивали байналмилалии шаҳри Пусани Кореяи Ҷанубӣ филми Носир Саидов "Оинаи беҷило" ба маърази томошо гузошта шуд. Дар ин фестивал 299 филм аз 70 кишвари ҷаҳон нишон дода шуда буданд. Филми «Оинаи беҷило» барои ширкат дар фестивали байналмилалӣ, ки дар шаҳри Ченнаи Ҳиндустон баргузор гардид, низ даъват карда шуд. Соли 2013 филми коргардон Содиқи Обидӣ «Марде дар орзуи зани панҷум» дар фестивали байналмилалии синамо (BIFF) дар шаҳри Бостони ИМА бо ҷоиза мукофотонида шуд. Барои иҷрои нақши занона Таҳмина Раҷабова барандаи телевизиони «Сафина» ба гирифтани ҷоизаи «Беҳтарин образи зан» дар ин кинофестивали байналмилалии «International Film Festival»[2] дар Ҳиндустон ноил гардид.

---

[1]Неққадамов Т. "Дурахши синои тоҷик" - Душанбе: Ирфон, 2011. 304 с.
[2]Rahimov S. Unknown Cinema of Tajikistan in Period 0f Transition: Caos Begins in Midist of Storm (1988- 1995) / The Unknown New Wave of Central Asian Cinema. – South Korea: Busan International Film Festival, 2013, 209 p., - PP. 27 – 117,204, 207.

Соли 2013 дар фестивали сеюми байналмилалии синамои кишварҳои ИДМ «Қирғизистон – кишвари филмҳои кӯтоҳҳаҷм» дар шаҳри Бишкек, филми кутоҳҳаҷми коргардони ҷавони тоҷик Шарофат Арабова “Байни” ғолиб баромад ва ба ҷоизаи «Филми беҳтарин» ноил гашт.

Дар ин филм коргардони ҷавони тоҷик Шарофат Арабова доир ба ҳаёт ва мушкилоти муҳоҷирони қабилаҳое, ки дар Ҳиндустон ба сар мебаранд, ҳикоят мекунад. Муҳоҷирон, бе он ки чандин солҳо дар ин макон ба сар мебаранд, аммо ба онҳо ҳамчун ба бегонагон назар мекунанд. Агарчи онҳо ба ин маконҳо барои дарёфти ҳаёти осоишта ва хушбахтона муҳоҷират карда буданд[1].

Боиси тазаккур аст, ки бо ташаббуси Иттифоқи синамогарони тоҷик ва сафоратхонаи Қирғизистон аз 15 то 17-уми январи соли 2013 дар толорҳои Хонаи кино намоиши филмҳои синамогарони Қирғизистон “Кӯҳҳои сафед”, “Муаллими нахустин”, “Бешкампир”, “Машқи оркестр”, “Манасчӣ”, “Инҳо аспанд”, “Кулоҳ” ба тамошо гузошта шудаанд. Аз 25 феврал то14 марти соли 2013 дар шаҳри Ҳирот фестивали байналмилалии занони синамогар баргузор гашт. Дар он занҳои коргардони Тоҷикистон филмҳои худро ба намоиш гузоштанд.Дар фестивали “Кинотавр-24”, ки дар Сочи аз 2 то 9 июни соли 2013 баргузор гашт, котиби ИСТ С. Раҳимов дар он ширкат варзид.

Ӯ дар баҳсҳои “Мизи мудаввар”[2] ширкат варзида ва суханронӣ намуд. Дар ин фестивали кушод намоиши филмҳои кӯтоҳ баргузор гашт. Доир ба таассуроташ аз фестивал С. Раҳимов баъди бозгашт ба ватан гузориш дод.[3]

Дар ин синамобазм филми коргардони тоҷик Бахтиёр Худойназаров “Дар интизори бахр” намоиш дода шуд. Ба ғайр аз ин, дар ин фестивал намояндаи дигари синамогарони тоҷик дар бахши филмҳои кӯтоҳметраж Румӣ Шоазимов иштирок дошт. Ӯ филми “Хористка”- ро ба маърази

[1]Файзали Ф. Дастовардҳои синамои тоҷик. /Ф. Файзали. // Ҷумҳурият. 2014. 3 - январ.
[2]Раҳимов С. “Синергетический реализм”, или таджики на “Кинотавре-24”// Азия плюс,№ 46 (831), 2013
[3]Раҳимов С. Нақши тоҷикон дар ҷашнвораи “Кинотавр-24”. // Баҳори Аҷам, 17 майи соли 2013.

тамошо гузошт. Тоҷикистонро дар “Кинотавр – 24” директори барномавии фестивал Ситора Алиева ширкат мекард. Ӯ бо гурӯҳи кории худаш аслан барномаи фестивалро таҳия кард, ки дар он навгониҳои зиёде ба чашм мерасид. Мавсуф дар чандин кинофестивалҳои байналмилалӣ ба ҳайси аъзои доварон ширкат карда, Тоҷикистонро намояндагӣ мекард. Чунончи дар синамобазми “Шабҳои тира” (Эстония), дар Ҳайдарободи Ҳиндустон, Мар- дел- Платеи Аргентина, Котбуси Олмон ва ғайра.

Рӯзҳои 22-23-уми июни соли 2013 дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои синамои Тоҷикистону Россия дар Душанбе дар Хонаи синамо (собиқ кинотеатри Зебунисо) “Кинотавр” гузаронида шуд.

Дар ин чорабинӣ намоиши озоди филмҳои кӯҳтометражи “Кинотавр – 24” доир гардид. Фарҷоми ин намоиш баҳс дар гирди мушкилоти умумии синамои ҷавон буд.

Дар ҷумҳурӣ дар “Кохи Ҷомӣ” намоиши филми “Аз паси ду харгӯш” истеҳсоли Украина ба маърази тамошо гузошта шуда буд. Ҳамин сол рӯзҳои 12-16 октябр Рӯзҳои синамои Россия таҳти сарварии С. Ш. Алиева дар Тоҷикистон баргузор гардид. Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ дар ифтитоҳи ин чорабини ширкат варзиданд. Ин маърака ба фестивал ва ҳамкориҳои синамогарони Россия ва Тоҷикистон табдил ёфт. Ҳамзамон дар Душанбе бо ибтикори Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ӯлҷабоева маҳфили эҷодии рассоми театру синамо дар ҳошияи Рӯзҳои синамои Россия доир намуд. Аз 3 то13 октябри соли 2013 дар Эрон фестивали байналмилалии синамо баргузор гашт, ки дар он ба ҳайси довар С. Раҳимов ширкат варзид.

Дар доираи ҳамкориҳои ИСТ бо конфедратсияи ИС ИДМ ва назди Балтика чанд сафари корӣ анҷом ёфтааст[1]. Моҳи августи соли 2013 роҳбари ИСТ С. Ҳақдодов ба Ереван ва Москва сафар намуда, дар

[1]Рахимов С. В Душанбе. «Кинодом Махмальбаф» / авторсоставитель Гульнара Абикева. – Москва: Новое литературное обозрение, 2013. – 368 с.: ил., С. 266 – 275. ISBN 978 – 5 4448 – 0092 – 8.

кинофестивали “Зардолуи тиллоӣ” ва ҷаласаи сарварони иттифоқҳои синамогарони ИДМ ширкат варзидааст.

Дар Кохи Ҷомӣ рӯзҳои 23-26 октябри соли 2013 фестивали нахустини филмҳои Лаҳистон баргузор гардид ва дар гузаронидани ин фестивал роҳбарияти ИСТ дар кори тадорукотӣ фаъолона ширкат варзид.

Шашумин синамобазми байналмилалии “Дидор” дар Рӯзи синамои тоҷик 16 октябри соли 2014 баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо ибтикор ва ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии “Дидор”, Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон, Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон, Киностудияи давлатии “Тоҷикфилм” баргузор гардид. Дар он давлатҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Арманистон ва кишварҳои ҳамзабони мо Афғонистон ва Эрон ширкат варзиданд. Ҷашнвораи бошукуҳро Ташкилоти байналмилалии Институти “Ҷамъияти кушода”, Бунёди мадад дар ҶТ, Дафтари Швейтсария доир ба ҳамкорӣ дар ҶТ, ширкати мобилии “Мегафон” пас аз дарки зарурат ва моҳияти ин синамобазм онро маблағгузорӣ намуданд. Ширкати байнидавлатии телевизион ва радиои “Мир” синамобазми “Дидор”- и Душанбе - 2014”- ро аз ҷиҳати иттилоотӣ дастгирӣ намудааст.

Ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин самт ҳангоми доиршавии кинофестивали 16-20 октябр соли 2014 назаррас буд. Ин синамобазм ба 110- солагии Комил Ёрматов бахшида шуда буд, ки ӯ ҳамчун асосгузори синамо дар Тоҷикистону Ӯзбекистон шинохта мешавад. Дар кинотетри Зебунисо филмҳои нави синамогарони тоҷику ӯзбек дар ин муддат ба тамошобинон пешниҳод шуданд. Фестивали дуюми филмҳои Лаҳистон дар Тоҷикистон рӯзҳои 13-15 декабри соли 2014 дар кохи “Ҷавонон”-и шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Дар ин фестивал ба китобхонаи маркази вилояти Суғд китоби “Энциклопедияи кинои Тоҷикистон” расман супорида шуд.

Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон рӯзҳои 18-25 нвари соли 2015 Ҷашнвораи байналмилалии филми кӯтоҳ дар вилояти Мозандарон

баргузор гардид, ки барои ширкат дар он раиси Иттифоқи синамогарони тоҷик С. Ҳақдодов ва директори киностудияи давлатии “Тоҷикфилм” Н. Саидов даъват шуданд. Дар ин ҷашнвора масъалаҳои ҳамкориҳои касбӣ миёни синамогарони ду кишвар матраҳ шуданд.

Фестивали сеюми синамои Лаҳистон дар Тоҷикистон зери унвони “Висла” рӯзҳои 11-13 июни соли 2015 доир гардид, ки дар тадоруки он Иттифоқи синамогарони тоҷик ва роҳбарияти “Тоҷикфилм” саҳми худро гузоштанд.

Котиби ИСТ С. Раҳимов, директори киностудияи “Тоҷикфилм” Н. Саидов ва Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Исоева аз 9 то 15 марти соли 2015 дар Озарбойҷон дар Рӯзҳои синамои тоҷик дар ин кишвар ширкат варзиданд. Дар радифи дигар ҳамкасбони тоҷик котиби ИСТ тавассути шабакаи телевизиони Озарбойҷон доир ба ин маъракаи фарҳангӣ гузориш дод. Пас аз ин номбурда рӯзҳои 17-18 марти соли 2015 дар шаҳри Алма-Ато дар конфренсияи байналмилалӣ доир ба истифодаи технологияи навтарин ширкат варзида, суханронӣ кард.

Бо Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 2015 ҳамкориҳои зиёди эҷодию намоишдиҳии муштараки синамо авҷ гирифтанд. Ҳамин тариқ, аз 25 апрели то 3 майи ҳамон сол дар Теҳрон Ҷашнвораи 33-юми байналмилалии синамои “Фаҷр” доир гардид, ки дар бахши синамои Осиёи Марказӣ филми Сафар Ҳақдодов, коргардон Н. Саидов бо номи “Муаллим” барои беҳтарин нақши мардона соҳиби ҷоиза гашт. Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Марат Орифов ҷоизаи “Симурғи булӯрин” ва мукофотпулиро соҳиб гашт. Дар охири соли 2015 бо ташаббуси Ройзании фарҳангии Эрон ва ИСТ Рӯзҳои филмҳои Эрон дар Тоҷикистон доир карда шуд. Дар ифтитоҳи он вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Орумбекзода ва сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатулло Фагони суханронӣ намуданд, инчунин сафирони Чин, Ҷопон, Қазоқистон ва Озарбойҷон низ дар ин маърака ҳузур доштанд. Дар барномаи “Рӯзҳои филмҳои Эрон” филмҳои зерин ба маърази тамошо гузошта шуданд: “Овози гунҷишкҳо”, “Имрӯз”,

“Як ҳабба қанд”, “Ҳавзи наққошӣ”, “Яке мехоҳад бо ту ҳарф бизанад”, “Як сарт воқеият” ва дар фарҷоми марака филми “Панҷ ситора” намоиш дода шуд[1].

Филми коргардони ҷавон М. Тӯйчиев “Қатра” , ки дар ҳамкорӣ бо Ҳ. Фозилӣ – синамогари Афғонистон ба навор гирифта шудааст, дар Фестивали панҷуми байналмилалии “Қирғизистон кишвари филмҳои кӯтоҳметра” соҳиби ҷоизаи махсус гардид. Ин маърака дар кинотеатри “Манас”-и шаҳри Бишкек 15 декабри соли 2015 баргузор гардид.

Ба андешаи мо санъати синамо як соҳаи фарҳангест, ки бе ҳамкории техникӣ, технологӣ, эҷодӣ, касбомӯзӣ, аз худ кардани забони кино ва дигар масъалаҳо рушд карда наметавонад. Аз мулоҳизаҳо, далелҳо ва рақаму оморҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки синамогарони тоҷик дар ин самт дар марҳилаи нави рушди синамо корҳои зиёде ба сомон расонидаанд. Дар чорчӯбаи синамобазми “Дидор” тавонистанд, ки на танҳо кишварҳои дуру наздикро ба ҳамкорӣ ҷалб кунанд, балки бо қобилияти баррасии зарурат ва моҳияти ин синамобазм, сарпарастони зиёдеро баҳри равнақи ҳамкориҳои судманд дар соҳаи синамои тоҷик ба ҷараёни кор ҷалб намоянд.

Чунончи аён гардид, асосан дар давраи мавриди таҳқиқ синамогарони тоҷик дар доираи Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон, Муассисаи давлатии синамо ва видео “Тоҷиккино” ва студияи давлатии “Тоҷикфилм” ба ҳамкориҳои зиёди судманд бо синамогарони кишварҳои дуру наздик ноил гарданд. Ин ҳамкориҳои хориҷӣ боиси рушди кинои тоҷик шуданд.

Таъкиди ин нукта зарур аст, ки санъати синамои тоҷик дар солҳои 1991- 2016 куллан таҳавулоти ҷиддиро аз сар гузаронида, дар он тамоюлҳои нав ба вуҷуд омаданд. Ин таҳаввулоту тамоюлҳои нав дар ҳамкорӣ бо синамогарони кишварҳои дуру наздик ва дигаргуниҳои ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дохили кишвар ба миён омаданд. Синамогарони тоҷик ба тамоми мушкилот, норасоиҳо, нобасомадҳо нигоҳ накарда, дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ синамои тоҷикро бо

---

[1]Арабова Ш. “Таърихи кинематографияи тоҷик.”- Душанбе, 2014. 300 с.

таҳаввулот ва тамоюлҳои нав мутобиқ карда, бахри ривоҷу равнақи он тамоми нерӯи эҷодии худро масраф карданд.

Бояд гуфт, ки санъати синамои тоҷик дар давраи истиқлолият ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардидааст ва мутахассисони соҳа бо имкониятҳои мавҷуда ба филмофарӣ пардохтанд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бахри ба низом даровардани фаъолияти бо мароми самараноки санъати синамои тоҷик чанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва тасдиқ карда шуданд. Ҳамчунин чорабиниҳои зарурии ташкили-ташвиқии синамо дар кишвар ба роҳ монда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки мутахассисони соҳа дар филмофарӣ бештар ба асарҳои миллӣ, таърихӣ ва тамоюлҳои фарҳангии халқамон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва дар ин самт бисёр корҳои ҷолиб бахри ташвиқи арзишҳои асосии миллӣ ба анҷом расонида шуда истодаанд.

Мо чунин мепиндорем, ки барои рушди бо мароми санъати синамо ҳамкориҳои техникӣ, технологӣ, эҷодӣ, касбомӯзӣ, аз худ кардани забони кино ва дигар масъалаҳо бо синамогарон, коршиносон, коргардонҳои варзидаи кишварҳои дуру наздик зарур аст. Синамогарони тоҷик дар ин самт дар марҳилаи нави рушди синамо бо синамогарони кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, корҳои зиёде ба сомон расонидаанд. Дар чорчӯбаи ин муносибатҳои байналмилалӣ дар синамобазмҳои байналмилалӣ, ба монанди “Дидор”, “Фаҷр”, Фестивали синамои Лаҳистон “Висла”, кинофестивали байналхалқии «International Film Festival» дар Ҳиндустон, кинофестивали байналмилали “Кинотавр” ва ғайра тавонистанд, ки на танҳо кишварҳои дуру наздикро ба ҳамкорӣ ҷалб кунанд, балки дар доираи ин ҳамкориҳои судманд дар соҳаи синамои тоҷик ба ҷараёни нави кору фаъолияти соҳа ноил гарданд.

Чунончӣ айён гардид, асосан дар давраи мавриди таҳқиқ синамогарони тоҷик дар доираи Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон, Муассисаи давлатии синамо ва видео “Тоҷиккино” ва студияи давлатии “Тоҷикфилм” ба ҳамкориҳои зиёди судманд бо синамогарони кишварҳои

дуру наздик ноил гарданд. Ин ҳамкориҳои хориҷӣ боиси рушди кинои тоҷик шуданд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки санъати синамои тоҷик комилан ба марҳилаи нави рушди худ қадам гузоштааст. Синамогарони тоҷик тамоми нерӯи зеҳнии худро баҳри пешбурди соҳа сарф намуда, навгониҳои техникию технологии банаворгирӣ ва истеҳсоли филмҳои навро ҷорӣ намуда истодаанд. Аммо ин чораҳо ва пешравиҳои синамои тоҷик ҳоло кофӣ нестанд. Равнақ додани ҳамкориҳои эҷодӣ, техникӣ, технологӣ бо шариконии хориҷӣ барои пешрафти санъати синамо зарур аст.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳаёти фарҳангии кишвар дар марҳилаи нави рушди худ ба таваҷҷуҳи хоси аҳли ҷомеа ниёз дорад, зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон пеш бурдани фарҳанги миллӣ, нигоҳ доштани он, яке аз вазифаҳои муҳимми таърихии миллати мо ба шумор меравад. Доир ба вазъи санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2016 таҳқиқотро анҷом дода, дар рафти омӯзиши вазъи санъати саҳнавӣ масъалаҳои фаъолияти театрҳои касбӣ, рушди санъати мусиқӣ, вазъи синамои тоҷикро мавриди тадқиқ қарор додем. Масъаларо таҳқиқ карда, доир ба театр ва санъати театрӣ мо ба чунин хулоса расидем:

1. Театр ва санъати театрӣ, ки дар ҷумҳурии мо соҳаи нисбатан нави санъат ба шумор меравад, дар даврони истиқлолияти кишвар, новобвста аз мушкилоти баамаломада, мавқеи худро нигоҳ дошта, инкишоф меёфт. Воқеъаҳои солҳои 90-ум ба ин соҳа хело таъсири манфӣ расонида, боиси пастравии фаъолияти комили театрҳои касбии ҷумҳурӣ гардидааст.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти санъати театриро барои инкишофи комили ҷомеа ва умуман, давлатро дарк намуда, баҳри рушди минбаъдаи театр ва санъати театрӣ сол аз сол таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд [2-М].

3. Дар ғанӣ гардонидани ҳаёти маънавии мардуми кишвар санъати театрӣ бо ба саҳна гузоштани намоишномаҳои таърихӣ ва ба рӯзгори халқ наздик саҳми арзанда дорад.

4. Театрҳои касбии тоҷик дар эҳёи мероси фарҳанги моддиву маънавӣ, равнақи худшиносӣ, эҳёи арзишҳои асосии миллӣ, нишон додани намоишномаҳо аз таърихи ниёгон, баланд бардоштани сатҳи маънавиёти мардуми кишвар дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидиро бозидаанд.

5. Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санъати театрӣ ба равнақи санъати мусиқии миллӣ, адабиёт, санъати рассомӣ, ороишӣ бо назардошти нозукиҳои таърихӣ ва анъанавии миллӣ низ нақши муҳимму арзанда гузоштааст [4-М].

6. Бо ба инобат гирифтани мақоми санъати театрӣ Ҳукумати кишвар бахри беҳтар намудани шароити кор барои кормандони соҳа пайваста ғамхорӣ зоҳир намуда, маблағҳои муайянро барои таъмиру таҷдиди биноҳои театрҳои касбии ҷумҳурӣ ҷудо намудааст.

7. Аз чиҳати ҳуқуқӣ низ дар соҳаи санъати театрӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омада, як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти умумии театрҳо тасдиқ ва қабул карда шудаанд.

8. Репертуари театрҳо низ куллан тағйир ёфта, барои ҳар чӣ бештар дар ниҳоди мардум устувор намудани арзишҳои таърихию миллӣ асарҳои тозаэҷод ба саҳна гузошта шудаанд.

9. Дар солҳои 90-уми асри XX ҳудуди ҷумҳуриро тарк намудани теъдоде аз кормандони техникию эҷодӣ боиси коста гаштани фаъолияти самараноки театрҳои касбӣ гардидааст.

10. Сафарҳои ҳунарии театрҳои ҷумҳурӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар барои муаррифӣ намудани фарҳанг, таърих ва тамаддуни халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намуданд.

11. Фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ барои такмили маҳорати касбию эҷодии ҳайати кормандони театрҳои касбӣ саҳми босазо гузоштаанд.Барои таҷрибаомӯзӣ, табодули назар ва рушди ҳамаҷонибаи санъати театрӣ чунин фестивал-озмунҳо мусоидат намудаанд. Фестивал-озмунҳо умуман барои рушди ҳамаҷонибаи театрҳо ва баланд бардоштани сифати кор, ҳамкориҳои судманд, эҷодиёти нав, ороиш ва расомӣ, дар сатҳи баланд баргузор намудани намоишномаҳо ва ғайра аз манфиат холӣ набудаанд [1-М, 7-М].

12. Бо чандин ниҳодҳо ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаҳо ва қарордодҳои фарҳангӣ ба имзо расиданд, ки робитаҳои судманди театрҳои касбиро боз ҳам васеътар намуданд.

Муаллиф аз гуфтаҳои боло ба хулоса омада, чунин пешниҳодотро баҳри беҳтар шудани фаъолияти кори театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи муосир баррасӣ менамояд: фаъолияти касбии театрҳо бояд ба талаботи ҳаёти маънавӣ ва завқи бадеии ҳозираи тамошобин мутобиқ карда шавад; тамошобинро бо пешниҳод намудани намоишҳою саҳнаҳои ҷолиб бо сюжаҳои ба вай номаълум ва пешниҳоди баъзе муаммоҳои зиндагии имрӯза ба театр ҷалб намояд; театр таҷассумгари ҳаёти воқеӣ бошад ва мақоми калони назариявӣ-тарбиявиро дар ҳаёти ҷомеа дар амал касб намояд; дар насли нави ҷавони тоҷик сифатҳои ҷадидро равнақ диҳад; умуман ҳаёти театрро ба ҳаёти воқеии мардум наздик кардан зарур аст, то омма зарурати маънавии ин соҳаи саҳнавии санъатро дуруст дарк карда тавонад ва бо он наздик шавад.

13. Дар ҳаёти мусиқии кишвар (давраҳои аз соли 1991 то 2000 ва аз соли 2000 то 2016) равандҳои мухталифи сиёсӣ таъсиррасон буданд. Воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, устувор гардидани вазъи сиёсӣ ва даврai баркарору пешравии ҳаёти фарҳангии кишвар аз қабили ин падидаҳо буданд. Дар марҳилаи якум вазъи бухронӣ соҳаи мазкурро аз ҳама ҷиҳат пахш намуда, ба он таъсири манфӣ расонид. Дар ин солҳо бо тағйир ёфтани низоми сиёсӣ муносибатҳои фарҳангию мусиқӣ низ зери таъсири ин дигаргуниҳо қарор гирифтаанд. Теъдоде аз кадрҳои болаёқати соҳа маҷбуран ҷумҳуриро тарк намуданд ва бархи дигар касби худро иваз намуданд. [6-М].

Дар марҳилаи дуюм дар соҳаи фарҳанги мусиқӣ ҷустуҷӯи роҳу воситаҳо барои баромадан аз вазъи бухронӣ сурат гирифт. Дар ин самт ба оҳангсозон созмонҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳо дасти ёрӣ дароз намуда, консертҳои симфонӣ ва камеравиро ташкил намуданд. Бо дастгирии онҳо сафарҳои ҳунарӣ низ ба роҳ монда шуданд. Ҳамчунин дар

ин давра як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул шудаанд, ки барои рушди ҳаёти мусиқӣ ва фарҳангии Тоҷикистон аҳамияти калон доштанд. Чунончӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рушди минбаъдаи жанри “Шашмақом” дар Тоҷикистон” аз 12-уми майи соли 2000, Фармон “Дар бораи “Рӯзи Фалак”. 12-уми майи соли 2010 “Рӯзи Шашмақом”, 10-уми октябр “Рӯзи Фалак” элон шуданд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми майи соли 2003 “Дар бораи Консерваторияи миллии Тоҷикистон” барои рушди минбаъдаи санъати мусиқӣ дар Тоҷикистон аҳамияти бузург дошт.

Роҷеъ ба масъалаи мазкур мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ҳаёти мусиқии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX асосан, аз вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ вобаста буд ва дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ба ҳолати ногувор ва барҳамхӯрӣ расида буд;

2. Аз соли 2000-ум дар соҳаи санъати мусиқӣ анъанаҳои нав пайдо шудаанд, ки бахшида ба жанрҳои маъмули касбии мусиқии тоҷик – фалак, шашмақом ҷорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ баргузор карда мешаванд.

3. Дар ҷумҳурӣ мусиқии анъанавӣ, халқӣ, эстрадӣ, ҷаз, поп хело маъмул ва паҳнгашта мебошанд.

Барои амалисозии тавсияҳо ва бартараф намудани мушкилиҳою камбудиҳо дар соҳаи мусиқӣ, дастгирии давлат ва аз ҳама муҳим фаъолияти пурсамари ходимони соҳаи санъати саҳнавӣ хело муҳим ва натиҷабахш хоҳад буд.

14. Кишвари соҳибистиқлоламон бахри ҳифз, нигоҳдорӣ ва равнақу ривоҷи санъати мусиқии касбии халқи тоҷик кӯшишу ғайрат ба харҷ дода истодааст. Маҳз ба шарофати истиқлолият ва ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ чандин фарзандони фарзонаи миллат дар ҷодаи санъати мусиқии касбии тоҷик санъати волои мусиқии миллиамонро дар жанрҳои мухталиф равнақу ривоҷ додаанд, аз қабили Мастона Эргашова, Саидқул Билолов, Ҳаётой Муминова, Баҳруллоҳ Абдуллоев, Шоҳида Ҳошимова, Зебо Ризоева, Далер Назаров, Фирӯз Баҳор, Дамир Дӯстмуҳаммадов,

Амирбек Мӯсоев, Қудратулоҳ Ҳикматов, Хуршед Ниёзӣ, Шарофиддин Сайфидинов, Қудратулоҳ Яҳёев, Парвиз Туробӣ, Алишер Латифзода ва даҳҳо тани дигар. [5-М,7-М].

Бо вуҷуди ин дар самти мазкур мушкилиҳои зерин ба чашм мерасанд:

1. Норасоии мутахассисони варзида дар баъзе соҳаҳои мусиқии касбии тоҷик.

2. Таъминоти моддӣ –техникии муассисаҳои таълимии мусиқӣ ва ансамблҳои мусиқии касбӣ.

Дар марҳилаи нави рушди давлату давлатдории тоҷикон таваҷҷуҳ бештар ба эҳё ва нигоҳдорию густариши афкори мусиқии халқи тоҷик зоҳир карда шудааст. Гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки дар даврони муосири рушди соҳаи фарҳанг барои ривоҷу равнақи афкори мусиқии тоҷик чӣ дар дохил ва чӣ берун аз ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ-мусиқӣ ташкил ва гузаронида шудаанд. Мероси ғании моддӣ ва маънавии санъати мусиқии тоҷик имкон дод, ки дар марҳилаи нави рушди ҷомеа ҳамаи жанрҳои мусиқӣ дар кишвар баробар рушд кунанд. Махсусан, жанрҳои классикии санъати мусиқии халқи тоҷик бештар дар маркази диққати аҳли ҳунар, эҷод ва кормандони фарҳанги кишвар қарор доштанд.[1]

Дар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намудаанд. Чорабиниҳои асосии фарҳангии муаррифгари афкори мусиқии миллии тоҷик фестивал-озмунҳо, консертҳо ва сафарҳои ҳунарии дастаҳо ва ансамблҳои мусиқӣ маҳсуб меёбанд. Ҳамин тариқ, дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар дар самти равнақи афкори мусиқӣ ва тақвияти касбии мутрибон, эҷодиёти асарҳои мусиқӣ ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шудаанд. Ҳамин тариқ баҳри рушди минбаъдаи санъати мусиқии кишвар бояд корҳои зерин анҷом дода шаванд:

---
[1] Таджикская музыка. – Душанбе, 2003. - 296 с.

- баланд бардоштани сатҳи касбомӯзии навозандагони созҳои гуногуни миллӣ ва ҷаҳонӣ;

- дар муассисаҳои таълимии мусиқии кишвар корҳои таълимӣ ва омодакунии кадрҳои соҳибтахассус боз ҳам инкишоф дода шавад ва теъдоди муҳассилини ин муассисаҳо сол аз сол бояд зиёд шавад;

- баҳри ҳифз, нигоҳдорӣ ва равнақу ривоҷи санъати мусиқии касбии халқи тоҷик пайваста талош варзидан ҷоиз аст.

Доир ба вазъи санъати синамои тоҷик дар асоси маводи гуногуни ҳисоботӣ, матбуоти даврӣ, адабиёти илмӣ маълум мешавад, ки дар соҳа дар даврони солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкилиҳои зерин ҷой доштанд:

- норасоии техника ва технологияҳои муосири истеҳсол ва ба наворгирии филмҳо, яъне заминаи сусти моддӣ-техникӣ;

- кофӣ набудани самти маблағгузорӣ ва воситаҳои молиявӣ барои рушди соҳаи синамо;

- дар сатҳи минтақавӣ ва маҳалӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани зерсохтори саноати синамо;

- рақобатпазир набудани истеҳсоли филмҳо ва ба талаботи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқат накардани он;

- ҳавасмандгардонии сусти моддӣ-маънавии мутахассисони соҳа ва нарасидани кадрҳои баландихтисос дар саноати синамо ва ғайра [3-М].

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки санъати синамои тоҷик дар давраи истиқлолият ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардидааст. Дар ин росто мушкилиҳои зиёдеро паси сар намуда, мутахассисони соҳа бо имкониятҳои мавҷуда аз даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ ба филмофарӣ пардохтанд. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ба низом даровардани фаъолияти бомарому самараноки санъати синамои тоҷик чанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва тасдиқ карда шудаанд.

Ҳамчунин барои рушди бомароми санъати синамо ҳамкориҳои техникӣ, технологӣ, эҷодӣ, касбомӯзӣ, аз худ кардани забони кино ва дигар

масъалаҳо бо синамогарон, коршиносон, коргардонҳои варзидаи кишварҳои дуру наздик зарур аст. Синамогарони тоҷик дар ин самт дар марҳилаи нави рушди синамо бо синамогарони кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, корҳои зиёде ба сомон расонидаанд. Дар чорчӯбаи ин муносибатҳои байналмилалӣ синамобазмҳои байналмилалӣ ба монанди “Дидор”, “Фаҷр”, фестивали синамои Лаҳистон “Висла”, кинофестивали байналмилалии «International Film Festival» дар Ҳиндустон, кинофестивали байналмилалии “Кинотавр” ва ғайра тавонистанд, ки на танҳо кишварҳои дуру наздикро ба ҳамкорӣ ҷалб намоянд, балки дар доираи ин ҳамкориҳои судманд дар соҳаи синамои тоҷик ба ҷараёни нави кору фаъолияти соҳа ноил гарданд. [9-М].

Чунончӣ аён гардид, ки асосан дар давраи мавриди тадқиқ синамогарони тоҷик дар доираи Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон, муассисаи давлатии синамо ва видеои “Тоҷиккино” ва студияи давлатии “Тоҷикфилм” ба ҳамкориҳои зиёди судманд бо синамогарони кишварҳои дуру наздик ноил гарданд. Ин ҳамкориҳои хориҷӣ боиси рушди кинои ҷавони тоҷик гардидаанд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки санъати синамои тоҷик комилан ба марҳилаи нави рушди худ қадам гузоштааст. Синамогарони тоҷик тамоми нерӯи зеҳнии худро бахри пешбурди соҳа сарф намуда, навгониҳои техникию технологии банаворгирӣ ва истеҳсоли филмҳои навро ҷорӣ намуда истодаанд. Аммо ин чораҳо ва пешравиҳои синамои тоҷик ҳоло кофӣ ва қоноеъкунанда нестанд.

Дар соҳаи синамои тоҷик муассисаҳои “Тоҷикфилм”, “Тоҷиккино” дар сохтори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Дар тавозуни “Тоҷиккино” кинотеатрҳо, достгоҳҳои сайёри кинонамоишдиҳӣ, нурафканҳо ва дигар таҷҳизоти зарурӣ қарор доранд. Ин муассисаҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ филмҳои ҳунарӣ, мустанад, кӯтоҳметраж, тасвириро ба навор гирифта, итеҳсол мекунанд. [3-М, 10-М].

Аммо дар ин соҳаи мазкур мушкилиҳои зерин ҷой дорад:

•Маблағгузории мавҷуда ва вазъи умумии молиявӣ қонеъкунанда нест. Зеро бо пешрафти техникӣ- инноватсионӣ талаботи тамошобинон боло рафта, истеҳсоли филмҳои рақобатпазир маблағи бештарро талаб мекунанд;

•Техникаю технологияи муосири рақамӣ, мултимедӣ, видеоӣ, шабакаи байналмилалии Интернет омилҳои асосии коҳишёбии тамошобинони кинотеатрҳо гардидаанд;

•Нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираи кинои тоҷик, ки аз филмҳои гуногун иборат аст ва фонди тоҷиккинoро ташкил медиҳад, пурра ба талабот ҷавобгӯ нест;

•Корхонаи "Тоҷиккино" бо сабаби нарасидани маблағҳои зарурӣ наметавонад, ки филмҳои миллии истеҳсолшударо паҳн кунад ва ба маърази тамошобинон пешниҳод намояд. Инчунин имкон надорад, ки биноҳои кинотеатрҳоро таъмир кунад ва таҷҳизоти заруриро харидорӣ намояд. Яъне фаъолияти оинномавии корхона ба талаботи замон ҷавобгӯ нест;

•Кинотеатрҳои дар тавозуни "Тоҷиккино" қарордошта ба таъмири асосӣ ва таҷҳизонӣ ниёз доранд.

Омода намудани мутахассисони баландихтисос ва такмил додани тахассуси кормандон яке аз масъалаҳои асосӣ ва ҷиддии ҳама гуна соҳа маҳсуб меёбад. Дар соҳаи синамои тоҷик низ дар марҳилаи нави рушд ин мушкилӣ ҷой дорад, ки омилҳои он чунинанд:

•"Тоҷикфилм" ба чунин мутахассисон ниёз дорад: филмноманависон, коргардонҳо, садобардор, танзимгарони синамо, танзимгари садо, наворбардорон, коргардони овоз, пардозгари филм ва рассомон.

•"Тоҷиккино" ниёз ба чунин мутахассисон дорад: кормандони техникӣ, киномеханик, тарҷумони филмҳо, танзимгари симо ва садо, киношинос, мененҷер, коргардони овоз, муҳандис, рассом ва тарроҳ;

•Ҷалби бештари мутахассисони соҳа чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар ба фаъолияти филмофарӣ.

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар солҳои охир саноати истеҳсоли филмҳо ба давраи нави ривоҷу равнақи худ ворид шудааст. Истеҳсол, мазмун, мундариҷа, сифат ва касбияти филмофарӣ беҳтар гардидааст. Солҳои охир филмҳои тозаэҷоди синамогарони тоҷик дар синамобазмҳои байналмилалӣ соҳиби ҷоизаҳои гуногун гардидаанд.

Баҳри беҳбуд бахшидан ба фаъолияти соҳа чунин пешниҳод мешавад:

- густариши ҳамкориҳо дар самти омода намудани мутахассисон ҳар чӣ бештар ба роҳ монда шавад;
- бо кишварҳои Россия, Фаронса, Англия, Италия, Эрон, ИМА ва дигар давлатҳо шартномаҳо доир ба таҳсилоти олии касбӣ ба имзо расонида шаванд;
- дар ҷумҳурии мо танҳо муассисаи давлатии таълимии ДДФС ба номи М. Турсунзода ба тайёр намудани баъзе мутахассисони он соҳа машғул аст, ки ин нокифоя аст. Аз ин рӯ, ҳоло дар соҳаи синамо омода кардани кадрҳои баландихтисос ва истеҳсоли филмҳои дар бозори кино рақобатпазир ба роҳ монда нашудааст;
- ҷалби маблағгузориҳо ба соҳа ва ташвиқи кинои муосири тоҷик мутобиқ ба талаботҳои муосири саноати синамои ҷаҳонӣ.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1.Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### Маводҳои бойгонӣ:


1.Центральный государственный Архив Республики Таджикистан: ф. 1483 от.9, д.9 лл.106,107, 111. Протокол № 14 заседания коллегии от 15 сентября 1971 г. Текущий архив СК РТ. «Фонд 100-летия мирового кино» от 9 декабря 1994 г.

2.Текущий архив СК РТ. Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). -М.,1997. - С.87-88.

3.Текущий архив СК РТ. Отчет о работе Конфедерации в 1999 г. Копия приглашения. - Л.1.

4.Текущий архив СК РТ. Решение Совещания представителей кинематографических организаций государств, чьи материалы хранятся в коллекции Госфильмофонда СССР. Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). – М., 1997. – С. 32-33.

5.Текущий архив СК РТ. Решение Совещания представителей кинематографических организаций государств, чьи материалы хранятся в коллекции Госфильмофонда СССР. Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). –М., 1997. – С. 32-33.

6.Текущий архив СК РТ. Форум национальных кинематографий стран СНГ и Балтии. /Материалы о работе Конфедерации Союзов кинематографистов (1990-1997). - М.,1997. – С. 21.

7.Бойгонии ҷории Театри драмавӣ-академии ба номи А.Лоҳутӣ // Ҳисоботи эҷодӣ ва молиявии Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ [Матн] дар солҳои 1991-1999.

8.Бойгонии ҷории Театри академӣ -драмавии ба номи А. Лоҳутӣ [Матн] // Ҳисоботи семоҳаи якуми соли 2000.

9. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Барномаи гузаронидани Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия аз 6 то 8-уми октябри соли 2005.
10. Бойгонии ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов [Матн] // Фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои 1997- 2007.
11. Барномаи консертӣ аз бойгонии ҷории Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. [Матн] -2009-30-юми апрел.
12. Бойгонӣ ҷории Театри давлатӣ - академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ [Матн] // Ҳисоботҳои муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар солҳои 2010-2016.
13. Бойгонӣ ҷории Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ [Матн] // Ҳисоботи нуҳмоҳаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар соли 2010.
14. Бойгони ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Барномаи гузаронидани Рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 то 11-уми октябри соли 2010.
15. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷузвдони муносибатҳои шартномавӣ [Матн]. С. 2-5.
16. Бойгонии ҷории Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов //Ҳисобот оид ба фаъолияти Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов дар солҳои 1990 – 2012.
17.Бойгонии ҷории Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи А. Лоҳутӣ // Ҳисоботи солонаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ дар солҳои 1999 – 2016.
18. Бойгонии ҷории Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский. // Фаъолияти эҷодии Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский аз соли 1991 то 2016.

19. Бойгонии ҷории Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ // Ҳисоботи солонаи муассисаи давлатии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар соли 2015.
20. Америкоӣ дар Тоҷикистон. Барномаи консертӣ аз бойгонии шахсии Н. Нурҷонов [Матн]. 1996, март

**Асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон:**

21. Rahmonov, Emomali The tajiks in the mirror of history.V.1 From the Aryans to the samanids/ Emomali Rahmonov.-London river editions limited Great Britain, 2006. – 216 p.
22. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Садои мардум. –2015. - 23 янв.
23. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Амфитеатр дар Боғи Ирам ( 5 сентябри соли 2011).
24. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ёздаҳум. -Душанбе: «Ирфон», 2011,- 576 с.
25. Эмомалӣ Раҳмон . Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ёздаҳум. - Душанбе: «Ирфон», 2016, -568 с.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ёздаҳум. - Душанбе: «Ирфон», 2013, - 632 с.
27. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён.- Душанбе: «Ирфон», 2012,- 676 с.
28. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: “ЭР–граф”, 2016. – 364 с.

**Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (Конститутсия, қонун ва қарорҳо)**

29. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2003. - №43. - 1 август.
30. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2004. - №12. С.694.

31. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009. - №12. С. 420.

32. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1997. - №23-24.- С.352.

33. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009. - № 553. - 5 октябр.

34. Барномаи фестивал аз бойгонии шахсии Нурҷонов Н, 2008, май;

35. Барномаи консерт-фестивалҳои "Баҳористон", бойгонии шахсии Нурҷонов Н., 2009, 15-19 май.

36. Барномаи консерт фестивалҳо, 2009, 15-19май.

37. Барномаи консерт фестивалҳо, 2010, 14-17 май;

38. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди синамо барои солҳои 2006-2010". Душанбе, 2005. - №362. - 4 октябр.

39. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди синамо барои солҳои 2011-2015" Душанбе, 2010. - № 572. - 30 октябр.

40. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 ". Душанбе, 2007. - №443. - 23 октябр.

41. Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №301 аз 23 июни соли 1993. «Дар бораи ташкили Академияи мусиқӣ дар шаҳри Хуҷанд» // Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, USAID, Бонки ҷаҳонӣ, ГИУП "Қонуният" – 1993, 25 июн.

42. Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барномаи рушди синамо барои солҳои 2006-2010. - Душанбе, 2005. - №362. - 4 октябр.

43. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ" // Ҷумҳурият. - 2002. 17 дек; Садои мардум. 2002, 14 дек.

44. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ"// Ҷумҳурият.-2009.-8 янв; Садои мардум, 2009.-10 янв.

45. Назаров Л. Падидаҳои мусиқии тоҷик дар фазои ҷаҳонии фарҳанги мусиқӣ // Паёмномаи фарҳанг.- 2012 г. №3
46. Назаров. Л. Падидаҳои мусиқии тоҷик дар фазои ҷаҳонии фарҳанги мусиқӣ // Помир.-2010.-№4-6,
47. Раънои М. Этиқод ба адабиёт. / М. Раънои. //Адабиёт ва санъат. – 2015. - 9 апрел.
48. Фестивали “Баҳористон”//Адабиёт ва санъат.-2008, 8 май.

**Маҷмӯаҳои оморӣ:**

49. Маърӯзаи ҳисоботии раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон Ҳақдодов С. М. барои анҷумани XI, бо таҳлили фарогири авзои кинои тоҷик дар солҳои 2011 -2015. – Душанбе, 2016. - 109 с.
50.Натиҷаҳои фаъолияти Вазорат фарҳанг дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. Душанбе: “Истеъдод,” 2017. - 165 с.
51.Оиди фаъолияти солонаи (1999) Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоду дархостҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор дар соли 2000-ум. - Душанбе, 2000. - 58 с.
52. Роҷеъ ба фаъолияти солонаи Вазорати фарҳанг ва итилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996)ва пешниодҳо оид ба самти минбаъдаи кори барои соли 1997. - Душанбе, - 1997. - 62 с.
53.Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2008.- Душанбе: “Матбуот,” 2008. - 53 с.
54. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009.- Душанбе: “Матбуот,” 2009. - 60 с.
55. Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2011 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2012.- Душанбе, 2011. – 42 с.

56.Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2014.- Душанбе: Истеъдод, 2014. - 79 с.

57.Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолият дар соли 2014 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2015.- Душанбе, "Матбуот", 2015. - 79 с.

58.Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016.- Душанбе: Истеъдод, 2016. - 121 с.

**Адабиёти умумӣ:**

59. Абдураҳмонов А. Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов. - Душанбе, "Истеъдод", 2012. – 60 с.

60. Абдурашидов А. Роҷеъ ба вазъи санъати Шашмақом дар асри XX ва паёмадҳои рушди он дар оғози қарни XXI. // Фарҳанги мусиқии тоҷик дар ибтидои асри XXI: авлавияти рушд. - Душанбе, 2010. - 39 с.

61. Абдуҷабборов А. Олами мафтункунандаи театр. (Ба ифтихори ҷашни бошукӯҳи 70- солагии Театри давлатии русии драма ба номи В.В. Маяковскийий) мураттиб А. Абдуҷабборов. - Душанбе, 2007. - 104 с.

62. Азизи Ф. Традиционная профессиональная музыка Таджикистана: приоритеты, проблемы, ршения (годы независмости). / Ф. Азизи // Очерки истории и теории культуры таджикского народа. - Т. 2. - Душанбе, 2010. - 484 с.

63. Азизова С. Таджикский кинематограф на рубеже XX и XXI веков. / С. Азизова // Республика Таджикистан в годы независимости (1991-2011).Сб. материалов республиканской научной конференции (Душанбе, 28 октября 2011 г.) - Душанбе: РТСУ, 2012. – 126 с.

64. Акрамова С. Х. История и историография музыкального искусства Таджикистана в первой половине XX века. / С. Х. Акрамова - Душанбе: ТНУ, 2015. - 144 с.
65. Акрамова С. Х. История изучения музыкалӣной културы Таджикистана (1946-2015гг.). / С. Х. Акрамова.- Душанбе: Дониш, 2017. -322 с.
66. Акрамова С.Х. Аз таърихи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик. / С. Х. Акрамова. - Душанбе, 1997. - 150 с.
67. Акрамова С. Х. Аз таърихи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик. / Акрамова С. Х. - Душанбе, 1997. - 150 с.
68. Акрамова, С. Х. История и историография музыкального искусство Таджикистана в первой половине XXвека. / С. Х. Акрамова. -Душанбе: ТНУ, 2015. - 144 с.
69. Арабова Ш. История таджикской кинематографии второй половины XX – начала XXI вв. / Ш. Арабова. - Душанбе, 2014. – 199 с.
70. Атоева, Р. “Документальное кино в фокусе”. / Р. Атоева, Душанбе, 2011. - 184 с.
71. Ахроров, А. Искусство кино. / А. Ахроров. - Душанбе: Ирфон, 1974.- 160 с.
72. Ғафуров, Б. Ғ., Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. / Б. Ғ Ғафуров. – Душанбе, 1983. - 250 с.
73.Гӯрӯғлӣ. Эпоси халқии тоҷик. -М., 1987. - 120 с.
74.История таджикского народа. Том VI (Новейшая история) – Душанбе: «Империал Групп», 2011. - С. 586-588.
75.Каримова Р. Н. Культура Таджикистана в годы незавсисмости (1991-2011 гг.). / Р. Н. Каримова – Душанбе: «Дониш», 2013. – 212 с.
76.Неккадамов, Т. Дурахши кинои тоҷик. / Т. Неккадамов, – Душанбе: Ирфон, 2011.– 304 с.
77.Нурджанов, Н.Х., Кароматов Ф., Музыкальная жизнь советского Таджикистана, / Н.Х .Нурджанов,. Ф. Кароматов, -Душанбе, 1974-1975.- 60 с.

78. Расулиён, Қ. Нигоҳе ба равобити фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2004. - 86 с.

79. Расулиён, Қ. Арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ // Осори мунтахаб. Ҷ. 2. Душанбе, 2017.- С. 409-415.

80. Сохор, А. Музыка как вид искусства,/ А.Сохор, - М., 1970. - 49 с.

81. Фестивал- симпозиуми байналмилалии “Фалак”. (Душанбе, 2004: Кӯлоб, 2006) - Душанбе, 2009. - 52 с.

82. Ҳасанова М. Музыкальная жизнь Таджикистана (1991-2011) / М.Ҳасанова, - Душанбе, 2018.- С. 217.

83. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. Душанбе, 1989. - С. 340-347.

84. Энциклопедия кино Таджикистана. – Авторы-составители Г. Эльбаум, С. Рахимов. - Душанбе: «ЭР – граф», 2012. – 390 с.

85. Энциклопедия кино Таджикистана. Краткая история Таджикистана. - Душанбе, 2012. – 280 с.

86. Энсиклопедия кино Таджикистана. - Душанбе: “Эрграф”, 2012. – 394 с.

**2. Матбуоти даврӣ:**

**А) Маҷаллаҳо**

86. Набиев, В. Саҳми ҷавонони эҷодкор дар рушди фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол // Фарҳанг ва санъати Тоҷикистони соҳибистиқлол. / В. Набиев, - Душанбе: Эҷод, 2006. С. 69.

87 Назарова, Л. Фестиваль оркестров мира: музыкальный марафон. / Л. Назарова // Паёмномаи фарҳанг.-2009, №1.- С. 15.

88 Нурҷонов Н. Вазъияти театри тоҷик. / Н. Нурҷонов // Садои Шарқ -1991, №1 - С. 121-128.

89. Орипов Ш. Парвози нави «Парасту” бо навои Андалеб. / Ш. Орипов. // Тоҷикистон 2001, № 5.- С. 30-31.

90. Салимҷонов, М. Фарҳанги маънавӣ ва худшносии миллӣ./ М. Салимҷонов. // Паёмномаи фарҳанг.- 2008, № 11- С. 3- 6.

91. Самадов, А. И Зафар ва шикаст. / А. Самадов. //Садои Шарқ. – 2006. - № 4. - С.13. (русӣ)

**Б) Рӯзномаҳо**

92. Ахмедова, Е. Консерти “Сурудҳои собиқ”-ро хуб пазирои карданд. / Е. Ахмедова // ASIA-Pius.-2004.-15-уми апрел.
93. Аҳмадзода, Ш. Армуғони рус. / Ш. Аҳмадзода // Садои мардум.-2004.-10 апрел;
94. Аҳсан, Россия! // ASIA-Pius.-2004.-25-уми ноябр.
95. Ашӯров. Ш. Дар Душанбе симпозими “Муассисоти таҳсилоти олии фарҳанг ва санъат дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ” мегузарад. /Ш. Ашуров // Азия-Плюс.-2011.-6-уми октябр.
96. Бабаджанова М. Музыка Шашмаком- шедевр устного и немотериального наследия человечества. / М. Бабаджанова // Вестник МИЦАИ. - 2007. №5.- С.12.
97. Бандишоев, Т., Ниёзова, Т. Ман худам не, балки аз тамоми Тоҷикистон намояндагӣ кардам / Т. Бандишоев, Т. Ниёзова // Народная газет. – 2008, 8-уми сентябр.
98. Бобоев, А. Ҷаҳони тоҷикон дар шашмақом аст. / А. Бобоев // Садои мардум . - 2003, 25 июн.
99. Бойгонии шахсии Н. Нурҷонов, март, 1997. Рӯзҳои фарҳанги Душанбе дар Москва // Ҷумҳурият. – 1997.-12-уми апрел.
100. В Исфаре звучит Шашмаком // ASIA- Plus. – 2003.-29 мая;
101. Воситзода, М. Когда возродятся кинотеатры? / М. Воситзода. // Джумхурият. – 2012, 3 мая.
102. Шамилли, Г. Фестиваль - симпозиум «Фалак-2009»: навстречу «Мелодии небес» // Музыка и время. -2010 №2, - С. 18-19.
103. Сафар Д. Ана филму мана филм! / Д. Сафарт // Адабиёт ва санъат. – 2014, 25 сент.
104. Дидор” – пропагандист настоящего кинот // Ҷумҳурият. – 2014. - 16 окт.

105. Дубинина, Л. Консерти Иосиф Кабзон дар Душанбет // Народная газет.-2007.-28-уми ноябр.
106. Екотерина Мичетина меҳмони мо // Адабиёт ва санъат. – 2007, 4 октябр.
107. Карим, М. Созҳои сарҳадгузар // Мароми пойтахт.- 2011, 20 апрел.
108. Кармен”- тухфаи хуби наврӯзӣ // Адабиёт ва санъат. – 2010, 1 апрел.
109. Карпова, З. Музыкальные дни города / З. Карпова // Народная газета. – 2007, - 1 августа.
110. Синамо ба дастгирии ҷиддӣ ниёз дорад //Ҷумҳурият. –2014.- 23 янв. (русӣ)
111. Қурбони, С. Театр: тамошобинро зуран набояд ба театр овард / К. Собир. //Адабиёт ва санъат. – 2015, 14 май. (русӣ)
112. Кушодашавии Рӯзҳои фарҳангии Москва дар Душанбе // Шоми Душанбе. – 1998, 21-уми март. (русӣ)
113. Мансурхоҷаев, М. Сурудҳои белорусӣ дар Тоҷикистон садо медиҳанд / М. Мансурхоҷаев // Народная газета. – 2007, 8-уми август. (русӣ)
114. Мансурхоҷаев, М. Қудсияти мусиқии муҳаббат. /М. Мансурхоҷаев // Народная газета.- 2007, 10-уми октябр. (русӣ)
115. Мусиқии Олам дар Душанбе садо медиҳад. // Шоми Душанбе,- 1995, 17 феврал. (русӣ)
116. Муносибатҳои халқҳо аз муносибати одамон вобаста аст // Народная газета – 2004.-14-уми апрел. (русӣ)
117. Мусиқии Т. Шаҳидӣ дар толори консертии ба номи П. Чайковский садо дод // Народная газет. – 2006, 14-уми июн.(русӣ)
118. Мустафоева, Л. Таҳмина Ниёозова - овози тиллои Тоҷикистон. / Л. Мустафоева // Ҳақиқати Суғд. – 2008, 9-уми сентябр.
119. Мустафоева, Л. “Донак” бачагонро аз кишварҳои ИДМ қабул кард. / Л. Мустафоева // Ҳақиқати Суғд.-2010, 22-юми декабр
120. Муҳаммадуллоҳ, Т. Лонаи гарми “Парасту” / Т. Муҳаммадуллоҳ // Ҷумҳурият, - 2001,- 19 апрел.

121. Муҳаммадҷонов, А. Мушкилоти театрҳои ҷумҳурӣ. / А. Муҳаммадҷонов // Адабиёт ва санъат- 1993, 8-феврал.
122. Назарова, Л. Бозгашти тӯлонии робитаҳои қавӣ / Л. Назаров // Народная газет.-2004, 8-уми декабр. (русӣ)
123. Назарова, Л. Гуногунрангии фестивали "Аржанг" /Л. Назарова // Народная газета.-2002, 12 июн. (русӣ)
124. Нозим, Н. Мақоми театрҳои ватанӣ ва эҳтиёҷоти иҷтимои //Адабиёт ва санъат –2015, 28 май. (русӣ)
125. Нурҷонов, Н. Театр аз роҳбарони ноӯҳдабаро то коргардонҳои заиф. / Н. Нурҷонов // Ҷумхурият. – 2015, 15 сент. (русӣ)
126. Нури ваҳдат – атрофи фестивали тоҷик "Аржанг"// Адабиёт ва санъат.-2002-14 июн; "Аржанг" // ASIA-Pius.-2002, 23 май.
127. Пианинонавози амрикоӣ дар Душанбе // Адабиёт ва санъат. – 2008, 3 апр.
128. Подвислова, В. Фаъолияти театр дар арафаи Наврӯз / В. Подвислова // Бизнес и политика.-1998, 21-27 март;
129. Подчоева, М."Суруди русӣ-иди маънавӣ." / М. Подчоева // Ҳақиқати Суғд. – 2009, 30 - юми сентябр.
130. Расулиён, Қ. Равобити байналмилалии кинои тоҷик // Адабиёт ва санъат. 1988, 2 ноябр.
131. Расулиён, Қ. Ситораҳои раҳнамо // Адабиёт ва санъат. 1987, 3 сентябр.
132. Расулиён, Қ. Ҳамкории филмсозони Эрону Тоҷикистон // Омӯзгор, 2001, 1 январ.
133. Расулиён, Қ. Сайре дар қаламрави фарҳанги Тоҷикистон // Ҳамроз, 2001, 5 январ.
134. Раҳимов, А. Шинохти миллату давлат аз фарҳанг аст / А, Раҳимов // Тоҷикистон.- 2009 № 10, С. - 8-9
135. Рӯзҳои фарҳангии Федератсияи Русия дар Тоҷикистон // Садои мардум.-2004.-15 апрел.

136. Rahimov, S. Unknown Cinema of Tajikistan in Period 0f Transition: Caos Begins in Midist of Storm (1988- 1995) / The Unknown New Wave of Central Asian Cinema. – South Korea: Busan International Film Festival, 2013, 209 p., - PP. 27 – 117,204, 207.
137. Салими Аюбзод. Синамои тоҷик ва "миллионери хомуш"-и Тоҷикистон / С. Аюбзод. //Ҷумҳурият. – 2015, 5 янв.
138. Сангова, Х. Синамо дирӯз ва имрӯз / Х. Сангова. // Ҷумҳурият. – 2015, 15 окт.
139. Солехов, Ш. Назре ба адабиёти даврони истиқлолият / Ш. Солеҳов. // Известия Академиии наук Республики Таджикистан. –2006, № 3, – С. 72 (русӣ)
140. Сорокина, И. Дрижёр аз ИМА. / И. Сорокина // Народная газета. – 1995, 25 февраля. (русӣ)
141. Стрех, И. Пулҳои дӯстӣ. / И. Стрех // Народная газета. – 2004, 15-уми май. (русӣ)
142. Суҳбат бо директори Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфулло Давлатов соли 2017.
143. Суҳбат бо директори Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов, Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Толиб Бобоев соли 2018
144. Табаров, М. Театр ва Истиқлол. / М. Табаров // Тоҷикистон.- 2010 № 6 – С. 47-49.
145. Театри калон дар Тоҷикистон // Народная газет.-2004, 7. Ноябр. (русӣ)
146. Театри Ҷавонон дар Эрон // Тоҷикистон № 1-2, 2010, с.-25.
147. Тоҷидинов А. Анҷумани Осмони давлатҳои муштаракулманофеъ. / А. Тоҷидинов // Шоми Душанбе.-2011, 2-юми июл.
148. "Фалак" – анъана ва замони муосир // Шоми Душанбе. – 2004, 2 апрел.
149. Фарзонаи, Ф. Дастоварди синамои тоҷик / Ф. Фарзонаи. // Ҷумҳурият. –2014,3 янв.

150. Фарҳанг пулест барои густариши ҳамкориҳо // Тоҷикистон № 3, соли 2008, с-25.
151. Фестивали “Баҳористон” // Адабиёт ва санъат.-2008, 12 май.
152. Фестивали байналмилалии мусиқӣ // Адабиёт ва санъат.-2010, 29 апрел.
153. Фестивал-симпозиуми байналмилалӣ // Адабиёт ва санъат.-2011, 12 май.
154. Ҳарамгули, Қ. Барои ороиши саҳнаи театр мутахасис намерасад / Ҳ. Қодирова. // Ҷумҳурият. – 2015, 28 июл.
155. Худойбердиев С. Мусиқии суннатии Суғди бостонӣ / С. Худойбердиев // - Хуҷанд, 2008.-16 с.
156. Ҳасанова, М. Ҳамкории фарҳангии Тоҷикистону Россия дар мисоли фарҳанги мусиқӣ, солҳои (1991-2011) / М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2016.-№3/1-С. 94
157. Шарифҷон, О. Парвози нави “Парасту” /О. Шарифҷон. // Тоҷикистон. -2009, № 7 - С. 30-31.
158. Шахнозаи, М. Барнома иҷро нагардидааст /М. Шаҳноза. // Ҷумҳурият. – 2015, 26 май.
159. Шашмақом ва диди нави тадқиқию иҷроӣ // Адабиёт ва санъат.-2009, 25 июл.

**Авторефератҳо ва дисертатсияҳо:**

160. Акрамова, С.Х. Музыкальное искусство Таджикистана в 20-30-х гг. Дис. … канд. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 1997.-157с
161. Акрамова, С.Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946-2015гг.). Дис. … док. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 2018. - 304 с.
162. Абдухамидов, Ф. Развитие культуры Республики Таджикистана в годы независимости (1991-2016). дис. канд. ист. наук: 07.00.02: - Душанбе, 2016. - 191с.

163. Азизи, Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционого музыкального творчества таджиков: Автореф. докт искусств. - Новосибирск, 2009.-50 с.

164. Азизӣ, Ф. Мақом ва фалак ҳамчун падидаи эҷодиёти мусиқии суннатии тоҷикон: Диссерт.-доктори санъатшиносӣ.- Новосбирск. - 2009. – 305 с.

165. Каримова, Р. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.): Автореф. дис…канд. ист. наук. /Р. Каримова. - Душанбе, 2012. -24 с.

166. Кабилова, Б.Т. История станавления развития компазиторского искусства в Таджикистане Дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 - Душанбе, 2005 – 175 с.

167. Муминова, Х.А. Вклад женшин в развитӣии музыкальной куьтуры таджикистана во второй половине XX – начале XXI вв. дис. канд. ист. наук: 07.00.02.- Душанбе, 2014.-150 с.

168. Рустамов, Д.А. Профссиональная традиционная песнно- музыкалная культура насиления Северного Таджикистана на рубеже XX-XXI вв. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 -Худжанд, 2012.-183 с.

169. Табаров, М.С. Отражение исторических собитий в современной таджикской театральной культуре годы независемости. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02.- Душанбе, 2006.-174 с.

170. Хасанова, М.М. Музыкальная жизнь Таджикистана в конце XX-начале XXI вв. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02- Душанбе, 2017.-152с.

**Манбаъҳои интернетӣ:**

171. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Парламенту страны 15 апреля 2008 г. // [Электронный ресурс] Режим доступа. http: // www. President.tj/ru/node/867 Таджикское кино - 2013.

172. Год надежд и трудностей от 29 декабря 2013 г. - http:// rus. ozodi .org/ content/ article/25215374.html (дата обращения 01.01.2014).

173. Таджикское кино - 2013. Год надежд и трудностей от 29 декабря 2013 г. - http:// rus. ozodi .org/ content/ article/25215374.html (дата обращения 01.01.2014).
174. Ташаббуси Оғо-Хон дар соҳаи эҷодиёти мусиқии Осиёи Марказӣ URL: http:// www. Akdn. Org/ tadjikistan_culture_r. asp.
175. Doraiswamy R. Tadjik dawn. / R. Doraiswamy. //Cinemaya. – 1992. - №13.
176. Дебюти оркестри ҷавонон. www muzcentrum. ru. «Новости» 09. 2008.
177. Деятельность по культуре в Таджикистане // http: // www. Akdn. Org/ Tajikistan- culture –r. asp/ Таджикское кино - 2013.

## 3. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд

[1- М] **Яқубшоев А.Х.** "Парасту"- зодаи Истиқлолият / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми донишгоҳи миллииТоҷикистон.- №3/5 - Душанбе, 2017. – С. 153-159.
[2- М] **Яқубшоев А. Х.** Театральное искусство суверенного Таджикистана и вклад театров в развитие общей культуры населения / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- №2 - Душанбе , 2018. –С. 73-80.
[3- М]**Яқубшоев А.Х.** Санъати синамои тоҷик дар солҳои истиқлолият ва тамоюли рушди он / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 8 - Душанбе, 2019. - С.212-216.
[4-М] **Яқубшоев А. Х**. Театральное искусство в Республике Таджикистан: прошлое и настоящее развитие / **А. Х. Яқубшоев** // Вестник науки. - №12(57) – Тольятти, 2022. -С.576-589.
[5- М] **Яқубшоев А. Х**. Нақши фестивал-озмуни "Дидор" дар густариши ҳунари синамои тоҷик / **А. Х Яқубшоев //** Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 2 (50). –Душанбе, 2023.- С. 278-282.

[6- М] **Яқубшоев А.Х., Расулиён Қ.Р.** Возрастание роли театрального искусство в современном обществе. / **А. Х Яқубшоев, Қ.Р. Расулиён** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 4 (52). –Душанбе, 2023.- С. 268-275.

**Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо ба чоп расида:**

[7-М] **Яқубшоев А. Х.** Фарҳанги миллӣ зинатбахши ҷаҳон аст / **А. Х. Яқубшоев** // Тоҷикистон.- №7 - 2015. - С. 17-22.

[8- М] **Яқубшоев А. Х.** Нақши Фестивал - озмунҳо дар пешрафти санъати саҳнавӣ / **А. Х. Яқубшоев** // Тоҷикистон - №10, 2016.-С.16-21

[9-М] **Яқубшоев А. Х.** Развитие театрального искусство в годы независимости Республики Таджикистана. / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо. - №2-3 (26-27), Душанбе, 2017. – С. 82-90.

[10- М] **Яқубшоев А. Х.** Муносибати синамогарони тоҷик бо синамогарони кишварҳои хориҷа. / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо. - №2-3 (26-27), Душанбе, 2017. – С. 82-90.

[11- М] **Яқубшоев А. Х.** Саҳми театрҳои касби дар рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон / **А. Х. Яқубшоев** // Паёмномаи фарҳанг. - №3 соли 2018. – С.52-56.